***Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| № | Номгӯи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| 3 | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5 | Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6 | Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| 7 | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8 | Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9 | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10 | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11 | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

***Маъхаз:*** *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451.*

Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ низ бо роҳҳои рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян намудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад. Истифодаи нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сари аҳолӣ барои якчанд сол имконият медиҳад, ки аз рӯйи он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин мавҷудияти озуқаворӣ барои истеъмоли аҳолӣ арзёбӣ шавад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои муваффақ шудан дар роҳи раҳо намудани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон аз камбизоатӣ ва таъмини онҳо бо маҳсулоти баландсифат ва дар ин замина таъмини бехатарии озуқаворecho кишвар дар сатҳи ҷаҳон муҳим дониста мешавад. Соҳаи озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар мамлакатҳои дунё ба хатару монеаҳои гуногун, аз ҷумла ҷунбиши демографӣ, тағйирёбии иқлим, маҳдудияти захираҳои табиӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Дар вазъи бавуҷудомада тавассути васеъсозии заминҳои кишт, сермаҳсулгардонии заминҳои кишоварзӣ (обёрӣ, оҳакандозии заминҳо, таъмин намудан бо нуриҳои минералӣ ва ғайра), истифодаи методу усулҳои инноватсионӣ, ҳифзи табиат, омӯзиш ва татбиқи сохтори иқтисодиёти кишварҳои тараққикарда, қабул ва татбиқи стратегияҳои рушди мамлакат ва гузаронидани чораҳо оид ба ислоҳоти аграрӣ таъмини минбаъдаи бехатарии озуқаворӣ мамлакат мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати кӯҳсор буда, масоҳати умумии захираҳои замин дар соли 2019 ҳамагӣ 14137,9 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 3658,2 ҳазор га. заминҳои истифодаи кишоварзӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2**

***Замини умумӣ ва замини истифодаи кишоварзӣ (ҳазор гектар)***

| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Масоҳати умумии замин - ҳамагӣ | 14255,4 | 14255,5 | 14137,6 | 14137,7 | 14137,7 | 14137,7 | 14137,9 |
| Ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ | 3614,7 | 3617,5 | 3604,6 | 3611,9 | 3638,5 | 3658,2 | 3669,4 |
| аз он ҷумла обӣ | 592,0 | 591,8 | 593,8 | 593,9 | 594,5 | 594,5 | 597,4 |
| аз онҳо мазруъ | 662,0 | 658,4 | 655,6 | 653,2 | 650,6 | 657,3 | 659,0 |
| аз он ҷумла обӣ | 461,7 | 458,3 | 456,3 | 454,5 | 452,9 | 451,7 | 455,3 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 126,5 | 131,8 | 137,0 | 140,4 | 144,4 | 148,2 | 150,9 |
| Замини алафдаравӣ | 17,3 | 17,3 | 17,5 | 17,6 | 17,4 | 15,8 | 15,8 |
| Чарогоҳ | 2777,9 | 2780,0 | 2764,8 | 2771,5 | 2797,5 | 2809,6 | 2818,0 |
| Замини боир | 31,0 | 30,0 | 29,3 | 29,7 | 28,3 | 27,1 | 25,7 |

***Маъхаз:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе- 2019, с.285.*

Бояд қайд намуд, ки 75,0 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагонӣ мекунанд ва зиёда аз 65 %-и даромади аҳолии кишвар аз соҳаи кишоварзӣ мебошадки ин барои такмил додани усули арзёбии бехатарии озуқаворӣ истифодаи нишондиҳандаҳои бо истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманд мусоидат менамоянд.

Муносибатҳои иқтисодии байни субъектони истеҳсолоти кишоварзӣ хусусиятҳои худро доранд, ки онҳоро аз муносибатҳои иқтисодии соҳаҳои дигари хоҷагии халқ фарқ мекунанд. Ин дар натиҷа, хусусияти аломатҳои рақобатпазирии субъектони соҳаро низ муайян менамояд.

Дар маҷмуъ ҳамаи ширкаткунандагони системаи заминистифодабариро ба чор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: давлат дар симои мақомоти ҳокимияти сатҳҳои гуногун; моликони замин; соҳибкорон-иҷоракороне, ки дар асоси қонунҳои бозорӣ ба истеҳсоли маҳсулот машғуланд, истеҳсолоти кооперативӣ ё фермерӣ ва кормандони кироям хоҷагиҳои кишоварзӣ. Ҳама ширкаткунандагон манфиатҳои гуногун доранд, бинобар ин аломатҳои рақобатпазирӣ ҳам барояшон гуногун мебошанд. Масалан, барои молики замин - иҷорадеҳ истеҳсолоте рақобатпазир хоҳад буд, ки дар шакли рента самара медиҳад; барои соҳибкори иҷорагир рақобатпазирӣ маънои имконияти фоидаи бештарро аз фаъолияти худ дорад, корманди кироя, монанди корманди кооператив истеҳсолотеро рақобатпазир хоҳад ҳисобид, ки он дар шакли музди меҳнат даромад медиҳад.

Ҳамин тавр, рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) минтақаҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ мавҷудияти маҳсулоти рақобатпазири тавлиднамудаи истеҳсолкунандагони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва рақобатпазирии худи мамлакатро муайян менамояд.

Ба назари мо, омилҳои рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷумҳурӣ ҳамон омилҳои сатҳи давлатӣ мебошанд. Вале маҷмӯи бартариҳои рақобатии бисёре аз минтақаҳо гуногун буда, ба онҳо имкони самараноктар пеш бурдани истеҳсолоти кишоварзиро таъмин мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба туфайли доштани заминҳои ҳосилхез ба соҳаи кишоварзии тараққикарда дохил мешавад.

**Адабиёт:**

1.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. *URL:* http: // www.president.tj.

2.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22.12.2017 [манбаи электронӣ]. *URL:* http: // www.president.tj.

3.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2018, с.271

4.Солиев А.А. Модернизация системы продовольственного обеспечения региона и ее кластеризации / А.А. Солиев, И.С. Фасихов, / Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.-2012, №2/2.- С. 3-9.

5.Фасеҳзода И.С. Ҳолат ва роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ) 2019, №2 (18), саҳ.52-59

6.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе- 2019, с.285

**РАҲИМЗОДА МАХМАД ЗАБИР,**

узви вобастаи АУ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон,
E-mail: zabir54@mail.ru

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ИТТИЛООТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии бозори иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки рушди иқтисодиёти ҳозираро бе ҷустуҷӯ, гирифтан, истеҳсол ва паҳн намудани иттиллот дар байни субъектҳои хоҷагӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро, иттиллоот яке аз захираҳои муҳими иқтисодӣ ва воситаи муҳими мусоидат барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Қайд карда мешавад, ки маҳсулот ва хизматрасонии иттилоотии субъектҳои хоҷагӣ ҳамчун объекти муносибатҳои молӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешаванд. Чунин иттилоот хислати молӣ дошта ва ихтиёрдори кардани натиҷаи он ҳуқуқи мутлақи соҳибкор мебошад.

***Калидвожаҳо**: иттилоот, бозори иттилоот, ҳуқуқ ба иттилоот, танзими ҳуқуқии бозори иттилоот.*

**РАХИМЗОДА МАХМАД ЗАБИР,**

член корреспондент Академии наук Республики Таджикистан,
доктор юридических наук, профессор, Деятель науки и техники Таджикистана
E-mail: zabir54@mail.ru

## Правовое регулирование рынка информации в Республике Таджикистан

**Аннотация**

В данной статье исследуются актуальные проблемы правового регулирования рынка информации в Республике Таджикистан. Отмечается, что развитие современной экономики нельзя представить без поиска, получения, производства и распространения информации между хозяйствующими субъектами. Информация является одним из основных

экономических ресурсов и важным средством способствующим достижению конечного результата экономической и предпринимательской деятельности. Указывается, что продукция и информационное обслуживания, как объект товарного отношения, осуществляется хозяйствующими субъектами на основании договора. Информация имеет товарный характер, и распоряжение их результатами является абсолютным правом предпринимателя.

***Ключевые слова:*** *информация, рынок информации, право на информацию, правовое регулирование рынка информации.*

**RAHIMZODA MAKHMAD ZABIR,**

Corresponding member of the Academy of Science of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law,
Worker of Science and Technology of Tajikistan,
E-mail: zabir54@mail.ru

**Legal regulation of information market in the Republic of Tajikistan**

**Annotation**

The article discusses actual problems of information market legal regulation in the Republic of Tajikistan. It is noted that development of current economy is impossible without searching, receiving, producing and distributing information among economic entities. Information is one of the main economic resources and important means contributing to achieve economic and entrepreneurial activities outcomes. Additionally it is specified that product and information service as an objects of commercial relation are implement by economic entities on the base of agreement. Information has commercial nature and to dispose its outcomes is absolute right of an entrepreneur.

***Keywords:*** *information, information market, right to information, legal regulation of information market*

Низоми иқтисодии ҳозираро бе ҷустуҷӯ, гирифтан, истеҳсол ва паҳн намудани иттиллот дар байни субъектҳои хоҷагӣ тасаввур кардан мумкин нест. Зеро иттиллоот яке аз захираҳои муҳими иқтисодӣ ва воситаи муҳими мусоидат барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад [1]. Ҳамагуна субъекти хоҷагӣ барои бастани аҳдҳо (шартномаҳо), паст кардани сатҳи таваккал пешаки таҳқиқотҳои машваратӣ ё бозорӣ гузаронида ва шароитҳои гуногуни бозориро дар асоси иттилооти бадастовардааш баҳо медиҳад. Дар фаъолияти соҳибкорӣ муносибатҳои иттилооти, масалан пешниҳод намудани иттилоот барои бақайдгирӣ, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагӣ, иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият, иҷозатдиҳӣ, пешбурди ҳисоби муҳосибӣ ва оморӣ, интиқол додани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин ҳангоми амали намудани уҳдадориҳои шартномавӣ дар байни соҳибкорон ва ғайра бо таври доимӣ анҷом дода

мешавад. Аз ин ҷо иттилоот ҳамчун мол ва маҳсули меҳнати инсон метавонад барои иваз намудан ва истеъмол пешниҳод карда шавад, қобилияти қонеъ намудани талаботи шахс ва ба ҳайси воситаи истеҳсоли неъматҳои моддӣ хизмат намояд. Муносибатҳо оид ба иттилоот дар байни соҳибкорон, соҳибкорон ва истеъмолкунандагон, инчунин дар байни соҳибкорон ва сохторҳои оммавию ҳуқуқӣ дар шахсияти мақомоти ваколатдори он бавуҷуд меоянд. Ҳангоми амалӣ намудани муносибатҳои зикршуда ба назар гирифтани манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ шарти зарурӣ ва асосии танзими муносибатҳои иттилоотӣ баҳисоб меравад. Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ, қатъгардӣ ва доираи амали намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳуқуқӣ гражданӣ ва соҳибкориро оид ба иттилоот ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба танзим медарорад реҷаи ҳуқуқии иттилоотро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намоем, ки иттилоот мафҳуми мураккаб ва бисёр ҷабҳа буда, танҳо хислати хусусӣ-ҳуқуқӣ надошта, балки хислати оммави-ҳуқуқӣ низ дорад. Агар меъёрҳои танзимкунандаи иттилоот ҳамчун мол хислати хусуси-хуқуқӣ дошта бошад, пас муносибатҳо оид ба гирифтани он (паҳн кардан, нигоҳ доштан, истифода) метавонанд дар асоси шартнома дар байни субъектҳои хоҷагӣ (хусуси-хуқуқӣ) ва дар асоси ариза ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ (оммави-хуқуқӣ) амали карда шавад. Аз ин ҷо таҳқиқи танзими ҳуқуқии иттилоот ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқҳои маданӣ (гражданӣ) танҳо дар доираи ҳуқуқӣ маданӣ ғайриимкон мебошад. Пас иттилоот хислати комплексӣ дошта объекти танзими ҳуқуқи соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ низ мебошад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад (м. 1 Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 “Дар бораи иттилоот” [2] ва м. 2 Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008 “Дар бораи дастраси ба иттилоот” [ 3]). Аз мафҳуми зикршуда маълум мегардад, ки иттилоот маълумот дар бораи чизе, аз ҷумла ашё буда, на худи ашё мебошад. Ҳамин тавр, иттилоот унсури мустақили материя (оламӣ моддӣ) ва категорияи баробар ба ашё буда [4], дар баробари ашё объекти мустақили танзими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ буда, хислати идеалӣ дорад. Пайдоиши иттилоот дар муомилоти тиҷоратӣ дар шароити ҳозира боиси рушди муносибатҳои молию пулӣ дар ин соҳа гардид ва иттилоот моле эътироф грдид, ки арзиш, арзиши истеъмолӣ ва қобилияти ивазнамоӣ дорад. Барои истифода дар ҷараёни амалинамоии фаъолияти соҳибкорӣ иттилоот дар асоси шартномае, ки дар байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони баста мешавад ба даст оварда мешавад. Ин боиси ташаккул ёфтани бозори иттилоот гардида, ва дар он хариду фурӯши маҳсулоти иттилоотии зарур анҷом дода мешавад. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоотро ба ҳайси объекти ҳуқуқҳои маданӣ эътироф намуд. Ба ҳайси объекти мустақили ҳуқуқҳои маданӣ эътироф намудани иттилоот на танҳо аз аҳамияти давлатӣ ва тиҷоратӣ доштани он дар муомилоти гражданӣ, балки аз зарурияти ҳифзи он ҳамчун неъматӣ ғайримоддии озодона паҳншавада низ ба миён меояд. [ 5]

Дар Қонуни ҶТ “ Дар бораи иттилоот” омадааст, ки маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти иттилоотӣ машғуланд, метавонад объекти муносибатҳои молӣ гардад. Дар чунин ҳолат нарх ва нархгузорӣ ба онҳо ба истисно ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, тибқи шартнома муқаррар карда мешавад (м.

35 Қонун дар бораи иттилоот). Ҳамин тавр, моҳияти молии доштани иттилоотро ҳамчун объекти муносибатҳои маданию соҳибкорӣ [6] қонунгузорӣ муайян менамояд.

Барои ихтиёрдори намудани натиҷаи иттилооте, ки хислати молӣ дорад соҳибкор (шахс) ҳуқуқи мутлақ дорад. Ҳамзамон бо сабабе, ки иттилооти мазкурро имкон доранд шахсонӣ гуногун ба даст оранд, мазмуни чунин ҳуқуқи мутлақ то дараҷае сусттар гардида, танҳо дар якҷояги ба ӯҳдадориҳои шартномавӣ метавонад амал намояд. Муҳимияти онҳо танҳо дар он ифода меёбанд, ки онҳо қисми таркибии ӯҳдадориҳои шартномавиро ташкил дода, аҳамияти мустақилро доро намебошанд. Вале ҳангоми анҷом додани ӯҳдадориҳои шартномавӣ бо расонидан ва гирифтани хизмати иттилоотӣ ба ӯҳдадорӣ ҳузуру ҳаловат бахшида мешавад [7 ].

Бояд қайд намоем, ки иттилоот ҳамчун неъмати ғайримоддӣ боиси фасурдашавии маънавӣ, на ҷисмонӣ мегардад. Ҳамзамон, дар як вақт ба даст дароваранда ва истифодабарандаи иттилоот шумораи бемаҳдуди шахсон шуда метавонанд. Онҳо метавонанд шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат бошанд. Аз ин ҷо дар бораи хислати нусхави ва ҳам беинтиҳо будани иттилоот низ сухан рондан мумкин аст. Агар дорандаи иттилооти интиқол додашуда онро нав ба даст даровaрда бошад, гуфтан мумкин нест, ки дорандаи пешина онро дар ихтиёри худ нигоҳ надоштааст.Қайд кардан бамаврид аст, ки ба ғайр аз иттилооти якбора объекти моликияти зеҳнӣ ё сиррӣ тиҷоратӣ эътироф карда шуда (сирри истеҳсолӣ), қонун ҳуқуқи истиснои доштан ва истифодаи иттилоотро ба ягон кас лозим намедонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки иттилоот дорои низоми муайян мебошад, ки хусусияти дигари онро ташкил медиҳад. Низоми иттилоотӣ-маҷмӯи асноди аз нигоҳи ташкилӣ танзимшуда, ҳаҷми аснод ва технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро татбиқ месозанд, иборат мебошад. Чи тавре, ки мебинем техналогияи иттилоотӣ қисми таркибии низоми иттилоотӣ буда, дар охири охирон аз фондҳои иттилоотӣ, низоми иттилоотии электронӣ, китобхонаҳо ва ғ. иборат мебошад. Дар низоми иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотии телекоммуникатсионӣ маълумотҳои электронӣ истифода бурда мешавад. Маълумоти электронӣ додан ё гирифтанӣ иттилоотро аз ҷониби истифодабаранда дар шабакаи иттилоотӣ телекоммуникатсионӣ дар назар дорад. Худи шабака низоме мебошад, ки ба воситаи техникаи ҳисоббаробаркунӣ ивазнамоии иттилоот анҷом дода мешавад. Гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, яъне тартибдиҳӣ, истифода, нигоҳдорӣ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар шакли рақами электронӣ ба воситаи технологияҳои иттилооти коммуникатсионӣ амалӣ карда мешаванд (зербанди 2 м. 1 Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 “Дар бораи ҳуҷҷатҳо электронӣ” [8]; зербанди 3 м.2 Қонуни ҶТ аз 30 июли соли 2007 “Дар бораи имзои электронии рақамӣ” [9]).

Хусусияти танзими ҳуқуқии иттилоот дар шабаки Интернет аз он иборат аст, ки дар ҳомили моддӣ мавҷуд намебошад, зеро маълумот дар шакли визуалӣ интиқол дода мешавад. Масалан, аҳдҳое, ки дар шабакаи Интернет баста мешаванд ба воситаи пулҳои электронӣ дар асоси кортҳои бонкӣ (Амонатбонк, Ориёнбонк ва ғ.) ва шабакаҳои компюторӣ (ба воситаи ҳамёнҳои электронӣ, ки мол, хизмат ва ғ-ро пардохт кардан мумкин аст) пардохт карда мешаванд.

Ҳангоми амали намудани ҳуқуқ ба иттилоот дорандаи он ӯҳдадор аст, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро риоя ва ҳифз намояд, инчунин дастраси ба онро маҳдуд намояд. Гирифтан ва истифодаи иттилоот мумкин аст бо дастраси умумӣ ва маҳдуд анҷом дода шавад. Иттилооти дастраси умумӣ ҳамчун объекти фаъолият аз маълумотҳои ахбори омма, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва иттилоотҳои ҳатман пешниҳодшаванда иборат мебошад. Иттилооти дастрасиаш маҳдуд тибқи низоми ҳуқуқӣ ба пинҳонӣ ва махфӣ ҷудо карда мешавад. Маҳдуд кардани дастрасии иттилоот бо мақсади таъмини ҳифз ва бехатарии он анҷом дода мешавад**.** Иттилооти пинҳонӣ маълумоте мебошанд, ки дар соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдории шахсони алоҳидаи воқеӣ ё ҳуқуқӣ қарордошта ва мумкин аст бо хоҳиши молик ба таркиби маълумоти давлатӣ дохил карда шаванд (зербанди 14. м. 1 Қонун дар бораи иттилоот). Он иттилооте дорои реҷаи махсус дониста мешавад, ки ошкор шудани онҳо метавонад ба иқтисодиёт, ҷамъият ва давлат дар кул зарар расонад. Дастрасии он ба шаҳрвандон, инчунин тартиби муносибат ва ҳифзи онро мақомоти дахлдори давлатӣ бо риояи талаботи Қонуни ҶТ аз 26 июли соли 2014 «Дар бораи сирри давлатӣ»[10] муайян менамоянд(м. 26).

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дорои иттилооти махфии тиҷоратӣ, касбӣ, корӣ, истеҳсолӣ, бонкӣ ва хусусияти дигар дошта мебошанд [11], сирри мувофиқи қонун пешбининамударо вайрон накарда, низоми дастрасӣ ва ҳифзи онро муайян мекунанд. Онҳо соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории онро ҳамчун соҳибмулк амалӣ менамоянд. Қонуни ҶТ аз 18 июни соли 2008 “Дар бораи сирри тиҷоратӣ” [12] ва моддаи 153 КГ ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ, ки дорои иттилооти махфӣ мебошад, сирри тиҷоратиро дохил менамоянд. Сирри тиҷоратӣ махфияти иттилоотие мебошад, ки имконият медиҳад ба дорандаи он дар ҳолати мавҷуда ё имконпазир даромадашро зиёд гардонад, ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳад, мавқеашро дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ нигоҳ дорад ё худ фоидаи дигари тиҷоратӣ ба даст орад. Ба иттилооти дорои сирри тиҷорати дошта, иттилооти илмӣ-техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ (ноу-хау), молиявию иқтисодӣ ё худ дигар иттилооти дорои арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ, ки бинобар сабаби онро надонистани шахсони сеюм, ки наметавонанд ин иттилоотро дар асоси қонун озодона дастрас намоянд ва нисбати он дорандаи чунин иттилоот низоми сирри тиҷоратиро ҷорӣ кардааст (зербанди 2.м.1 Қонун).

Тибқи моддаи 153 КГ қонун маълумоти дорои сирри тиҷоратиро дар ҳолате ҳифз мекунад, ки ба сабаби ба шахси сеюм маълум набуданаш арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дорад ва барои истифодаи озодона дастрас набуда, дорандаи маълумот ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани он тадбирҳо меандешад. Ҳамин тавр, барои ин ё он иттилоотро ҳамчун сирри тиҷоратӣ этироф намудан он бояд ҷавобгӯӣ се шарт бошад:

1)Иттилоот бинобар ба шахси сеюм маълум набуданаш бояд арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта бошад. Ба тариқи дигар, вай бояд ҳамчун мол барои субъекти фаъолияти соҳибкорӣ аҳамият дошта бошад ва ба сифати объекти хариду фурӯш, мубодила ё дигари муомилот дар бозор баромад намояд;

2)Иттилоот дар асоси қонун набояд барои истифодаи озодона дастрас бошад. Дорандаи иттилоот уҳдадор намебошад, ки ба шахсони муҳтоҷи ин иттилоот онро ба музд ё ин ки бемузд пешниҳод намояд;

3) Дорандаи иттилоот ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани он бояд тадбирҳо андешад, яъне аз тариқи воситаҳои ахбори умум фош нанамояд, ба дару деворҳо начаспонад, ташвиқу тарғиб нанамояд, дар ҷойҳои ба ҳама дастрас нигоҳ надорад ва ғайра. Ҳуқуқи ихтиёрдори кардани сирри тиҷоратӣ ба дорандаи он тааллуқ дорад. Аз ин ҷо қонун сирри тиҷоратиро ҳаматарафа ҳифз менамояд ва бинобар ин шахсоне, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ чунин маълумотро ба даст даровардаанд, инчунин хизматчиёне, ки хилофи шартномаи меҳнатӣ ё рақибоне, ки хилофи шартномаи ҳуқуқи гражданӣ сирри тиҷоратиро фош кардаанд, бояд товони зарари расонидаро диҳанд (қ. 2 м. 153 КГ). Вобаста ба ҳолати фош намудани сир нисбати шахсони ба он мансуб, тарзҳои ҳифзи дар моддаи 12 КГ пешбинигардидаро татбиқ кардан мумкин аст. Муносибати байни дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ва рақибони он оид ба ҳифзи махфияти иттилоот бо қонун ва шартнома ба танзим дароварда мешавад. Талаботи Қонун дар бораи сирри тиҷоратӣ ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дошта, новобаста аз ҳомиле, ки он сабт карда шудааст татбиқ мегардад. Вале додан ё пешниҳоди иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дошта, барои муомилот дар асоси шартнома бо роҳи сабт дар ҳомили моддӣ анҷом дода мешавад (м. 3 Қонун дар бораи сирри тиҷоратӣ ).

Ба чораҳои ҳифзи махфияти иттилооти тиҷоратӣ муайян намудани номгӯи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ; истифодаи он дар воситаҳои сертификатсияшудаи ҳифзи иттилоот; маҳдуд кардани дастрасии он бо роҳи муқаррар намудани тартиби истифодаи ин иттилоот ва назорати риояи чунин тартибот; ба ҳисоб гирифтани шахсони ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дастёфта ва ё шахсоне, ки ин гуна иттилоот ба онҳо расонида шудааст; ба танзим даровардани муносибатҳо оид ба истифодаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ аз тарафи кормандон дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва аз тарафи шарикон дар асоси шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ; гузоштани мӯҳри «Сирри тиҷоратӣ» дар рӯи ҳомилони (ҳуҷҷатҳои) моддии дорои сирри тиҷоратӣ ва зикри дорандаи он дохил мешаванд (м.10 Қонун).

Қисми таркибии сирри тиҷоратиро тибқи Қонун дар бораи сирри тиҷоратӣ, сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) ташкил медиҳад. Сирри истеҳсолӣ маълумоти хислати гуногуни (истеҳсолӣ, техникӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғ.) дошта, аз ҷумла натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаи илми техникӣ, инчунин маълумот дар бораи тарзи амали намудани фаъолияти касбие, ки бо сабаби ба шахсони сеюм маълум набудан арзиши воқеӣ ё ибтидоии тиҷоратӣ доранд, ва шахсони сеюм бо тартиби қонунӣ озодона ба он дастрасӣ надоранд, инчунин нисбат ба онҳо дорандаи чунин маълумот реҷаи сирри тиҷоратӣ ҷорӣ намудааст, эътироф карда мешавад. Дар ҳолати мазкур сухан дар бораи донишҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ, дастурамалҳо оид ба танзими ҷараёни тайёр кардан ва истифодаи маҳсулот ва ғ. меравад.

Намуди дигари иттилооти дорои сирри махфӣ сирри касбӣ мебошад. Сарчашмаҳои ба танзимдарории сирри касбӣ гуногун буда, намудҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла суғурта, тиб [13], сирри адвакатӣ [14], сирри аудитӣ [15], сирри натариалӣ [16] ва ғ. дар бар мегирад. Таҳлилӣ қонунгузорӣ нишон медиҳад, сирри касбӣ иттилоотӣ пинҳоние мебошад, ки ба шахс танҳо бо тавассути иҷрои уҳдадориҳои касбӣ аз ваколатдоркунандаи иттилоот маълум гардида ва маълумотҳои мазкур сирри давлатӣ намебошанд.

Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба гирифтан, нигоҳ, доранда ва истифодабарандагони сирри касбӣ мебошанд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки маълумотро ба дигар шахс бовар мекунонанд, ваколатдиҳандаи сир мебошанд.

Ба дорандагони сирри касбӣ адвакатҳо, судҳои ҳакамӣ, судҳои арбитражӣ, натариусҳо, аудитерҳо, нашриётҳои воситаҳо ахбори омма ва ғ. ки фаъолиятро ҳангоми истифодаи сирри касбӣ амалӣ менамоянд, дохил мешаванд.

Истифодабарандагони (дорандагони) сирри касбӣ шахсоне (воқеӣ, ҳуқуқӣ) шуда метавонанд, ки ба онҳо маълумотҳо қонунӣ пешниҳод карда шудааст.

---

Дорандагони сирри касбӣ барои фош намудани сирри касбӣ ҷавобгариро ба зимма доранд. Масалан, адвакатҳо уҳдадоранд, ки маълумоти сирри касбиро, ки ба онҳо ваколатдиҳанда вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ бовар кардааст фош накунанд (қ. 1 м. 10 Қонун 18 майи соли 2015 “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвакатӣ” [17] ). Дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқӣ ваколатдҳанда вай метавонад манфиатҳои худро бо тартиби маъмурӣ ва судӣ ҳимоя намоянд.

Сирри бонкӣ низ ба категорияи сирри махфӣ дохил мешавад. Гардиши иттилоот дар соҳаи бонкӣ дар байни субъектҳои фаъолияти бонкӣ, ҳангоми анҷом додани амалиётҳо ва аҳдҳои бонкӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбини намудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад. Барои ҳамин ҳам дорандаи сирри бонкӣ Бонкӣ миллии ҶТ ва ташкилотҳои кредитӣ (қарзӣ) мебошанд. Маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, сирри бонкӣ мебошад. Тибқи моддаи 48 Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 “ Дар бораи фаъолияти бонкӣ” [18] маълумоти зерин сирри бонкӣ дониста мешавад:

1) дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён;

2) дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагони) онҳо;

3) дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қимматбаҳои муштарӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Маълумоте, ки ба сирри бонкӣ мансуб мебошад, танҳо ба соҳиби суратҳисоби бонкӣ ва соҳиби ашёи қимматбаҳо ё намояндаи онҳо; ба фиристонандагон ва гирандагони интиқолҳои пулӣ; ба Бонки миллии Тоҷикистон; ба палатаи ҳисобот вобаста ба аудити муштарии ташкилоти қарзӣ дар қисми хизматрасонии маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва қарзи давлатӣ; дар асоси қарори (таъинотӣ) суд (судя) ба судҳо; вобаста ба ҳуҷҷатӣ иҷро ба иҷрочии суд дар асоси қарори иҷрочии суд**;** дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя) ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба муштариёни ташкилотҳои қарзӣ: ба мақомоти андоз аз рӯи масъалаҳои пардохти андози шахсони ҳуқуқӣ ва бюрои қарз дода мешавад (м. 48 Қонун).Додани иттилоот тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда анҷом дода мешавад.

**Адабиёт**

1. Рахимов М. З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. -Душанбе: “ Деваштич”, 2007. – с. 198-201.

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164.

3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №6, мод.469.

4. Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ. Душанбе, 2019. -С.301.

5. Гаюров Ш. К. Свобода информации и личное информационное право граждан: теория и практика: монография. –Москва,2009.-с.79-80.

6. Меликов У. А. Проблемы правового режима объектов гражданских прав в интернете. -Душанбе, 2018.-с. 205

7. Дзорцов В. А. Понятие исключительного право. \\Юридический мир. 2000. №4.-С 4-5; Лапач В. А. Система объектов гражданских прав.-Санкт-Петербург, 2002. –С 473-474.

8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2002, №4, қ.1, мод.308; с.2005, №12, мод.637; с.2012, №12, қ.1, мод.1002; с. 2013, № 7, мод. 523; ҚҶТ аз 31.12.2014, № 1174.

9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 6, моддаи 532; №7, мод. 682, мод. 560; с. 2011, №3, мод. 166.

10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 392; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1185.

11. Эзоҳ.:Истифодаи ибораи “сир” дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо намудҳои ҳамроҳкурдашудаи “тиҷоратӣ”, “хизматӣ”, “бонкӣ”, “аудитӣ”, “тиббӣ” ва ғайра ҳамчун синоними маълумотҳое, истифода бурда мешавад, ки номаълуманд ё ин ки бояд барои шахсони сеюм номаълум бошанд.

12. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, № 6, мод. 461.

13. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 \Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 270.

14. Қонуни ҶТ „Дар бораи адвакатура ва фаъолияти адвакатӣ“ аз 18 марти соли 2015\Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; №11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1391.

15. Қонуни ҶТ „Дар бораи фаъолияти аудиторӣ“ аз 22 июли соли 2013. \Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №7, мод.521; Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 с., № 114.

16. Қонуни ҶТ „ Дар бораи нотариати давлатӣ“ аз 16 апрели соли 2012.\ Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 260; с. 2013, №6, мод. 408; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1438.

17. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; №11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1391.

18. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 331; с. 2010, №7, мод. 555; с. 2011, №12, мод. 846; с. 2013, №11, мод. 786; с. 2014, №11, мод. 663.

**СОҲИБОВ МУҲАММАДҶОН МАҲМАДАЛИЕВИЧ,**

дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
шаҳри Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел: 904 41 50 50, E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

**РАҲИМОВ ДИЛОВАР ҚОСИМОВИЧ,**

ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, 734003 кӯчаи Саид Носир 33,
тел: (93) 853 83 96. E-mail: rakhimov dilovar@list.ru

## УНСУРҲОИ ШАРТНОМАИ ИҶОРАИ БИНО ВА ИНШООТ

**Аннотатсия**

Дар мақола унсурҳои асосии шартномаи иҷораи бинову иншоот ҳамчун яке аз намуди ҷудогонаи шартномаи иҷора таҳлил гардидааст. Дар он мафҳум, вижагиҳо ва дигар ҷанбаи унсурҳои асосии шартнмаи мазкур баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои таҳлил намудани унсурҳои шартномаи мазкур ин дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои иҷоравӣ аст.

***Калидвожаҳо:*** *бино, иншоот, шартнома, унсур, тарафҳо, предмет, шакл, муҳлат, нарх, мазмун, ҳуқуқ, уҳдадорӣ*

**СОХИБОВ МУХАММАДДЖОН МАХМАДАЛИЕВИЧ,**

доцент кафедры гражданского права юридического факультета ТНУ,
кандидат юридических наук,
г. Душанбе, 734025, проспект Рудаки 17,
Тел: 904 41 50 50, E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

**РАХИМОВ ДИЛОВАР КАСИМОВИЧ,**

ассистент кафедры сравнительного права и правоведения
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе, 734003, Саид Носир 33,
тел: (93) 853 83 96. E-mail: rakhimov dilovar@list.ru

## Элементы договора аренды зданий и сооружений

**Аннотация**

В статье анализируются основные элементы договора аренды зданий и сооружений как одного из отдельных видов договора аренды. В ней рассматриваются концепция, особенности и другие аспекты основных элементов этого соглашения. Было отмечено, что одной из целей анализа элементов этого соглашения является установление надлежащих арендных отношений.

***Ключевые слова:*** *здания, сооружения, договора, аренда, элементы, стороны, предмет, форма, срок, цена, содержание, право, обязательство.*

**SOHIBOV MUHAMMADJON MAHMADALIEVICH,**

Associate Professor of the Civil Law Department, Faculty of Law,
Tajik National University,
Candidate in Law,
Dushanbe, 734025, 17, Rudaki Avenue
Phone: 904415050. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru

**RAKHIMOV DILOVAR QOSIMOVICH,**

assistant of the Department of Comparative Law and Jurisprudence
of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 734003, 33, Said Nosir
Phone: (93) 853 83 96. E-mail: rakhimovdilovar@list.ru

## Elements of building and construction lease contract

**Annotation**

The article analysed main elements of building and construction lease contract as one type of lease contract. It considers concept, features and other aspects of main elements of this agreement. There was note that one of the purposes of analyzing that agreement's elements is to establish proper leasing relations.

***Keywords:*** *buildings, structures, contracts, lease, elements, parties, subject, form, term, price, content, law, obligation.*

Унсурҳои шартномаи иҷораи бино ва иншоотро тарафҳо, предмет, шакл, муҳлат, нарх ва ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо ташкил медиҳад.

Тарафҳои шартномаи иҷораи бино ва иншоот – иҷорагир ва иҷорадеҳ мебошанд. Таҳқиқи шартномаи иҷораи бино ва иншоот бидуни муайян сохтани вазъи ҳуқуқии тарафҳои ин шартнома аз имкон берун аст. Зеро яке аз унсурҳои асосии шартномаи мазкурро вазъи ҳуқуқии тарафҳо ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, муайян намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳо дар шартномаи иҷораи бино ва иншоот яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ ба сифати субъектони шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат) баромад карда метавонанд. Шартномаи иҷораи бино ва иншоот, ки яке аз намудҳои ҷудогонаи шартномаи иҷора ба шумор рафта, як нуктаро бояд қайд кард, ки ба сифати тарафҳои шартномаи мазкур бояд субъектоне баромад намоянд, ки соҳибмулки объекти шартнома бошад. Инчунин, ба сифати тарафи шартнома субъектоне, ки аз тарафи

қонун ва ё молик барои ба иҷора додани бино ва иншоот ваколатдор карда шудаанд, баромад мекунанд. Муҳаққиқ Ф.С. Сулаймонов қайд менамояд, ки ҳеҷ гоҳ шахсе, ки дар асоси ваколатнома баромад менамояд, ба сифати тарафи мустақили шартномаи иҷора баромад карда наметавонад» [1, с. 73].

Андешаи Ф.С. Сулаймонов то андозае қобили қабул аст, аммо тибқи муқаррароти қ. 1, м. 627 КГ ҶТ ҳуқуқи ба кироя (иҷора) додани амвол ба молики он тааллуқ дорад, дар қ. 2, моддаи мазкур муқаррар гардидааст, ки ҳамчунин ашхосе, ки аз тарафи қонун ё молик барои ба кироя (иҷора) додани амвол ваколатдор карда шудаанд, метавонанд кироядеҳ бошанд [3]. Аз меъёрҳои мазкур бармеояд, ки на ҳамаи ваколатҳое, ки аз тарафи соҳибмулк барои ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул ба шахсе дода мешавад, ҳамчун тарафи мустақили шартнома баромад кардани онҳоро инкор карда лозим аст. Дар чунин ҳолат мо бояд аввал шартҳои ваколатномаро таҳлил кунем. Агар дар шартҳои ваколатнома оид ба муҳлати муайян аз номи соҳибмулк ба муносибатҳои иҷоравӣ ворид гардидани вакил қайд шуда бошад, вакил то ба охир расидани муҳлати ваколат ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки бар зимма дорад иҷро менамояд.

Ҳамин тариқ, иҷорадеҳ гуфта, шахсеро меноманд, ки ҳуқуқи ба кироя (иҷора) додани амвол ба ӯ тааллуқ дорад. Ҳамчунин ашхосе, ки аз тарафи қонун ё молик барои ба кироя (иҷора) додани амвол ваколатдор карда шудаанд, метавонанд иҷорадеҳ бошанд. Иҷорагиранда бошад, шахсе ба ҳисоб меравад, ки хоҳишманди ба кироя (иҷора) гирифтани мавриди шартнома яъне бино ва иншоот мебошад.

Мавриди шартнома иҷораи бино ва иншоот – мустақилияти ҳама гуна шартномаҳо дар ҳуқуқи гражданӣ, пеш аз ҳама, аз мавриди он вобаста аст. Илова бар ин, мавриди шартнома ифодагари мустақилияти он аст. Бинобар ин, муқаррар гардидани мавриди шартнома дар ин соҳа басо муҳим мебошад. Барои муайян намудани мустақилияти шартномаи иҷораи бино ва иншоот, ки ҳамчун як навъи вижаи шартномаи ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб меравад, муайян намудани мавриди он зарур ва ногузир аст. Барои басташуда эътироф намудани шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ бояд созиши зарурӣ байни тарафҳо оид ба шартҳои муҳим вуҷуд дошта бошад. Ба сифати яке аз шартҳои муҳимми ҳамаи шартномаҳо мувофиқи қ. 1, м. 464 КГ ҶТ [10] мавриди шартнома баромад менамояд. Мафҳум ва шарҳу тафсири қонунии мавриди шартнома то ҳол вуҷуд надорад, аммо дар назария зери ин мафҳум одатан он чизе фаҳмида мешавад, ки сабаби бастани шартнома мегардад.

А.Н. Обиденнов мавриди шартнома гуфта, мавҷудоти воқеии олами моддиро мефаҳмад, ки бевосита ба рафти иҷрои шартнома дахл доранд ва дар натиҷаи бастани шартнома инфиродӣ мегарданд. Бидуни муайян кардани он ки мавриди шартномаро чӣ ташкил медиҳад, ягон шартномаро бастан мумкин нест [11,333]. Шартнома то замоне басташуда эътироф намешавад, ки агар тарафҳо оид ба яке аз шартҳои муҳим ба созиш наомада бошанд. Мавриди шартнома он муносибатҳои асосии тарафҳо мебошад, ки тибқи шартномаи мазкур ба танзим даровярда шуда, баҳри ноил шудан ба он, тарафҳо ба ин муносибати шартномавӣ дохил мешаванд [1, 298]. Ба назари мо мавриди шартнома бо объекти он ягона буда, ин ду падида бояд як чиз фаҳмида шаванд. Ин ҳолат аз мазмуни қонунгузории гражданӣ бармеояд. Чунончи, м. 626 КГ ҶТ [12] «объектҳои иҷора» ном дорад, на мавриди иҷора. Аммо дар дигар намуди шартномаҳо ҳамин гуна масъала «мавзӯи

шартнома» номгузорӣ шудааст, на объекти шартнома. Масалан, м. 798 КГ ҶТ «мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ» ном дорад. Ҳол он ки дар ҳар ду ҳолат сухан дар бораи як унсури шартнома меравад, яъне, маврид ё объекти шартнома. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки қонунгузории граждании дар зери мафҳуми объекти шартнома ва мавриди шартнома як чизро мефаҳмад.

Ба сифати мавриди ин намуди шартнома бино ва иншоот баромад менамояд, ки ба гурӯҳи молу мулки ғайриманқул дохил шуда, бевосита бо замин робитаи наздик доранд. Бино ва иншооти объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба иҷора, ки танзими махсусро дар КГ доро мебошанд, дар робитаи ногусастанӣ доштанашон бо замин ва ғайриимкон будани ҷойивазкунии онҳо бидуни расонидани зарар ба таъиноташон ҳамчун объектҳои ғайриманқул тавсиф мегарданд. Вобаста ба ҳамин ҳолат, Н.А. Сиродоев қайд менамояд: «Дар ҳақиқат аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ амволи ғайриманқул дар як қитъаи замин аз миён рафта ва дар қитъаи замини дигар ба вуҷуд меояд. Ҳангоми бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ин ҳолатҳоро нодида гирифтан номумкин аст, чунки ҳама гуна амволи ғайриманқул ба ягон тарз ба қитъаи замини мушаххасе на балки ба замин дар умум пайастагӣ доранд. Қитъаҳои замин худ ба худ ба шумори иҷораи объектҳои ғайриманқул дохил мегарданд, ҳарчанд дар бораи амволи ғайрманқул ба таври алоҳида муносибат намоем. Ҳама гуна чизе, ки ба замин робитаи наздик  доранд ба замин ба маънои умум дохил мешаванд, на ба қитъаи мушаххаси он» [6, 91].

Дар адабиёти ҳуқуқии замони муосир оид ба муайян намудани мафҳуми «бино» ва «иншоот», инчунин муайян намудани асосҳои фарқкунандаи онҳо кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудаанд. Масалан, тибқи андешаи В.Н. Литовкин «бино ва иншоот вобаста ба беҳаракатӣ, пайвастагии устувор бо қитъаи муайяни замине, ки дар он бунёд гардидаанд, аз рӯйи сохтор ва ба мӯҳлати тӯлонии истифодабарӣ бунёд гардидан, ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ арзиши бадеӣ доранд ва барои ҳамин аз рӯйи арзиши гарон доштан, махсусан ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, меъморӣ, ки ҳамчун объектҳои беҳамто эътироф гардида, ба нарх ва арзиши онҳо таъсири мустақилона худи онҳо ва ҷойи қарордошти қитъаи замини дар зери бино ва иншоот буда, таъсир мерасонад, аз якдигар фарқ мекунанд» [4, 220].

Ба андешаи мо то ҳол оид ба тафовути байни мафҳумҳои «бино» ва «иншоот» дар замони муосир КГ ҶТ ҷавоб намедиҳад. Вале, аз маънии  ба таври  умумӣ истифодашавандаи ин ду калима ба хулосае омадан мумкин аст, ки бино барои иқомати доимии одамон бо мақсади истиқомат ё фаъолияти корӣ дар он муқаррар гардидааст ва иншоот бошад, танҳо барои мақсадҳои техникӣ хизмат намуда, одамон дар онҳо муваққатӣ қарор мегиранд.

Шакли шартномаи иҷораи бино ва иншоот – тибқи муқаррароти қ. 2, м. 466 КГ ҶТ ин намуди шартнома дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷати аз ҷониби тарафҳо имзошуда баста мешавад. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз сабаби он, ки бино ва иншоот ҳамчун ашёи ғайриманқул баромад менамояд, пас дар ин ҳолат шартномаи мазкур бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, ин меъёр дар қ. 2, м. 628 КГ ҶТ  ба таври дахлдор танзим шудааст [3].

КГ ҶТ тасдиқи нотариалии шартномаи иҷораи бино ё иншоотро талаб намекунад, вале чун ҳама гуна шартномаҳои дигари вобаста ба амволи ғайриманқул, ба истисноли ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун масалан, Н.А, Сиродоев менависад, ки: «Иваз кардани тасдиқи

нотариалӣ ба бақайдгирии шартномаҳо бечунучаро наметавонад дастгирӣ карда шавад. Ба сабаби он, ки бақайдгирии шартнома нисбат ба тасдиқи нотариалӣ мушкилтар мебошад ва аз функсияи машваратӣ, ки аз ҷониби нотариус амалӣ карда мешавад, холӣ мебошад. Ин ҳолат зарурати ҷалб намудани адвокатҳоро барои тартиб додани шартнома ба вуҷуд меорад. Андозаи муқарраргардидаи пардохт барои бақайдгирии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва шартнома бо он бениҳоят беинсофона мебошад, вале ҳеҷ чиз садди роҳи коҳиш додани андозаи боҷи давлатӣ барои тасдиқи нотариалии шартнома намешавад» [6, 28].

Дар натиҷаи гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷорӣ намудани тасдиқи ҳатмии нотариалии шартномаҳо вобаста ба амволи ғайриманқул ба таври пурра танҳо манфиатҳои як гурӯҳи, ин ҳам бошад нотариусҳоро пуштибонӣ менамояд. Ин хулоса, пеш аз ҳама, ба шартномаҳои иҷораи бино ва иншоот дахл дорад. Ин гуна иштирокчиёни шартномаҳои зикргардида, аксаран корхонаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, мақомоти ҳокимиятӣ ва худидоракунии маҳаллӣ мебошанд, ки тасдиқи ҳатмии нотариалии шартномаи бино ва иншоот барои онҳо хароҷоти иловагии вақт ва хароҷотҳои дигари моддиро ба бор меорад.

Муҳлати шартномаи иҷораи бино ва иншоот – ин намуди шартнома ба муддати на камтар аз як сол баста мешавад, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва аз лаҳзаи бақайдгирӣ басташуда дониста мешавад. КГ ҶТ низ чунин шарти муҳлатнок будани шартномаи иҷораи бино ва иншоотро дар қ. 1, м. 629 мустаҳкам кардааст. Аз табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур низ бар меояд, ки шартномаи иҷораи бино ва иншоот ҳамеша муҳлатнок мебошад, зеро объекти кироя барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии кироягир дода мшавад. Тибқи муқаррароти м. 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» муҳлати шартномаҳои кироя (иҷора), вобаста ба объект, ба ду намуд ҷудо карда шудааст: то 5 сол ва беш аз 5 сол [5]. Аммо муқаррароти қонуни мазкур дар асоси талаботи м. 2 КГ ҶТ амал карда наметавонад, зеро он моҳиятан мухолифи муқаррароти м. 629 КГ ҶТ мебошад. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки дар ин ё он меъёри Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора» шартномаҳое, ки объектҳояшонро ашёҳои ғайриманқул ташкил медиҳанд, махсусан бино ва иншоот муҳлати муайян ишора карда шавад, ки мутобиқ ба талаботи меъёрҳои КГ ҶТ бошанд.

*Нархи шартномаи иҷораи бино ва иншоот* – Шартномаи кироя (иҷора) музднок аст, зеро иҷорадеҳ барои иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба супоридани молу мулк ба соҳибӣ ва истифодаи иҷорагир, бояд охирин пешниҳодро дар намуди пардохтани маблағи иҷора гирад [9]. Пардохти иҷора дар шартномаи мазкур ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми шартнома на танҳо пардохт барои истифодабарии қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, балки пардохтҳои (хароҷоти) дигарро ҳам, ки метавонанд дар натиҷаи бастани шартнома ба миён меоянд (масалан, барои беҳгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ) дар бар мегирад. Ба ғайр аз ин, пардохти мазкур метавонад фарогири пардохтҳое бошад, ки иҷорагир бояд ба шахсони сеюм супорад. Пардохти иҷораи дар шартнома зикршуда ниҳоӣ нест ва онро тағйир додан мумкин аст.

Шакли пардохт нақдӣ ё ғайринақдӣ шуда метавонад. Иҷорапулии шартномаи бино ва иншоот, чун қоида, дар асоси шароити бозорӣ муайян карда мешавад. Ба андешаи Г.С. Харрисон ишора ба он мекунад, ки дар бозори молу мулки ғайриманқул баҳодиҳии молу мулки ғайриманқулро мутахассисони касбӣ анҷом медиҳанд [8,144]. Ба андешаи Е.М.

Перстева иҷорапулӣ муздест, ки иҷорадеҳ барои молу мулки ба истифодаи муваққатӣ додааш меситонад [7,12]. Ба унсурҳои иҷорапулӣ инҳо дохил мешаванд: таркиби пардохтҳо; андозаи пардохтҳо; усулҳои ҳисоббаробаркунӣ. Ба андешаи Е.М. Перстева ҳамаи ин унсурҳои иҷорапулӣ бояд дар асоси усули бозгардонӣ, фоидаоварӣ ва имтиёзнокӣ бунёд шаванд [7,12].

Тибқи муқаррароти қ. 1, м. 675 КГ ҶТ дар шартномаи иҷораи бино ё иншоот бояд андозаи музди иҷора пешбинӣ карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани шартҳои дар шакли хаттӣ мувофиқанамудаи тарафҳо дар бораи андозаи музди иҷора, шартномаи иҷораи бино ё иншоот басташуда ба ҳисоб намеравад. Дар ин сурат қоидаҳои муайян кардани нарх, ки дар қ. 3, м. 456 КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд, татбиқ намегарданд [3]. Аз муқаррароти меъёри мазкур бармеояд, ки андозаи иҷорапулӣ шарти ҳатмии шартномаи иҷораи бино ва иншоот ба ҳисоб меравад.

Тартиб ва муҳлати пардохти иҷорапулӣ дар шартнома бояд муайян карда шавад. Дар мавридҳое, ки агар дар шартнома муҳлати пардохти иҷорапулӣ муайян нашуда бошад, чунин ҳисобида мешавад, ки тартиб, шартҳо ва муҳлатҳое, ки маъмулан ҳангоми иҷораи бино ва иншоот ҳаммонанд ва дар ҳолатҳои муқоисашаванда истифода мегарданд, муқаррар карда мешаванд. Андозаи иҷорапулии бино ва иншооти истифодашаванда бо созиши тарафҳо дар муҳлатҳои дар шартнома пешбинигардида, аммо на бештар аз як бор дар сол таѓйир дода шаванд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи иҷораи бино ва иншоот – дақиқ муайян намудани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳои шартномаи иҷораи бино ва иншоот яке аз масъалаҳои муҳим дар танзими ҳуқуқи граждани аст. Мушкилоти дақиқ муайян кардани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳо на танҳо дар шартномаи мазкур, балки дар тамоми шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ба назар мерасад. Дар асоси иҷора истифода намудани объект тақозо мекунад, ки тарафҳои шартнома соҳиби ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян бошанд ва ин ҳуқуқу уҳдадориҳо ё дар қонун ва ё бевосита дар шартнома бояд муқаррар карда шаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, баъзан ҳуқуқу уҳдадории тарафҳои шартнома бо ибораи «мазмуни шартнома» ифода карда мешавад. Аммо дар адабиёти илмӣ ибораҳои мазкур ба таври гуногун арзёбӣ гардидаанд. Чунончи О.А. Красавчиков мазмуни шартномаро таҳлил намуда, менависад: «Мазмуни шартнома шартҳои он, ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳо ва бандҳои ташкилкунандаи матни шартномаро фаро мегирад» [13, 276-277].

Шартномаи иҷораи бино ва иншоот, ки ба ҳайси шартномаҳои дутарафа баромад намуда, ҳар ду тарафи он дорои ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ мебошанд. Бо вижагиҳои муайян, ки танзими махсусро талаб менамояд, иҷрои шартномаи иҷораи бино ва иншоот низ фарқ карда мешавад. Супоридани объекти зикргардидаи ѓайриманқул аз ҷониби иҷорадиҳанда ва қабул намудани он аз ҷониби иҷорагиранда бояд бо санади махсуси супоридан ё ҳуҷҷати дигар, ки аз ҷониби тарафҳо имзо гузошта шудааст, ба расмият дароварда шавад (б. 1, м. 630 КГ) [3].

То ба таври воқеӣ супоридани бино ва иншооти ба иҷорадодашуда ба иҷорагир ва имзо гузоштани тарафҳо дар санади супоридан ё ҳуҷҷати дигари дахлдор шартномаи иҷора иҷрогардида ҳисобида намешавад. Дар баробари ин аз супоридан (ё қабул намудан)-и ашёи дахлдор ё аз имзо гузоштан дар санади супоридан ё ҳуҷҷати дигар даст кашидани яке аз

тарафҳо, ҳамчун ҳолати даст кашидан аз иҷрои шартномаи иҷораи бино (иншоот) пазируфта мешавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки иҷорадеҳ уҳдадор мебошад, ки баъди бастани шартнома, мутобиқи тартиби дар он муқаррар кардашуда, объекти шартномаеро ки бино ва иншоот мебошад, ба иҷорагир пешниҳод намояд. Инчунин, иҷорадеҳ бо объекти дахлдор ба иҷорагир тамоми лавозимот ва ҳуҷҷатҳои марбут ба онро пешниҳод менамояд, ба шарте, ки агар дар шартнома ягон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Ҳуқуқи асосии иҷорадеҳ ин талаб намудани пардохти иҷорапулӣ мебошад, ки тартиби он дар қонун (КГ) ва шартномаи иҷораи бино ва иншоот, ки аз ҷониби тарафҳо муайян карда мешаванд.

Чунон, ки мо дар боло ишора намудем, шартномаи иҷораи бино ва иншоот табиати музднокро доро мебошад, пас ҳамеша дар шартномаи мазкур уҳдадории асосии иҷорагир ин пардохт намудани маблағи иҷора мутобиқи тартиботе, ки дар шартнома ва қонун дарҷ карда шудааст, мебошад. Қонун ба тарафҳо имконият додааст, ки маблағи иҷораро на танҳо ба таври пулӣ, балки бо мувофиқаи тарафҳо (нақдӣ ва ғайринақдӣ), якбора, давра ба давра, аммо бо тарзҳои дигар низ пардохт карда шавад. Ҳуқуқи асосии иҷорагир ин ҳама вақт талаб намудани пешниҳоди мавриди шартнома буда ва чунин пешниҳод бояд ба талаботҳои қонун ва худи шартномаи мазкур басташуда сурат мегирад [2, 72-74].

Ҳамин тариқ, шартномаи иҷораи бинову иншоот яке аз шартномаҳои классикӣ дар шароити имрӯза ба ҳисоб рафта, яке аз роҳҳои дуруст истифода бурдани шартномаи мазкур, пеш аз ҳама, муайян намудани унсурҳои асосии он мувофиқи мақсад мебошад. Ҳар як шахс имкон пайдо мекунад, ки аз чунин воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва хусусиятҳои манфиатноки шартномаи мазкур огоҳ гарданд.

**Адабиётҳо:**

**1.** Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул Ғаюров Ш.К. ва Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, Эр-граф, 2014. – 424 с.

**2.** Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 2 / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 508 с.

**3.** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ. 1, 2 ва 3). – Душанбе: Матн, 2011. – 1032 с..

**4.** Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая: Договоры о передаче имущества. – М.: «Статут», 2003. – 800 с.

**5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора” декабри соли 1990.

**6.** Карамышева О.В., Герасимова Е.Л. Некоторые правовые аспекты создания и ведения Государственного земельного кадастра Российской Федерации в условиях рынка // Государство и право. – 1998 – № 3. – С. 28–37.

**7.** Перцева Е.М. Финансово-правовое регулирование возврата излишне уплаченной арендной платы при аренде государственного (муниципального) имущества // Правовые вопросы строительства. – 2008. – № 1. – С. 12.

**8.** Харрисон Г.С. Оценка недвижимости. – М.: 1994. – С. 144.

**9.** Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореферат. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 33 с.

Муаллиф дар мақола таърихи рушди муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлобро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 баррасӣ менамояд. Муаллиф қайд мекунад, ки новобаста аз идома доштани ҷанг, дар ин солҳо шаклҳои гуногуни хадамоти муосири тиббӣ таъсис ва рушд ёфтаанд. Ҳамзамон кор дар самти аз байн бурдани манбаҳои бемориҳои сироятӣ, ки ба усулҳои анъанавӣ табобати онҳо имконнопазир буд, идома ёфт. Дар як муддати кӯтоҳ, бо истифода аз неруи табибони аз дигар маҳалҳо омада муяссар гардид, ки бисёр бемориҳои сироятӣ мағлуб ва тибби муосир бунёд карда шавад.

***Калидвожаҳо:*** *тиб, бемории сироятӣ, табобат, ҷанг, Шӯравӣ, муассисаҳои тиббӣ, табиб.*

**МАХМАДОВ ИБРОХИМ МИРЗОШАРИФОВИЧ,**

старший преподаватель кафедры философии и гуманитарных наук
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
г. Душанбе, улица Саид Носир 33
Тел: 935-92-98-78 E:mail: mim-1212@mail.ru

## Развитие здравоохранения Кулябского региона в период Великой Отечественной войны 1941-1945 годов

**Аннотация**

В данной статье автор рассматривает историю развития медицинских учреждений на территории Кулябского региона в период Великой Отечественной войны 1941-1945 годов. Автор отмечает что, несмотря на военное время, в эти годы получили развитие разные формы современного здравоохранения. При этом продолжалась работа по ликвидации очагов эпидемических заболеваний, которые не подавались традиционным методам лечения. За очень короткий срок силами приезжих врачей удалось победить многие эпидемические заболевания и создать современную медицину.

***Ключевые слова:*** *медицина, великая, инфекционная болезнь, лечение, война, Советская, медицинское учреждение, врач*

**MAHMADOV IBROHIM MIRZOSHARIFOVICH,**

Senior lecturer of Philosophy and Humanities Department of
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: 935-92-98-78 E:mail: mim-1212@mail.ru

**Health activities in Kulyab region during the Great Patriotic War in 1941-1945**

**Annotation**

The author deals with the history of health activities in Kulyab region during the Great Patriotic War in 1941-1945 in this article. Author notes that despite of the war there was developed various forms of modern healthcare in that period. In addition, the work on elimination of epidemical deceases flashpoints what were not resist to traditional medicine was continued. For the short time by the effort of out coming doctors, most epidemical diseases were managed to defeat.

***Kew words:*** *medicine, great, disease, treatment, war, Soviet, institutions, doctor.*

Давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз душвортарин давраҳои таърихи давлатдории Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор меравад, зеро дар ин давра қисми зиёди сарзамини ин кишварро ҷанг фаро гирифт ва шумораи зиёди сокинони он барои иштирок дар ин ҷанг сафарбар карда шуд. Вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вобаста ба оѓози ҷанг комилан таѓйир ёфт. Шумораи зиёди ҷавонон ва мутахассисони соҳаи тиб ба сафи Армияи сурх даъват шуданд.

Корнамоиҳои меҳнаткашони Тоҷикистон аз он ҷумла, кормандони соҳаи тиб бори нахуст дар асарҳои Сечкина Л.П. мавриди таҳлили пурра қарор гирифта буд. [1,57]. Дар шакли таҳқиқоти алоҳида корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби тоҷик дар рисолаи номзадии Марченко М.А. ба таври муфассал таҳлил гардидаанд. Дар рисолаи илмӣ аз он ҷумла таърихи тибби тоҷик солҳои 1941-1945 ва саҳми кормандони соҳаи тиб дар хатти ҷабҳа ва ақибгоҳ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. [2,160]

Рушди соҳаи тандурустӣ ҳамчун қисми муҳими хоҷагии халқ дар солҳои ҷанг дар асарҳои Протопалов Д.З. ва Усмонов Ҷ. инъикоси худро ёфтааст. Нуктаҳои алоҳидаи рушди соҳаи тиб дар асарҳои «Тоҷикистони Шӯравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ва маҷмӯаи «Ягонагии фронт ва ақибгоҳ», ки дар ҳаммуаллифии Вишневский А.В., Ҷалилов А. ва Руднитский Ш. В. таълиф шудаанд, инъикос ёфтааст. [3,104]

Дар ин мақола муаллиф мақсад дорад, ки вазъияти тибби минтақаи Кӯлобро дар ин солҳо мавриди таҳқиқот қарор диҳад.

Ҳанӯз соли 1940 Шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб норасоии кадриро ба назар гирифта, нақшаи таъмини беморхонаҳоро бо табибон тартиб дод. Аз рӯйи ин нақша дар соли

1941 дар вилоят бояд шумораи умумии кормандони соҳаи тандурустӣ ба 372 нафар ва шумораи табибон бошад, ба 111 нафар мерасид. Аммо маълумоти моҳи декабри соли 1940 нишон дод, ки дар вилоят танҳо 38 нафар табиби дорои маълумоти олӣ кор мекунанд, ки 30 нафарро занон ташкил мекарданд. Аз рӯйи меъёри аҳолӣ дар вилоят бояд 104 нафар табиб фаъолият мекард. Норасоии табибон 66 нафарро ташкил дод. Аз меъёри муайяншуда дандонпизишкӣ дар вилоят ҳамагӣ 1 табиб кор мекард. Меъёри кормандони соҳаи тибби миёна 372 нафарро ташкил медод вале дар вилоят танҳо 151 нафар кормандони зинаи миёнаи тиббӣ кор мекарданд. Таъмин намудани соҳа бо кормандони баландихтисос бо рафтани муттахасисон аз вилоят алоқамандӣ дошт. Чунончи, дар соли 1940 ба вилоят 16 табиб омада бошад, худи ҳамон сол 16 нафар табиб вилоятро тарк намуд.

Норасоии табибон дар баъзе маврид кормандони зинаи миёнаро (ҳамшираҳои тиббӣ) маҷбур мекард, ки кори муолиҷаро иҷро намоянд. Аммо дар баъзе минтақаҳои дурдасти вилоят, ба монанди деҳаи Чубек (ноҳияи Фархор), деҳаи Сари Чашма (ноҳияи Шӯрообод) ва деҳаи Йоли ноҳияи Даштиҷум хизматрасонии тиббӣ тамоман вуҷуд надошт.

Мушкилии дигаре, ки ба пешрафти соҳаи тандурустӣ монеъ мешуд, нарасидани воситаҳои нақлиётӣ буд. Дар соли 1940 нақлиёти соҳаро ҳамагӣ 1 автомашина ва 31 сар асп ташкил мекарданд. [4.д. 8. в.34 ]

Дар баробари ин дар ҳудуди вилоят ягон озмоишгоҳи тиббии химиявӣ ва утоқи рентгенӣ амал намекард ва ин табибонро маҷбур мекард, ки беморонро барои ташхиси озмоишгоҳӣ ба маркази ҷумҳурӣ - шаҳри Сталинобод фиристонанд.

Дар шароити ҷангӣ табибон бештар ба табобати даъватшудагон ҷалб шуда буданд. Соли 1940 76 фоизи беморон аз ҷумлаи даъватшудагон аллакай табобат гирифта, ба сафи Армияи сурх сафарбар гардиданд.

Дар соли 1941 ба ғайр аз сохторҳои шуъбаи тандурустӣ дар вилояти Кӯлоб инчунин ҳашт отряди экспедитсияи эпидемиологиии Вазорати тандурустии Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият мекард, ки ба сифати кӯмак барои бартараф кардани афзоиши бемориҳои сироятӣ даъват шуда буданд.

Аммо бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ вазъиятдар кишвар тағйир ёфт, зеро қисми зиёди табибони беморхонаҳо барои табобати беморону маҷрӯҳони Армияи сурх ба беморхонаҳои ҳарбӣ фиристода шуданд. Илова бар ин, ба Ҳукумати Шӯравӣ лозим омад, ки тамоми ҷузъутомҳои ҳарбии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақарбударо, аз ҷумла, ҳарбиёни вилояти Кӯлобро низ ба хатти ҷабҳа фиристонад. Аз ин фурсати муносиб истифода карда, баъзе боқимондаҳои унсурони зиддишӯравӣ ва душманони Ҳукумати Шӯравӣ аз нав сар бардоштанд ва ба муборизаи мусаллаҳона бархостанд. Дар вилояти Кӯлоб низ гурӯҳи босмачиҳо барои мубориза муттаҳид шуданд. Онҳо дар ибтидо роҳбарону кормандони сохторҳои ташкилкардаи Ҳукумати Шӯравиро ба қатл расонда, баъд баъзе муассисаву корхонаҳоро сӯзонда, несту нобуд карданд. Муассисаҳои тиббӣ низ истисно набуданд, онҳо баъзе табибонро ин давра низ ба қатл расонида ва бунгоҳҳо ва табобатхонаҳои баъзе ноҳияҳо ба замин яксон карда шуданд. Душвории дигаре, ки дар назди мардум меистод, ин хурӯҷ кардани бемориҳои сироятӣ буд. Тобистони соли 1941 бемории вараҷа тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлобро фаро гирифт. Дар ноҳияи Кангурт бемории сӯхтанӣ ва дар ноҳияи Данғара бемории сили устухон хеле авҷ гирифта буд. Шумораи зиёди беморон дар ноҳияи

Колхозобод ба қайд гирифта шудаанд. Соли 1941 миқдори муассисаҳои тиббии ноҳияи Колхозобод ба маротиб афзуд. Дар деҳаҳои Тугарак ва Қурбоншаҳид амбулаторияҳои тиббии деҳотӣ ба фаъолият оғоз карданд. Дар маркази ноҳия ва деҳаҳои атрофи он се нуқтаи тиббӣ ва нуқтаи машваратхонаии занон ба кор оғоз намуданд. Соли 1941 қисми ҳарбии дар ноҳияи Колхозобод муқимбударо ба ҷанг фиристоданд ва бинои холишударо ба ихтиёри шуъбаи тандурустии ноҳия гузоштанд, ки он дар кӯчаи Кирови шаҳрак воқеъ буд. Пас аз таъмиру тармими зарурии бинои номбурда, беморхонаи марказии ноҳия ба ин ҷо кӯчонида шуд.

Мувофиқи маълумоти мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Читахова Г.Н. то соли 1941 дар ноҳияи Шӯрообод 1 беморхона, 1 стансияи тропикӣ ва 3 бунгоҳи тиббӣ ба мардуми ноҳия ёрии тиббӣ мерасонданд, аммо бо оғоз гардидани и эпидемия онҳо аз уҳдаи кор намебаромаданд. Дар ноҳияи Данғара барои пешгирии бемориҳои сироятӣ ва муолиҷаи беморон аз Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бисёр табибон ба ноҳия омаданд. Сироятшиносон корро аз эмгузаронии саросари мардум оғоз карданд. Дар муддати як сол зиёда аз ду ҳазор нафар аҳолӣ бар зидди бемориҳои сироятӣ эм кунонда шуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонвӣ гурӯҳи олимон ва табибони ботаҷрибаи соҳаи сироятшиносиро барои омӯхтани ҳолати беҳдоштиюу эпидемиологии минтақа ва муолиҷаи беморон ба вилояти Кӯлоб фиристод. Дар ҳайати ин гурӯҳ табибони байторӣ низ буданд. Гузоришҳо ва маълумоти ин гурӯҳро Ҳукумати Тоҷикистон ба инобат гирифта, миқдори муайяни табибони атфол ва сироятшиносро барои кор ба вилояти Кӯлоб фиристод. Дар ҳамин сол дар шаҳри Кӯлоб нуқтаи бемории байторӣ кушода шуд. Сарфи назар аз тамоми душвориҳо барои солимгардонӣ аз Чумҳурии Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ табибон ба вилояти Кӯлоб омаданд. Сироятшиносон корро аз эмгузаронии саросарии аҳолӣ оғоз карданд. Дар муддати як сол зиёда аз ду ҳазор нафар бар зидди бемориҳои сироятӣ эм кунонда шуданд.

Паҳншавии эпидемияи вараҷа ва хурӯҷи дигар бемориҳои сироятӣ ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии мардуми Кӯлобро ниҳоят вазнин намуд. Мақомоти ҳукумати вилоят ва сарварони шуъбаи тандурустии вилоят чораҳои таъхирнопазир диданд. Дар ибтидо чораҳои зиддиэпидемӣ ва зидди бемории вараҷаро дар тамоми ноҳияҳои вилоят ташкил намуданд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят илова ба муассисаҳои вуҷудудошта боз 11 стансияи тропикӣ, 11 нуқтаи санитарӣ таъсис дода шуданд. Дар ин радиф аз ҳисоби маблағгузории маҳаллӣ дар ноҳияҳои вилоят боз 10 гурӯҳи зидди бемории вараҷа ва пешгирии он ташкил карда шуд. Дар натиҷаи омӯзиш ва санҷиши доимии вазъи санитарию эпидемиологии ноҳияҳои вилоят лозим дониста шуд, ки боз 30 кати иловагӣ дар ноҳияҳои гирифтори эпидемия кушода шаванд.

Дар шаҳри Кӯлоб ва тамоми ноҳияҳои вилоят корҳои зиёд оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ аз тарафи стансияи беҳдоштӣ-эпидемиологӣ ва гурӯҳи безараркунандаи тиббӣ гузаронида шуданд. Эмкунии саросарии аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят бетаваққуф идома дошт. Бар зидди бемориҳои сироятӣ дар як муддати кӯтоҳ 55 ҳазор нафар эм кунонида шуданд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллии ноҳияҳо тамоми одамони қобили меҳнатро барои аз миён бардоштани ботлоқзорҳо ва тоза кардани заҳбуру ҷӯйборҳо сафарбар карданд.

Алалхсус, барои кори табибон душвориҳои зиёд дар соли 1942 ба миён омад. Дар ин сол дар якчанд ноҳияҳои вилоят эпидемияи оммавии бемории малярия ва сил ба миён омад. Маҳз бо ҳамин сабаб дар соли 1942 миқдори таваллуд 935 нафар ва шумораи фавт 1343

нафарро ташкил дод. Дар миёни бемориҳои дигар аъзои комиссия паҳншавии бемории тиф ва маляририяро махсусан хатарнок ҳисобиданд, ки ҳолати бақайдгирии ин бемориҳо дар ноҳияи Даштиҷум (52 ҳодиса) ва шаҳри Кӯлоб (27 ҳодиса) ба қайд гирифта шуданд. Дар ин давра паҳншавии малярия дар шаҳри Кӯлоб хеле ташвишовар буд. Дар семоҳаи аввали соли 1942 теъдоди 1323 нафар гирифтор ба бемории мазкур ба қайд гирифта шуданд.

Дар вилояти Кӯлоб соли 1942 гурӯҳи махсуси кормандони тиб тафтишот гузаронида, натиҷаи онро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Гурӯҳи махсуси ҳукуматӣ ба ду тақсим шуда, гурӯҳи аввал бо роҳбарии корманди НКВД Понамарев Д.И. ва табиб Читахова Г.Н. ба ноҳияҳои Муъминобод, Колхозобод, Шӯрообод ва гурӯҳи дувум бо сардории табиб Попов П.А. ва корманди НКВД Ганин А.Н. ба шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Кӯлоб сафар намуданд. Санҷиш аз 23 май то 8 июни соли 1942 идома намуд. Сатҳи баланди фавти кӯдакон ба он овард, ки 7 июни соли 1942 ба ҳалли ин масъала органҳои НКВД низ вазифадор шуданд. Онҳо муваззаф гардиданд, ки кори табобати кӯдакон, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ташвиқоти истифодаи эмкуниро таҳти назорати қатъӣ гиранд.

Ба тамоми душвориҳои солҳои ҷанг нигоҳ накарда, Ҳукумати онвақтаи Тоҷикистон таъмини беморхонаҳоро бо лавозимот ва хӯроку пӯшок ба пуррагӣ таъмин намуд. Дар назди беморхонаҳо хоҷагиҳои ёрирасон фаъолият мекарданд, ки беморхонаро бо маҳсулоти ширӣ, тухм ва меваю сабзавот таъмин мекарданд. Аммо бо вуҷуди муҳайё гардидани тамоми шароит дар беморхонаҳои вилоят ҳанӯз ҳам таваллуди кӯдакон ба таври анъанавӣ дар хона сурат мегирифт. Аз ҷумла, дар солҳои 1941-42 танҳо 7-9 % кӯдакон дар беморхонаҳои вилоят таваллуд шуда буданд.

23 июни соли 1942 дар иҷлосияи Шӯрои вилоятии Кӯлоб масъалаи фаъолияти беморхонаҳо ба муҳокима гузошта шуд. [5. Д. 8. в.67] Дар ин ҷаласа камбудиҳои аз тарафи Комиссияи хукуматӣ ошкоршуда ба самъи ҳамаи аъзои Шӯрои вилоятӣ расонида шуд ва вазифаҳои мушаххас ба шахсони масъул барои бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда гузошта шуданд. Соли 1942 эмкунии такрорӣ гузаронида шуд, ки он 142 500 беморро фаро гирифт. Мақсади асосии иқдоми мазкур дар он буд, ки дар миёни захмдорон бемориҳои маҳаллӣ паҳн мешуд. [6. 300]

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ дар вилоят табибони касбии дорои маълумоти олӣ намерасиданд. Дар тамоми қаламрави вилоят ба 7,5 ҳазор нафар аҳолӣ 1 нафар табиби дорои маълумоти олӣ рост меомад. Муассисаҳои тиббӣ интизори табибони нав буданд. Мувофиқи талаботи шуъбаи тандурустии вилоят барои беҳтар кардани сатҳи хизматрасонии тиббии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳо моҳи июни соли 1942 аз Федератсияи Росия ба вилояти Кӯлоб як гурӯҳ табибони ҷавон бо роҳхат фиристода шуда, дар муддати кӯтоҳ ба табобатхонаҳои марказии ноҳияҳо тақсим шуданд.

Барои беҳтару хубтар ба аҳолӣ наздик кардани хизматрасонии тиббӣ дар ибтидои соли 1942 дар назди беморхонаи вилоятӣ ташхисгоҳи муоинаи клиникии сайёр ташкил карда шуд. Дар он табибони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи тиббӣ кор мекарданд. Дар ҳолати хурӯҷи бемориҳои сироятӣ ва бад шудани вазъи беҳдошти саломатии мардум, ташхисгоҳи сайёр ба ноҳияҳои вилоят фиристода мешуд.

Дар шаҳри Кӯлоб ва тамоми ноҳияҳои вилоят корҳои зиёд оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ аз тарафи стансияи беҳдоштию эпидемиологӣ ва гурӯҳи безараркунандаи тиббӣ гузаронида шуданд.

Ба чунин ҳолати ногувори иқтисодиву иҷтимоӣ нигоҳ накарда, Ҳукумати Шӯравӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дастур дод, ки дар муддати кӯтоҳ муассисаҳои тиббиро барқарор намуда, кори муътадили онҳоро ба роҳ монад. Табибоне, ки аз муассисаҳои тиббӣ ба сафи Армияи Советӣ даъват шуда буданд, баъди ҷанг боз ба ҷойҳои кории аввалаашон баргардонида шуданд. Ҳамин тавр, муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб тадриҷан ба реҷа ва маҷрои кории пешазҷангӣ бармегаштанд. Бояд қайд намуд, ки душвориҳои муваққатии солҳои ҷанг ба системаи тибби минтақаи Кӯлоб зарари калон расонид, зеро дар ин солҳо бо сабаби нарасидани доруворӣ ва мутахассисони ботаҷриба хурӯҷи баъзе аз бемориҳои сироятӣ аз сари нав мушоҳида гардид ва ин боиси дубора ташкил кардани кори стансияҳои тропикӣ гардид, ки дар солҳои 50-ум ба ин кор машғул буданд.

**Адабиёт**


1. Л.П.Сечкина, Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны, Душанбе,1960 с.57.
2. Марченко М.А. Вклад здравоохранения Таджикистана в победе в Великой Отечественной войне 1941-1945 гг..- диссер. 14.00.33.- Душанбе 2004.-(160 с.)
3. Р.Набиева, Ф.Зикриёев, История Таджикистана в XX и начале XXI века, Душанбе, 1999, с.104.
4. Фонд 86, опись 1, дело 8.- Доклад от 1941-1942 годов.- Л.34
5. Отдел здравоохранения исполнительного комитета Кулябского областного совета депутатов трудящихся. Дело №9 докладные записи отдела здравоохранения Кулябской области за 1940 год и план за 1941 год.
6. Фонд 86, опись 1, дело 8.- Доклад от 1941-1942 годов.- Л.67
7. Кувшинская Д.Р. История советской медицины.- М.., 1968.520с.



**МИРЗОЕВА САВРИГУЛ ДАВЛАТКАДАМОВНА,**

муаллими калони кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода

гузаргоҳи 1 хонаи 8, ҳуҷраи 26, тел. 935880615.

## БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА МАШҚҲОИ ДАМГИРӢ БАРОИ ИНКИШОФ ДОДАНИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Аннотатсия**

Муаллиф дар мақоли илмӣ иброз медорад, ки дар шароити имрӯза барои шавқовар гузарондани дарс ва фаъол будани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бештар бояд аз методи фаъоли таълим истифода гардад. Зеро истифодаи маводи дидактикӣ дар рафти дарс ва гузарондани дарс ба тариқи бозӣ ё фаъолият барои пурратар аз худ намудан ва мустаҳкам намудани мавзӯҳои таълимӣ, хубу шавқовар гузаштани ҷараёни дарс мадад мерасонад. Дар мақола бештар бозиҳои дидактикӣ ҷой дода шудааст, ки рағбати хонандагонро бедор хоҳад кард.

***Калидвожаҳо:*** *бозиҳои таълимӣ, захираи луғавӣ, саводомӯзӣ, ҷараёни таълим, синфҳои ибтидоӣ, маводи дидактикӣ, хонанда.*

**МИРЗОЕВА САВРИГУЛ ДАВЛАТКАДАМОВНА,**

старший преподаватель кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, г. Душанбе, ул. М.Турсунзода
1 проезд д. 8, кв. 26, тел. 935880615

## Учебные игры и досуговые упражнения для развития словарного запаса учеников на уроках родного языка

**Аннотация**

Автор статьи в своей работе отмечает, что в настоящее время для того, чтобы учащимся начальных классов было интересно, и они были активны, необходимо использовать активные методы обучения. В статье отмечается, что обширный материал и использование дидактических приёмов в ходе урока и проведения занятий помогает учащимся лучше освоить и закрепить содержание занятий. В статье рассматриваются дидактические игры, которые развивают интерес учащихся к занятиям.

***Ключевые слова:*** *учебные игры, словарный запас, обучение грамоте, процесс обучения, начальные классы, дидактические приёмы, учащиеся.*

**MIRZOEVA SAVRIGUL DAVLATKADAMOVNA,**

Senior Teacher, Department of Pedagogy and Inclusion of
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
Republic of Tajikistan, Dushanbe, 8, M.Tursunzoda Str. apt. 26
Phone: 935880615.

**Educational games and exercises for developing of pupils' vocabulary on the lessons in native language**

**Annotation**

The author of the article notes in her work that at present, in order to make the pupils of primary schools interested and active, it is necessary to use active teaching methods. The author of the article based on extensive material and use of didactic materials during the lessons, helps the pupils master better and consolidate the topics of lessons. The article deals with didactic games that develop pupils' interest to lessons.

*Keywords: educational games, vocabulary, literacy, learning process, elementary classes, didactic materials, pupils*

Давраи саводомӯзӣ, махсусан, дар моҳи аввали таълим дар синфи якум аз муаллим заҳмати зиёд, саъю кӯшиши густардаро тақозо мекунад. Хонандагоне, ки ба синфи якум меоянд, ниҳоят серҳаракатанд, онҳо бештар ба бозӣ таваҷҷуҳ доранд ва дар дарс диққати устувор надоранд. Аз ин лиҳоз, вазифаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мутобиқ кардани бачаҳо ба дарс, омӯзонидани ҳарфҳо ва гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ мебошад. То оғози таҳсил омили пешбарандаи хонанда бозӣ буд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор низ дарсро бояд ба тариқи фаъолияти саргармкунанда ё бозӣ бояд гузаронад.

Мувофиқи дастури Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз салоҳиятнокӣ дарс мегузаранд. Истифодаи ин методи мазкур ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ кумак мерасонад, ки бачаро ҳар чи тезтар ба дарс мутобиқ намояд.

Вазифаи муаллим ба шогирдон бо овози пасту ҳалим муроҷиат намудан буда, ҳаракатҳои онҳоро дар раванди дарс ба ҷараёни таълим нигаронидан яке аз воситаҳои самарабахш гардонидани ҷараёни таълим мешавад.

Хонандагон ниҳоят серҳаракат мебошанд, аз ин лиҳоз, дар замонҳои пеш барои баровардани нерӯи онҳо дақиқаҳои дамгирӣ ташкил карда мешуд. Онҳо ниҳоят ҳассосанд, ҳама гуна некию бадиро бо тезӣ қабул мекунанд, дар онҳо системаи марказии асаб ҳанӯз хуб инкишоф наёфтааст, аз ин бармеояд, ки аз намудҳои гуногуни мусобиқаҳо зиёд истифода кардан дуруст нест, онҳо ҳоло ғами «бой додан, бохтан» - ро дар мусобиқаҳо ҳазм карда наметавонанд, барои онҳо ин бисёр вазнину сангин, бо оби чашму андӯҳ сипарӣ мегардад. Онҳо ба тезӣ хаста мешаванд. Аз ин рӯ, намудҳои фаъолияти онҳоро тағйир додан, супоришҳоро рангоранг намудан мувофиқи мақсад аст.

Тавре, ки дар боло қайд карда шуд, диққати хонандагон дар ҷараёни дарс ноустувор аст. Онро чӣ тавр мустаҳкаму устувор намуд? Муаллим бояд дарсро мувофиқ бо равиши

салоҳиятнокӣ гузаронад. Муаллими синфҳои ибтидоӣ маводи таълимро ба хонандагон тавре бояд пешниҳод кунад, ки он мувофиқи хоҳиши ва шавқи онҳо бошад. Методикаи таълим собит намудааст, ки ҳар он чизе ба шогирдон ҷолибу шавқовар пешкаш шуд, ӯ онро ба осонӣ ба хотир мегирад. Аз ин чунин бармеояд, ки дар таълими савод дарсро мувофиқ бо бозӣ гузаронида бамаврид аст. Муаллим маводро ба система даровварда, мақсади онро ба бозӣ мутобиқ карда, ба шогирдон пешниҳод мекунанд.

Бояд муаллим дар хотир дошта бошад, ки бозии шогирдони синфҳои ибтидоӣ ин бозии томактабии онҳо нест. Бозӣ дар мактаб, пеш аз ҳама, мақсади таълимӣ дорад, он бояд диққати шогирдро ба маводи таълимӣ ҷалб намояд, зимни бозӣ шогирд бояд донишҳои нав гирад, ӯро ба муҳокимаронӣ, фикр кардан водор намояд.

Нуктаи муҳими дигар ҷанбаи тарбиявӣ доштани бозиҳо мебошад. Бозӣ дар шогирдон қобилияти фикр намудан, бодиққат муносибат кардан, маҳорати бо тезӣ ёфтани ҳалли масъаларо тарбия намуда, тасаввуроти онҳоро бояд инкишоф диҳад. Дар ин методика хонандагон эҳсос менамоянд, ки синф як гурӯҳи ба ҳам дӯсту тифоқ буда, ҳангоми мушкилӣ ба кӯмаки онҳо муаллиму рафиқонаш меоянд ва бо осонӣ мушкилотро сипарӣ менамояд.

Вобаста ба хусусиятҳои синусолӣ ва имкониятҳои ақлонии шогирдон, айёниятҳо ва маводи дидактикӣ ҳам дар таълим мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин яке аз шартҳои бомуваффақият аз худ намудани муҳтавои мавзӯи дарс ба шумор меравад.

Равоншиносон ва методистон собит сохтаанд, ки дар шогирдони синфи якумо ҳиссиёти лафзӣ нисбат ба ҳиссиёти биноӣ ба кундӣ инкишоф ёфта, онҳо чизи дидашударо ва фаъолияти онҳо зудтару осонтар ба хотир мегиранд. Аз ин ҷост, ки истифодаи айёният ва ё бозӣ яке аз талаботҳои асосӣт дар раванди таълим дар мактабҳо ба шумор мервад. Зеро тавассути бозӣ шогирдон маводи таълимиро аввалан, осону ҷолиб аз худ намоянд, сониян, он дар мустаҳкамкунӣ мавқеи махсус дорад. Бозӣ, шиддат гирифтани фаъолияти фикрӣ ва дар заминаи он инкишоф ёфтани нутқу тафаккури шогирдонро таъмин мекунад. Маҳз истифодаи нутқ ва дигар маводи иловагӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки таълими тафриқиро воқеӣ намояд, шогирдонро ба кори мустақилона водор сохта, бо хонандагони дар дарс ақибмонда кор барад. Агар муаллим аз рӯйи салоҳиятнокӣ методи аёниятро истифода намуда, онро бо тариқи фаъолнокӣ ё бозӣ гузаронад, албатта ҳам дар хотираи шогирд ба осонӣ боқӣ мемонад ва ҳам дар ҷараёни дарс ӯ худро фаъол нишон медиҳад. Беҳтар мешуд, ки аёният низ бо меҳнати дасти худи шогирдон тайёр карда шавад. Хонандагон дар ин лаҳза ҳам меҳнати дастӣ ва ҳам аз рӯи барномаи таълимӣ маводро аз худ менамоянд.

Истифодаи маводи дидактикӣ дар ҷараёни дарс дарс ва гузаронидани дарс бо тариқи бозӣ барои пурратар аз худ намудан ва мустаҳкам намудани мавзӯъҳои таълимӣ, хубу шавқовар гузаштани дарс мадад мерасонад. Аз тарафи дигар, он барои таъмини кори мустақилонаи хонандагон воситаи муҳиме мебошад. Агар бо ёрии маводи дидактикӣ донишҳои грамматикии шогирдон аз тарафи худи онҳо санҷидаву мустаҳкам гардад, ҳамзамон дар инкишофи нутқи онҳо таъсири мусбат мерасонад. Чунончи, истифодаи расм ва шарҳу эзоҳи муаллим.

Пас аз он ки тавассути методи таҳлилу таркиб овози нав ба шогирдон дастрас гардид, аз алифбои бурида шакли чопии ҳарф нишон дода мешавад ва мавриди мустаҳкам кардани овози нав фаро мерасад, омӯзгор методи монандкунии овоз ва ҳарфро ба ашё ва садоҳои

табиат аз фикру ақидаи худи хонандагон мепурсад ва бо диққат гӯш фаро дода дар охир ҷавоби дурустро пешниҳоди хонандагон мекунад.

Масалан, таълими овоз ва ҳарфи «Б, б» дар дарси забони модарӣ (дар синфи 1)

Сараввал шогирдонро ба гурӯҳҳо ҷудо менамоем ва ба онҳо вазифа месупорем, ки бо ҳарфи «Б» гурӯҳи якум чистон ва гурӯҳи дигар шеър тайёр менамояд. Шогирдон ин вазифаро иҷро намуда, онро муаррифӣ менамоянд. Барои мустаҳкам кардани мавзӯъ омӯзгор аз бозии «Давоми шеър ё чистон аз шумо» - ро истифода мекунад:

Қабат-қабат печидааст,
Ҷойи холӣ надоштааст.
*****
Реза кунед онро агар,
Дида шавад аз об тар.
*****
Хӯрок ба он бониёз,
Номи он бувад... (пиёз)

Шогирдон ҳама бо як овоз - «пиёз» гӯён мисраи шеърро пурра мекунанд.

Сипас, диққати шогирдон ба расмҳо равона карда мешавад. Расмҳои бодбони киштӣ, барг, барра оварда шудааст, ки ба ҳарфи «Б» шабоҳат доранд.

Омӯзгор диққати шогирдонро ба расми киштӣ ҷалб намуда, шеъри мазкурро мехонад:

Киштӣ ба бодбон бошад,
Ронданаш осон бошад.

Барои шарҳ додани мазмуни шеър сӯҳбати зерин гузаронида мешавад:

- Бачаҳо, дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
- Дар бораи киштии бодбондор.
- Дар бораи киштии бодбондор чӣ гуфта шудааст?
- Рондани чунин киштӣ осон аст.
- Барои чӣ?
- Барои он ки вай бодбон дорад.
- Офарин! Ҳоло, ба намуди бодбон диққат медиҳем. Он ба кадом ҳарф монандӣ дорад?
- Ба ҳарфи «б»
- Офарин!

Хонандагон ба гурӯҳҳои 5 нафара тақсим мешаванд. Акнун ба монанди ҳамин вазифа мисол оварда, онро ба шакли бозӣ мегузаронем. Ба гурӯҳи якум расми бузак, бо ҳарфи «Б» дар аввал ба гуруҳӣ дувум ҳарфи «Б» дар мобайн абр ва ба гуруҳи сеюм ҳарфи «Б» дар охир расмҳоро пешниҳод менамоем. Ба шогирдон вақт ҷудо карда мешавад. Онҳо фикру ақидаи худро пешниҳоди ҳозирин менамоянд. Баъд аз шунидани фикру ақидаи хонандагон барои мустаҳкамкунии дарс омӯзгор диққати бачаҳоро ба расми гурӯҳи якум - бузак ҷалб мекунад.

- Бачаҳо, диққат кунед, дар бораи бузак чӣ гуфта шудааст?

Бузак доим «бе-е» гӯяд,
Хӯрокама «те-е гӯяд».

- Канӣ, ки мегӯяд, бузак чӣ хел овоз мебарорад?
- Бе-е, бе-е, бе-е-е-е !

Қурбонҷон, ту бигӯ, бузак бе-е гӯён чӣ талаб мекардааст?

- Хӯрок талаб мекунад.

- Боракалло! Канӣ, ҳама ба расми бузак эътибор медиҳем, он ба ягон ҳарф шабоҳат дорад?

- Бале, ба шакли дастнависи ҳарфи «б» монандӣ дорад.

Офарин! Биёед, ин шеърро ҳамроҳ такрор мекунем. (шеър ду-се маротиба такрор карда мешавад).

Расмҳои дигар низ ба ихтиёри шогирдон гузошта шуда, талаб карда мешавад, ки кадоме ба ҳарфи " Б " шабоҳат доранд, ҷудо карда шавад. Бачаҳо аз байни расмҳо расми баргро ҷудо мекунанд, ки ба ҳарфи "б" монандӣ дорад.

Бисёр хуб, ҳоло кӣ ба ман мегӯяд, дар тасвирҳои дидаи шумо кадом ашёҳо ба ҳарфи "б " монанд будааст?

- Расмҳои барг, бодбони киштӣ, бузак ба ҳарфи "б" монанд аст.

Боракалло! Акнун дидед, ки ҳар кас ба дарс бодиққат гӯш медиҳад, ба саволҳои ман ҷавоб дода метавонад. Ба саволҳои ман Мавҷуда, Шукурҷон, Наргис фаъолона ҷавоб доданд. Биёед ҳама якҷоя ба онҳо сипосгузорӣ мекунем.

Хулоса: ҳама аҳлона ба як овоз " Ташаккур " мегӯянд. Пас аз он, ки шогирдон шакли ҳарфи мазкурро нағз ба хотир гирифтанд, тарзи талаффузи онро низ мустаҳкам кардан лозим аст. Дар ин маврид ба садоҳои дар табиат буда монанд кардани овоз хеле муҳим аст.

**Адабиёт**


1. Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф.К., Эрматова У.С., Зоолишоева Б.Ф., Ниёзов Ф. М. Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе, 2009. - 64с.
2. Белкин А. С. Основы возрастной педагогики. -М., 1991
3. Быков. В. В. Методы науки. -М., 1974
4. Воробьёв Г. Г. Школа будущего начинается сегодня. -М., 1991
5. Зокиров Р. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ. Мактаби советӣ. 1982, №8, с. 43-44
6. Зиёев М. Н. Мирзоматов Н. Бадалова М. Роҳнамои муаллимони синфҳоии ибтидоӣ оид ба истифодаи барномаҳои нави таълими забони модарӣ ва математика.- Душанбе, 2008. - 78с.
7. Иванов С. Б. Типы и структура уроков. -М., 1992, с.170
8. Койнова-Сёлнер Ю.Ф. Технологияи педагогии фаъол дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе -2012.



**НЕЪМАТОВ МАЛИКНЕЪМАТ СУЛАЙМОНОВИЧ,**

сармуаллими Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ, н.и.ф.,
83445, н. Мастчоҳ, хиёбони Исмоили Сомонӣ 3,
Тел: + 992 (92) 723 47 90, E-mail: maliknemat@mail.ru

**ГУЛИХАНДОНИ МАЛИКНЕЪМАТ,**

ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33,
тел: (+992) 92 723 4791, E-mail: mgr_2015@mail.ru

## НАҚШИ ТАСАВВУРИ МАОНӢ ДАР ПАЙВАНДИ ВОҲИДҲОИ РИВОЯТИИ "МАСНАВӢ"

Муаллифони мақола кӯшиш кардаанд, то нақши муҳими тасаввури маониро дар пайванди қиссаҳои "Маснавӣ" нишон диҳанд. Бо ин мақсад тасаввуроти "Маснавӣ"-ро ба огоҳона ва ноогоҳона ҷудо намуда, ба навъи ноогоҳона таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд.

Ба ақидаи муаллифон чунин тарзи пайванди қиссаҳо ривояти Мавлоноро аз қолаби сунъӣ раҳонида, табиӣ ва зинда нишон додааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *"Маснавӣ", Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, тасаввури маонӣ, қисса дар қисса, пайранг, ҷараёни зеҳн, сурреализм, ривоят.*

**НЕЪМАТОВ МАЛИКНЕЪМАТ СУЛАЙМОНОВИЧ**

старший преподаватель Педагогического колледжа Матчинского района, к.ф.н.,
83445, р. Мастчох, прос.Исмоила Сомони 33,
Тел: **+ 992 (92) 723 47 90,** E-mail: maliknemat@mail.ru

**ГУЛИХАНДОНИ МАЛИКНЕЪМАТ**

ассистент кафедры таджикского языка и делопроизводства
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, г. Душанбе, ул. Саид Носира 33,
тел: (+992) 92 723 47 91, E-mail: mgr_2015@mail.ru

## Роль ассоциации в связывании нарративних единиц "Маснави"

**Аннотация**

Авторы статьи стараются показать важную роль ассоциации в связывании нарративних единиц "Маснави". С этой целью они, разделяя ассоциации мыслей на сознательную и несознательную, придают большое внимание несознательной ассоциации.

По мнению авторов, такой способ связывания нарративних единиц, уменьшает степень фиктивности текста "Маснави" и делает повествование Мавлоно более реальным.

***Ключевые слова:*** *“Маснави”, Мавлоно Джалаладдин Балхи, ассоциация мысли, рассказ в рассказе, сюжет, сюрреализм, повествование.*

**NEMATOV MALIKNEMAT SULAYMONOVICH,**

Senior teacher of Pedagogical college of Mastchoh district of the Republic of Tajikistan, Candidate of Philology,
83445, Mastchoh, 33, Ismoili Somoni ave.
*Phone:* + 992 (92) 723 47 90, E-mail: maliknemat@mail.ru

**GULIKHANDONI MALIKNEMAT,**

Assistant of the Department of Tajik Language and office work of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
*Phone*: (+992) 92 723 4791, E-mail: mgr_2015@mail.ru

## THE ROLE OF ASSOCIATION IN BINDING OF NARRATIVE UNITS OF “MASNAVI”

**Annotation**

The authors of the article try to show the important role of the association in the binding of the Masnavi narrative units. For this purpose, authors dividing the associations of thoughts into conscious and unconscious, focus on to the unconscious association.

According to the authors view, that kind of linking narrative units reduces the fictitiousness of the Masnavi text and makes the Mavlono’s narrative more real.

***Key words:*** *“Masnavi”, Mavlono Jalaladdin Balkhi, association of thought, storytelling, plot, surrealism, narrative*

“Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо сохтори худ аз ҳамон замони таълиф то ба имрӯз мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Сохтори “Маснавӣ” агарчи қисса дар қисса номида шудааст, аммо аз дигар осори қисса дар қисса тафовутҳое дорад, ки онро ҷолибтару боарзиштар гардонидаанд. Боризтарин вижагии қисса дар қисса дар “Маснавӣ” вуҷуд надоштани қиссаи меҳварии ҷомеъ мебошад. Дар «Маснавӣ» агарчи қиссаи меҳварӣ набошад ҳам, аммо дар он ду унсури асосии қисса андар қисса- дуригузинӣ ва умқпазирӣ дида мешавад, ки хонандаро аз ҷаҳони ривоят ба ҷаҳони қисса ва аз ҷаҳони қисса ба ҷаҳони ривоят ҳидоят мекунанд. Дар осори қисса андар қиссаи суннатӣ муаллиф барои худдории гузаштан аз як фазо ба фазои дигар шароит фароҳам меоварад. Маъмулан, дар онҳо ҷумлаҳое тақрибан бад-ин мазмун хонда мешавад: «Ту набояд чунину чунон кунӣ, то он чи

бар фалон расид, бар ту нарасад». Дигарӣ мепурсад: «Чӣ гуна аст будааст он?». Ва аввалӣ достонро оғоз мекунад: «Овардаанд, ки…»

Дар «Маснавӣ», ки тарҳи аз пеш санҷида надорад, гузаштан аз ҷаҳони ривоят ба ҷаҳони қисса ва баръакс табиӣ буда, аз рӯйи қонуни тасаввури маъниҳо амал мекунад.

Тасаввури маонӣ дар луғат ба маънии якдигарро фаро хондан аст ва дар равоншиносӣ таърифе аз ин қабил дорад: “Ҳамбастагии зеҳнии ду ё чанд тасаввур ё хотира ба гунае ки ҳузури яке мӯҷиби таҳрики он дигар шавад”[5, 12]. Тасаввур бар асоси се асли куллӣ сурат мегирад: ё бар ҳасби асли муҷовират аст, ё аз роҳи шабоҳати як чиз ба чизи дигар ва сеюм аз рӯйи ҳолати тазод аст.

1. Тасаввури монандӣ. Ин навъи тасаввур бар асоси мавҷудияти аломати муштарак миёни ду падида сурат мегирад. Масалан, шакли туб метавонад ангезаи ба хотир овардани Замин гардад.

Шафеии Кадканӣ нақши муҳим доштани ин навъи тасаввурро дар раванди эҷоди шеър, бахусус қофиябандӣ қайд намудааст. Тақӣ Пурномдориён санъатҳои бадеиро бар асоси навъҳои тасаввур гурӯҳбандӣ намуда, тасаввури ташбеҳиро асоси санъатҳои бадеие мисли ташбеҳ, истиора, ирсоли масал, таҷнис, талмеҳ, ташхис донистааст.

2. Тасаввури ҳамнишинӣ. Ин навъи тасаввур дар натиҷаи ҳамнишинии ду падида дар як замон ё макон сурат мегирад. Дар канори ҳам будани ашё ва мафҳумҳо дар табиат ва ҷомеа сабаб мешавад, ки ҳузури нишонае бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаҳои шахсии фард нишонаҳои дигареро тасаввур намояд. Масалан, гул метавонад ангезаи таҷассуми сабза, дарахт, боғ дар зеҳни мо бошад. Ҳамчунин, калимаҳое, ки робитаи мантиқие бар асоси муносибати сабабу натиҷа ва ё куллу ҷузъ доранд, бар асоси ҳамин навъи тасаввур якдигарро ба ёд меоваранд, ба мисли кишт-ҳосил, дарав. Ин навъи тасаввур асоси санъатҳои бадеие аз қабили таносуб, лаффу нашр, илтифот, саволу ҷавоб, ирсоду тасҳимро ташкил медиҳад.

3. Тасаввури тазодӣ. Заминаи ин навъи тасаввур мавҷудияти аломати тазодӣ дар миёни ду падида аст. Масалан, рӯз-шаб, сиёҳ-сафед, кам-зиёд, нек-бад. Ин навъи тасаввур мувофиқи тақсимоти Тақӣ Пурномдориён асоси санъатҳои тазод, муболиға, парадокс, ҳисомезӣ, руҷӯъ, мадҳи шабеҳ ба зам, замми шабеҳ ба мадҳ, далели акс ва ғайраро ташкил медиҳад.

Дар пайванди қиссаҳои «Маснавӣ» ҳар се навъи тасаввур саҳм доранд. Аммо бештари қиссаҳои илҳоқӣ бо тасаввур дар натиҷаи мавҷудияти аломоти муштарак бо қиссаи меҳварӣ пайвастагӣ доранд. Ва ин аломати муштарак, аксаран дарунмояи монандии қиссаҳост. Масалан, қиссаи “Он зоҳиде, ки таваккулро имтиҳон мекард”[1, 507-508] дар даруни қиссаи “Рӯбоҳ ва хар”[1, 506-521] падидор мешавад. Қисса дорои дарунмояи муштарак бо қиссаи меҳварӣ, яъне таваккул аст. Ё қиссаи “Масҷиди меҳмонкуш”[1, 315-326], ки дар дили қиссаи “Вакили Садри ҷаҳон”[1, 309-337] оварда мешавад, ривояти дигаре аз қиссаи меҳварист. Ҳар ду қисса моҷарои ошиқеро ривоят мекунанд, ки бепарво ба сӯйи марг мешитобад ва ба панди оқилон гӯш фаро намедиҳад, аммо дар баробари дидагони шигифтзадаи носеҳон аз марг раҳоӣ меёбад. Қиссаи “Ҳилол”[1, 587-590], ки пас аз достони “Билол”[1, 582-587] меояд, зоҳиран бар пояи ҳамоҳангии калимаҳои “Билол” ва “Ҳилол” тасаввур шудааст:

Чун шунидӣ баъзе авсофи Билол,
Бишнав акнун қиссаи заъфи Ҳилол [1, 587].

Аммо бояд дар назар дошт, ки ин ду қисса аз ҷиҳати дарунмоя, аносир ва сюжет низ монандӣ доранд.

Қиссаи «Маломат кардани мардум шахсеро, ки модарашро кушт ба туҳмат» [1, 138], ки пас аз қиссаи Мўсо ва Фиръавн омадааст, бо мавҷудияти аломати тазодӣ тасаввур шудааст. Дар қиссаи нахуст Фиръавн хуни ҳазорон тифли бегуноҳи бани Исроилро аз бими бархостани душмане аз байни онҳо рехт, бехабар аз он ки душман дар хонаи худи ўст. Дар қиссаи дувум шахсе модари худро, ки бадкора буд, кушт ва аз куштани мардони дигар эмин монд.

Қиссаи «Меҳмон шудани кофир дар хонаи пайғамбар» [1, 444-449] дар оғози дафтари панҷум дар батни қиссаи «Куштани Иброҳим он чор мурғро» [1, 443-463] дар натиҷаи мавҷудияти муносибати сабабу натиҷа миёни ду қисса тасаввур мешавад. Дар қиссаи қаблӣ сухан дар бораи бат ҳамчун намоди ҳирс меравад, ки ҳаргиз гулўяш муаттал нест ва аз Ҳақ ҷуз амри «кулу» намешунавад ва дар муқобил бо ў мўъмин меистад, ки «чашмсеру муъсиру покҷайб» аст ва аз факр ҳарос надорад. Ин ҷо Мавлоно ҳадиси «Ал-кофиру яъкулу фи сабъати амъойи ва-л-мўъмину яъкули фи маъан воҳидатин»-ро исдтидлол меоварад. Дар ин маврид сабаби вуруди ҳадис, ки қиссаи «Меҳмон шудани кофир дар хонаи пайғамбар» аст, тасаввур мегардад.

Бар асоси қонунҳои достоннависии муосир тасаввур ба ду навъ-мантиқӣ ва озод тақсим шудааст. Навъи озоди он маъмулан дар ҷараёни зеҳн корбурд дорад [3, 59]. Дар тасаввури озод ривоят ба қадре печида ва чандсатҳа аст, ки ба гуфтор дар ҳолати рўъё шабоҳат меёбад. Нависандагони ҷараёни зеҳн гоҳе барои эҷоди шабоҳат миёни рўъё ва тасаввури озод ҳуруф, калимот, сифоту исмҳоро ба якдигар васл мекунанд.

Тасаввур дар “Маснавӣ” ба навъҳои огоҳона ва ноогоҳона қобили тақсим аст. Навъи ноогоҳонаи он агарчи муодили тасаввури озод дар достонҳои муосир нест, аммо, маъмулан гусастҳо ва ноҳамгуниҳои ин асарро метавон ба ҳамин хусусият нисбат дод. Ноҳамоҳангӣ дар меҳвари амудии абёт ва дар мазмуни қиссаҳое, ки дар паҳлуи ягдигар қарор мегиранд, дида мешавад. Чунин мавридҳо маъмулан ба танҳоӣ эроде надоранд, аммо вақте дар иртибот бо матлаби қабл ва ё баъд аз худ дар назар гирифта шаванд, ноҳамоҳанг ва гоҳе мутаноқиз менамоянд. Ноҳамоҳангии як ҳикояти илҳоқӣ дар даруни қиссаи Мўсо аз ин ҷумла аст.

Яке аз ҳилаҳои номуваффақи Фиръавн дар баробари Мўсо ин аст, ки ба роҳнамои мунаҷҷимон мардони бани Исроилро дар шаби мавъуд дар майдоне ҷамъ мекунанд, то аз таввалуди Мўсо ҷилавгирӣ намоянд. Зимни баёни ин ҳила вожаи “ёса”-ро дар маънии қонун ба кор мебарад ва аз қонуне мегўяд, ки бар асоси он мардум ҳақ надоштанд, ба чеҳраи Фиръавн нигоҳ кунанд. Аммо дар он замони хос барои иҷрои нақша ва бо ҳадафи ҷамъ карданашон дар макони хос ба онҳо иҷозат дода мешавад, ба чеҳраи Фиръавн нигоҳ кунанд.

Вожаи “ёса” ёдовари ҳикояте аз муғулон мешавад, ки шабеҳи ҳилаи Фиръавн аст. Онҳо низ ба баҳонаи ин, ки бо яке аз мисриҳои сокини Осиёи Сағир коре доранд, ҳамаи онҳоро дар як ҷо ҷамъ мекунанд ва гардан мезананд. Қиссаи ҳилаи муғулон бо вуҷуди шабоҳати сохторӣ ба ҳилаи Фиръавн қоидатан набояд дар батни қиссаи Мўсо қарор мегирифт. Зеро ҳадафи Мавлоно аз тарҳи достони Мўсо нишон додани нокоромадии тадбир дар муқобили тақдир аст ва нокомии Фиръавн дар мамонеат аз таваллуди Мўсо ин мазмунро

тақвият медиҳад. Аммо қиссаи муғулон аз ин ҷиҳат, ки бо муваффақияти тадбири эшон ҳамроҳ аст, бо мазмуни қиссаи меҳварӣ ҳамоҳанг нест.

Дар қиссаи мутрибе, ки қасд дорад, бо нафйи тавсифии маъшуқ ба исботи ӯ расад, қабл аз оғози қисса абёте меояд, ки мухолифи амали мутриб аст ва “намедонам” гуфтани ӯ музавирона тавсиф мешавад.

Эй музаввар, чашм бикшою бубин,
Чанд гӯӣ менадонам ону ин [1, 574].

Аммо дар поён маълум мешавад, ки ҳадафи мутриб ин аст, ки маъшуқро исбот кунад ва нафй роҳе барои исбот аст. Бинобар ин, байни муқаддима ва поёни ин қисса мутобиқат вуҷуд надорад.

Мерасад исбот пеш аз нафйи ту,
Нафй кардам то бари з-исбот бӯ [1, 575].

Яке аз ин ноҳамгуниҳо ба кор бурдани матолиби мусбат аз забони шахсиятҳои манфист, монанди гуфтаҳои вазири нобакор дар қиссаи подшоҳи ҷуҳуд. Вазири ин қисса ибтидо шахсияти манфист, аммо дар идомаи қисса байни ӯ ва шогирдон робитаи дӯстона ва ҳатто муриду муродона эҷод мешавад. Дар ин гуфтушунидҳо лаҳни муридон ошиқона ва тарзи баёни вазири макрандеш муршидона аст [3, 91].  Ин масъала дар ҳикоятҳои дигар аз ҷумла ҳикояти сайёде, ки худро зоҳиди ба кӯҳгурехта муаррифӣ мекунад, низ иттифоқ меафтад. Гоҳе низ хонанда бар асари ибҳоме, ки аз лиҳози мазмун миёни ду матлаб эҳсос мекунад, он дуро гусаста тасаввур мекунад. Дар чунин мавридҳо дар ҳақиқат гусасте вуҷуд надорад. Аммо аз он ҷо, ки Мавлоно худ ба иртиботи ду матлаб ишора намекунад, хонанда ба душворӣ метавонад, байни ду пораи калом иртибот барқарор кунад. Дар даруни қиссаи амири турки махмур ва мутриб ҳикояте аз паёмбар ва ҳамсари ӯ Ойиша нақл мешавад. Нобиное ба манзили эшон ворид мешавад ва Ойиша рӯйи худро аз ӯ мепӯшонад. Шаҳидӣ иртиботи онро бо матлаби қабл чунин медонад: “Ин достон барои он ба миён омадааст, то маълум шавад, пӯшида будани маъниҳои “Маснавӣ” дар қолаби достону тамсил ба хотири ғайрати Мавлоност барои маъноҳо, то аз дидаи номаҳрамон пинҳон монад”[7, 124].

Аммо ин ҳикоят ғайр аз он чи Шаҳидӣ гуфтааст, пайванди зарифтаре бо матолиби қабл ва баъд аз худ дорад ва он ба калимаи “ғайрат” роҷеъ аст. Ҳикояти нобино ба ғайрияти ишқ ва нафйи ғайрият робита дорад ва дар  даруни қиссае меояд, ки мутриб мехоҳад, аз тариқи нафй ба исбот бирасад. Мавзӯи нафй ва исбот дар қиссаи аслӣ мӯҷиби тасаввури ҳикояте бо мавзӯи ғайрат ва нафйи ғайрат шудааст.

Аксар тасаввурҳои “Маснавӣ аз навъи огоҳона мебошанд. Тасаввури огоҳона, тақрибан муодили тасаввури мантиқист ва ба гунаест, ки гӯё шоир мантиқи тасаввурро дар ихтиёр дорад ва онро ҳидоят мекунад ва ба ҳамин далел риштаҳои маҳсус ва гоҳ номаҳсус матолиби асарашро пайванд медиҳанд. Ин ба сабаби он аст, ки Мавлоно ҳар мазмунеро, то он ҷо ки имкон дошта бошад, ё лозим донад, бо қиссаҳо ва матолиби мутаносиб баён мекунад. Дар баррасии пайванди қиссаҳои “Маснавӣ” бо мавориди бисёре мувоҷеҳ мешавем, ки чандин қиссаи пайдарпай дорои мазмуни муштараканд. Диққат дар ин мақула ба шинохти инсиҷоми “Маснавӣ” кумак мекунад ва мисдоқҳои бисёре дорад, ки дар ин ҷо дар зикри ду маврид иктифо мешавад.

Дар мисоли зер мазмуни “кибр” ва “лоф”-ро дар чанд қисса идома додааст, ки дар қолаби намудори пайконӣ нишон дода мешавад: қиссаи “Афтодани шағол дар хуми ранг”[1, 233-235] -> қиссаи “Чарб кардани марди лофӣ лабу сиблати худро”[1, 233]-> қиссаи “Эмин будани Балъами Боур”[1, 234]-> қиссаи “Ҳоруту Морут”[1, 234]-> қиссаи “Фиръавн” [1, 237-259].

Мазмуни ҳикоёти зер диду биниш аст (новобаста аз саҳеҳ ё ғалат будани биниш): ҳикояти “Он зоҳид, ки дар соли қаҳт шоду хандон буд”[1, 424] -> қиссаи “Фарзандони Узайр”[1, 425] -> қиссаи “Шикояти астар бо шутур”[1, 428-429] -> қиссаи “Лоба кардани қибтӣ сибтиро” [1, 429-431] -> ҳикояти “Зани палидкор ва амрудбун”[1, 432].

Мавлоно шоиронаҳо ва ҳарфҳои асосии худро дар поёни қиссаҳо ва ё дар ҷое, ки заминаи интиқолу гурез фароҳам ояд, матраҳ мекунад, бинобар ин, ин метавон гуфт, дар “Маснавӣ” танҳо қиссаҳо нестанд, ки бар асоси тадоӣ ҳаракат мекунанд, балки дар ҷойи ин шоҳиди абёти шӯрангезе ҳастем, ки бар мадори тасаввур мегарданд ва дар ҳолати истиғроқ баён шудаанд. Дар батни чунин абёт низ риштаҳое ҳастанд, ки матолиби комилан парешонгунаро ба якдигар пайванд медиҳад.

Дар поёни ҳикояти кӯтоҳи “Ихтилоф кардан дар шакли пил”[1, 247] абёти шӯрангезу асроромез бо мазмуне аз ин қабил матраҳ мешавад: маҳдудияти чашми ҳис, бар ҳам задани киштиҳо, нақши дарё дар ҳаракати каф ва сутуҳи болоии об, ҷустуҷӯи решаи ихтилофот дар даруни таассубот, лузуми тарки шино ва билохира гурез задан ба қиссаи Нӯҳ ва Канъон, ки то поёни қитъа идома меёбад. Тасаввури вожагонӣ дар ин бахш аз вожаи “каф” шурӯъ мешавад:

Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,
Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ[1,247].

Вожаи “каф” дар идома ба чашми ҳис ва сипас ба чашми дарё мунтаҳӣ мешавад ва “каф” дар пайванд бо “дарё” маънии дигар дорад. Дарё вожаи “киштӣ”-ро ҳам ёдовар мешавад. Киштиҳо дар сатҳи оби дарё ба ҳам мезананд ва омили барҳам задани онҳо об аст, обе, ки қабл аз хилқати Мӯсову Исо кишти мавҷудотро об додааст.

Мо чу киштиҳо ба ҳам бармезанем,
Тирачашмему дар оби рӯшанем[1,247].

Дар идома бо як фосилаи себайтӣ аз Киштии Нӯҳ сухан ба миён меояд. Дар ин ҷо сухан аз як киштии воҳид аст ва баҳси ба ҳам задани киштиҳо дар миён нест. Аммо метавон гуфт, ки достони “Киштии Нӯҳ” ба воситаи зикри номи киштӣ дар абёти қабл тасаввур шудааст.

Мавлоно дар ин бахш аз талотуми амвоҷ ва сатҳҳои мухталифи вуҷуди башар сухан мегӯяд. Ин мисол зимни ин ки бисёрсатҳа будани вуҷуди инсонро нишон медиҳад, бо баҳси ихтилофи назар миёни Мӯсо ва Фиръавн низ муртабит аст.

Ту яке ту нестӣ, эй хушрафиқ,
Балки гардуниву дарёи амиқ.
Он “ту”-и нафсат, ки он нуҳсад ту аст,
Қулзум асту ғарқагоҳи сад ту аст[1, 248].

Вожаи “қулзум” ёдовари ҳамон дарёест, ки киштиҳо дар он ба ҳам бар мезананд, аммо дар ин ҷо дарё дар даруни инсон аст, гӯё барои расидан ба чашми дарёӣ бояд сафаре аз берун

ба дарёи дарун кард. Мавлоно мехоҳад чизе дигар бигӯяд, то решаи ихтилофотро беҳтар нишон диҳад. Аммо боз руҷӯъ мекунад ва мегӯяд:

Не ту гӯӣ ҳам ба гӯши хештан,

Не ману не ғайри ман, эй ҳам ту ман [1,248].

Ҳар чи ҳаст дар даруни ин қулзуми нуҳсад ту аст, роҳи ҳал низ дар ҳамон ҷо нуҳуфтааст. Шояд ба ҳамин далел аст, ки дар поёни қитъа Нӯҳ ба ғарқ шудани Канъон ва истиғроқи худ ризо медиҳад:

Ҳар замонам ғарқа мекун, ман хушам,

Ҳукми ту ҷон аст, чун ҷон мекашам [1,249].

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки ҷараёни зеҳни Мавлоно дар хилоли абёти мавриди баҳс дар бораи он чун мазмуни асосиву марказӣ пайванди матолибро ҳифз мекунад. Бинобар ин метавон сайри тасаввур  ва ҷараёни зеҳни Мавлоноро чунин нишон дод: чашми ҳис -> ташбеҳи чашми ҳис аз лиҳози маҳдудият ба кафи даст -> ҳаракати зеҳни шоир аз кафи даст ба кафи дарё ва чашми дарёӣ -> тасаввури вожаи “киштӣ”  ва барҳам задани киштиҳо -> қулзуми нуҳсадтуи дарун -> тасаввури ҳикояти киштии Нӯҳ -> ризояти Нӯҳ ба ғарқ шудани Канъон ва истиғроқи худ.

Гоҳо дар зеҳни  Мавлоно дар натиҷаи тасаввур сужети  ду қиссаи пешин ба ҳам омезиш меёбанд. Мисоли рӯшани ин омезиш аввалин ҳикояти “Маснавӣ”-“Ошиқ шудани подшоҳ ба канизаки ранҷур”[1,17-22] мебошад. Маъхази қисмати аввали қиссаро Фурӯзонфар “Чаҳормақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ медонад [161,3]. Дар ин қисмат дар бораи ошиқ шудани подшоҳ ба канизак, бемор шудани канизак, дар шифои канизак оҷиз мондани табибон, аз Худо ёрӣ хостани подшоҳ, омадани ҳаким ва бо гирифтани набзи канизак муайян кардани он, ки сабаби бемории ӯ ишқ аст ва маъшуқи ӯ кист, аз Самарқанд заргарро овардан барои сиҳҳат ёфтани канизак нақл мешавад. То ин ҷо пайранги ривояти “Маснавӣ” бо сужети ривояти Низомии Арӯзӣ мутобиқат дорад. Дигаргунӣ танҳо дар шасиятҳо ва тавсифи чигунагии воқеа дида мешавад. Дар қисмати дуюм гуфта мешавад, ки ҳаким ба заргар заҳр менӯшонад ва заргар, тадриҷан ҳусну зебоии худро бохта, ҷонашро аз даст медиҳад ва ба тадриҷ оташи ишқи канизак низ хомӯш мегардад. Зоҳиран, маъхази ин бахш аз қисса достони “Ишқи Аршамидас” аз “Искандарнома”-и Низомии Ганҷавист[2,98]. Дар натичаи омезиши ду қисса бо ҳамдигар қиссае комилтар ва моли худи Мавлоно ба вуҷуд омадааст.

Шеваи бозомадан ба сари қиссаи қаблан раҳошуда низ дар «Маснавӣ»  аз дигар осори қисса андар қисса тафовут дорад. Дар осори қисса андар қиссаи суннатӣ бозомадан ба сари қисса, махсусан, дар қиссаҳои дарун-андаруни чанддараҷагӣ монанди гузаштан аз қисса ба қисса раванди мураккаб аст. Дар ин осор хатти ривояти қиссаи меҳварӣ ба ҷое мерасад, ки қаҳрамоне қиссаеро нақл мекунад. Хатти ривояти қиссаи нақлшудаистода ҳам ба ҷое мерасад, ки қаҳрамони онро лозим аст, қиссаеро нақл кунад. Чун нақли ӯ ба итмом мерасад, хатти ривояти қиссаи қаблӣ, ки аз ҷониби қаҳрамони қиссаи меҳварӣ нақл шуда истодааст, идома меёбад ва чун ба итмом мерасад, хатти ривояти қиссаи меҳварӣ давом мекунад. Ин равандро метавон ба тариқи ангорачунин нишон дод:

- гузаштан аз қисса ба қисса: қиссаи А>қиссаи Б>қиссаи В;
- бозгаштан ба қиссаи А: қиссаи В>қиссаи Б>қиссаи А.

Ин раванд дар «Маснавӣ» нисбатан содда буда, онро метавон чунин нишон дод:

- гузаштан аз қисса ба қисса: қиссаи А>қиссаи Б>қиссаи В;
- бозгаштан ба қисса А: қиссаи В>қиссаи А.

Маълум аст, ки чунин тарзи бозгашт миёни қиссаҳои В ва А фосила эҷод хоҳад кард, ки дар мавридҳое ин дар «Маснавӣ» эҳсос мешавад. Дар ин гуна мавридҳо идомаи қиссаи раҳошуда бо унвони «Руҷӯъ ба ҳикояти…», ё «Бақияи достони…», ё «Махласи моҷарои…», ё «Дар тамомии ҳикояти …» зикр мешавад, ки бо байте, ки дар он бозгаштан ба қисса таъкид мешавад, ҳамроҳ аст.

Ин сухан поён надорад, Зайд ку?
То диҳам пандаш, ки расвоӣ маҷӯ [1,109].
Ин ҳадис охир надорад, бозрон,
Ҷониби Ҳоруту Морут, эй ҷавон[1,101].
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То чӣ шуд аҳволи гург андар набард [1,95].

Аммо дар мавридҳои дигар бозгашт ба қисса ҳамчунон моҳирона сурат гирифтааст, ки ҳеҷ фосилаи мавзӯӣ эҳсос намешавад. Намунаи онро метавон дар ҳикояти «Илтимос кардани ҳамроҳи Исо алайҳиссалом зинда кардани устухонҳо аз Исо алайҳиссалом» [1, 123-132] дид, ки ҳамчун далели байти зер оварда шудааст:

Бас дуоҳо, к-он зиён асту ҳалок,
В-аз карам менашнавад Яздони пок [1,123].

Ин қисса фарогири се ҳикоят ва як тамсил аст. Дар қисмати аввали ин қисса шахсе аз Исо (а) мехоҳад, ки ба ӯ номеро, ки ба он устухонҳои мурда зинда шаванд, омӯзад. Исо(а) рад мекунад, аммо ӯ исрор мекунад. Мавлавӣ он шахсро шақие медонад, ки «гар сӯи ёре равад, море шавад» ва барои шарҳи ин қиссаи «Андарз кардани сӯфӣ ходимро дар тимордошти баҳима ва лоҳавли ходим» [1, 123-126]-ро меоварад, чун дар ин ҳикоят сӯфӣ бо исрор варзидан ва ходим ба зоҳири ёрнамову ботини морнамо ба ин мисраъ мувофиқат дорад. Зимни шарҳи ин ҳикоят Мавлоно ҳикматро ба товус ташбеҳ мекунад:

Гарчи ҳикматро ба такрор оварӣ,
Чун ту ноаҳлӣ, шавад аз ту барӣ…
Ӯ напояд пеши ҳар ноусто,
Ҳамчу товусе ба хона(й) русто [1,127].

Ин абёт ба заминаи нақли ҳикояти «Ёфтани бозро шоҳ дар хонаи кампирзан» [1, 127-128] мешаванд. Мавлоно аз ин ҳикоят чунин натиҷа мегирад:

Ҳар каромоте, ки меҷӯӣ ба ҷон,
Ӯ намудат, то тамаъ кардӣ дар он [1,128].

Ва гиряро ғояти тамаъ медонад ва ин андеша ба ёди ӯ қиссаи «Ҳалво харидани Шайх Аҳмади Хизрувия ҷиҳати ғаримон ба илҳоми Ҳақ таъоло»[1, 129-130]-ро меорад, ки мазмуни он бо натиҷаи қиссаи қаблӣ мувофиқат дорад. Зимни таъвили ин қисса тамсили зоҳиде, ки ӯро гуфтанд «кам гирйӣ, то кӯр нашавӣ»[1, 130-131]-ро меорад. Дар ин тамсил зоҳид чунин ҷавоб медиҳад:

Гуфт зоҳид: аз ду берун нест ҳол,
Чашм бинад ё набинад он ҷамол.
Гар бубинад нури Ҳақ, худ чӣ ғам аст,

Дар висоли Ҳақ ду дида чӣ кам аст.
В-ар нахоҳад дид Ҳақро, гӯ, бирав,
Инчунин чашми шақӣ, гӯ, кӯр шав [1,131].

Мавлоно аз ин тамсил чунин натиҷа мегирад:

Ғам махӯр аз дида, к-он Исо турост,
Чап марав, то бахшадат ду чашми рост.
Исии рӯҳи ту бо ту ҳозир аст,
Нусрат аз вай хоҳ, к-ӯ хуш носир аст [1,131].

Чун номи Исо ба миён омад, Мавлоно моҳирона ин тамсилро ба қиссаи ҳамроҳи Исо пайванд мезанад:

Лек бегори тани пурустухон,
Бар дили Исо манеҳ ту ҳар замон.
Ҳамчу он аблаҳ ки андар достон,
Зикри ӯ кардем баҳри ростон.
Зиндагии тан маҷӯ аз Исиат,
Коми фиръавнӣ махоҳ аз Мӯсиат [1,131].

Ва қисмати дувуми қиссаи ҳамроҳи Исо (а) барои тақвияти натиҷае, ки Мавлоно аз тамсил гирифтааст, оварда мешавад.

Бозгашт ба қиссаи раҳошуда ба соиқаи тасаввур ҳам аз вижагиҳои корбасти сохтори қисса андар қисса дар «Маснавӣ» маҳсуб шуда, дар дигар осор ба чашм намерасад.

Хулоса, метавон гуфт, ки тасаввури маонӣ воситаи асосии пайванди қиссаҳои «Маснавӣ» буда, дар ташаккули сужети қиссаҳо низ саҳм дорад. Чунин тарзи пайванд додани қиссаҳо ривояти Мавлоноро аз қолаби суъъӣ раҳонида, табиӣ ва зинда нишон додааст.

Тасаввури ноогоҳона дар ривояти "Маснавӣ" шабоҳате миёни баёни Мавлоно ва намояндагони мактаби сурреализми муосир эҷод кардааст. Ҷанбаи сурреалистии қиссаи "Маснавӣ" дар даврае, ки ҳанӯз мактаби сурреализм таъсис нашуда буд, нишон аз озодиву пӯёии зеҳни халлоқи Мавлоно дорад.

**Адабиёт:**

1. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ / Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ; бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар.-Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 728 с.

2. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. ҷилди 4. Шарафнома./Низомии Ганҷавӣ-Душанбе: Ирфон, 1984. – 496 с.

3. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Пилла-пилла то мулоқоти Худо. / Абдулҳусайн. Зарринкӯб. - Теҳрон: Интишороти илмӣ, - 398 с.

4. Мирсодиқӣ, Ҷамол. Адабиёти достонӣ/ Ҷамол Мирсодиқӣ -Теҳрон: Интишороти Моҳур, 1380. – 423 с.

5. Пурномдориён, Тақӣ. Тадоӣ ва фунуни бадеӣ/ Тақӣ Пурномдориён//Фунуни адабӣ. Давраи аввал, №1, поиз ва зимистони 1388. – С. 5-36.

6. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодис ва қисаси “Маснавӣ” (Тарҷумаи комил ва танзими муҷаддади Ҳусайн Довудӣ) / Бадеуззамон Фурӯзонфар – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1381. – 756 с.

7. Шаҳидӣ, Сайид Ҷаъфар. Шарҳи «Маснавӣ»-и шариф / Сайид Ҷаъфар Шаҳидӣ.Ҷилди 1. – Теҳрон, 1378. – 546 с.

*Эзоҳ: Азбаски калимаи арабии “тадоӣ ”(тадоии маонӣ)дар забони муосири тоҷик ҳамчун тарҷумаи истилоҳи “ассосиатсия” маъмул нест, бинобар ин, муҳаррири матни мақола калимаи “тасаввур”-ро ба ҷойи он ба кор бурдааст , ки ба ҳамагон қобили фаҳм аст!*

**РАМАЗОНОВА РАҶАБГУЛ СУЛАЙМОНОВНА,**

мудири кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
н.и.п., дотсент
733740, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121.
Телефон: 918230146.

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФИЮ БЕРУНААЗМАКТАБӢ

**Аннотатсия**

Муаллиф дар мақола паҳлуҳои гуногуни қобилияти эҷодии хонандагонро дар ҷараёни корҳои берунаазсинфию берунаазмактабӣ ҷамъ овардааст. Дар мақола дуруст қайд шудааст, ки шахси эҷодкор олами атрофро ба мисли ҳамагон дарк намояд ҳам, вале фикронии ӯ фарккунанда мебошад. Ин қабил ашхос доимо дар ҷустуҷӯи чизи нав ҳастанд ба воқеаҳои атроф чандон тафовут надошта, онҳо ҳамеша эҷодкорӣ машғул мебошанд.

Дар ҳақиқат қобилияти эҷодии ҳар як хонанда дар вақти корҳои берунаазсинфӣ ва берунаазмактабӣ гуногун аст.

***Калидвожаҳо:*** *қобилият, доноӣ, ҳамкорӣ, хонанда, инсон, муаллим, фаъол, маслиҳатдиҳӣ*

**РАМАЗОНОВА РАДЖАБГУЛ СУЛАЙМОНОВНА,**

заведующая кафедрой специальной педагогики и инклюзивного обучения,
Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни,
кандидат педагогических наук, доцент
733740, г. Душанбе, проспект Рудаки 121,
Телефон: 918230146.

## Способы формирования потенциала творчества школьников во время внеклассных и внешкольных работ

**Аннотация**

Автор в своей статье приводит различные аспекты творческих способностей школьников во внеклассной и внешкольной работе. В статье справедливо говорится, что творческий человек понимает окружающий мир вокруг нас как все, но его мышление

отличительно от других. Эти люди всегда в поисках чего-то нового, не всегда заинтересованы в том, что происходит вокруг них, они всегда занимаются творчеством.

Действительно, творческие способности каждого ученика различаются как во внеклассной, так и внеучебной деятельности.

***Ключевые слова:*** *умение, знания, сотрудничество, учащиеся, человек, учитель, актив, консультирование*

**RAMAZONOVA RAJABGUL SULAYMONOVNA,**

Head of the Department of Special Pedagogy of Comprehensive Education,
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini,
Candidate of Pedagogy,
733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki Ave.
Phone: 918-23-01-46.

**Ways of developing a students' creative capacity during extracurricular activities**

**Annotation**

Author in her article summarizes all aspects of students' creative capacity in extracurricular activities. There is correctly point out in the article that the creative person understands the world around us as everybody, but his thinking differs from others. They are always in search of something new, not always interested what happens around them, and they always create. In fact, creative capacity of each student differs during extracurricular activities.

***Keywords**: Ability, knowledge, collaboration, pupils, human, teacher, active, consulting*

Масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон яке аз масъалаҳои баҳсҳалталаб ва замонавист, зеро яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва нишондиҳандаи шукуфоии миллат маҳз ташаккули қобилияти эҷодии донишомӯзон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мебошад.

Эҷодиёт фаъолиятест, ки дар натиҷаи он чизи наву аҷиб ва нотакрор тавлид мегардад. Маҳз хонанда метавонад, дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ба фаъолияти эҷодӣ машғул шавад, ки он маҳсули фаъолияти фикрӣ буда, маънии аз имкониятҳои мавҷуда фаро рафтанро ифода мекунад. Эҷодиёт дар худ муқовимати махсуси тафаккури эҷодиро таҷассум менамояд, яъне қобилияти доимо сари масъалаи нав андеша намудан, маҳорату малакаи ҷамъгаштаро ба таври бояду шояд истифода бурдан, ғояҳои навро пешниҳод сохтан аст.

Барои дар хонандагон ташаккул додани қобилияти эҷодӣ аз методҳои махсуси ташаккули тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оид ба раванди эҷодиёт дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ сухан ронда, муҳайё сохтани шароитеро, ки барои ташаккули тарбияи ақлонӣ мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агар оид ба эҷодиёт

дар корҳои беруназсинфӣ сухан ронем, дар ин ҷо бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда ба инобат гирифта шавад, зеро зимни гузаронидани машғулиятҳо муаллим бояд ҳамеша аз равишҳои наву фаъоли таълим истифода барад ва шавқи хонандагонро ба таҳсилу эҷодиёт бедор намояд.

Қобилияти инсон ва эҷодкории шахсро як мафҳуми том меҳисобанд. Қобилиятҳои эҷодии махсус вуҷуд надоранд, шахсиятҳое ҳастанд, ки хусусият ва мақсадҳои муайянро соҳиб ҳастанд. Дар ҳақиқат истеъдоди фардӣ ба комёбиҳои эҷодии шахс таъсир мекунад бинобар ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки намунаи шахсияти махсус «шахсияти эҷодкор» вуҷуд дорад.

Равоншиносон донишҳои худро оид ба хусусиятҳои шахсияти эҷодкор дар корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ на ба саъю кӯшишҳои худ, балки ба шарофати шахсони эҷодкори ҳар давру замон: адабиётшиносону таърихшиносон, санъаткорон, шоирону нависандагон, ки ҳар кадоме аз худ мероси эҷодии хешро боқӣ гузоштааст, дарёфт намудаанд. Чуноне, ки дар урфият мегӯянд: «эҷодиёт бе эҷодкор вуҷуд надорад».

Эҷодиёт - маҳсули фаъолияти фикрӣ ва ақлонӣ буда, маънии аз имкониятҳои вуҷуддошта, берун баромаданро дорад. Шахс эҷодкор ба дунё намеояд. Ҳамааш аз он вобастааст, ки барои истифодаи имкониятҳои дохилиии инсон муҳит чи гуна шароитро фароҳам меоварад. Барои фахмидани он, ки фаъолияти эҷодӣ чи гуна инкишоф ёфтааст, бояд на танҳо дараҷаи пойгоҳии фаъолияти фикриро арзёбӣ намоем, балки шахсияти инсон ва зинаҳои ташаккули онро низ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Аз таҳқиқоти солҳои охир чунин бармеояд, ки 2 намунаи шахсони соҳибистеъдод муайян карда шудааст. Пизишки рӯҳшинос В. Левин ба гурӯҳи аввал нобиғаҳои модарзод ва ба гурӯҳи дуюм истеъдодҳои худомӯзро дохил намудааст.

Истеъдодҳои модарзод ҳанӯз дар овони кӯдакӣ бо вижагиҳои худ фарқ мекунанд. Маҳорати шеър гуфтану суруд хондан, нақш офаридану асбоберо навохтан дар онҳо хеле барвақт мушоҳида мешавад. Масалан, шоирони маъруфи адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абуалӣ ибни Синоро истеъдодҳои модарзод номидан мумкин аст. Дар дигар донишомӯзон тавоноӣ дар коре, қобилият, лаёқат дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ омӯзонида мешавад.

Нобиғаҳои «худ аз худ» аз ҷиҳати ақлонӣ суст инкишоф меёбанд. Табиатан, шармгинӣ, қавииродагӣ ва ҳисси ноил гаштан ба мақсадҳо дар онҳо истеъдодро тавлид месозад. Дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аз болои худ кор карда, ин гуна ашхос камбудиҳои ҷисмонӣ ва психологии худро бартараф месозанд ва тамоми ҷидду ҷаҳдашонро барои худсозӣ равона мекунанд. Дар сиришти онҳо неруи бузурги дохилие вуҷуд дорад, ки онҳоро ба сӯйи муваффақиятҳо равона месозад. Ҳамаи ин аз иродаи мустаҳкам, серталабӣ, масъулиятшиносӣ ва эътимоду бovарӣ доштан ба неруи худ вобаста аст.

Хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ба корҳои эҷодӣ машғул шуда, бояд чунин хусусиятҳои шахсиро доро бошанд:

1. Мустақилӣ, фикри худро нисбат ба фикри гурӯҳ заруртар шуморидан, ба тасаввуроти худ ва дигарон бовар кардан, чизи наву беҳтарро ба зудӣ дарк намудан;

2. Дар мавридҳои баҳсу мунозира ҳозирҷавобӣ нишон додан. Маҳорати аз вазъиятҳои ногувор ва мушкилот баромада тавонистан. Доимо ба чизи наву ногаҳонӣ омода будан;

3. Ба қувваю қобилияти худ бовар кардан.

Эҷодиёт фаъолиятест, ки дар натиҷаи он чизи наву ҷолиб ва нотакрор тавлид меёбад. Эҷодиёт дар худ муқовимати махсуси тафаккури эҷодиро таҷассум менамояд, яъне қобилияти доимие, ки сари масъалаи нав андеша намудан, маҳорату малакаи ҷаъмгаштаро ба таври бояду шояд истифода бурдан лозим меояд. Дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо дастгирии омӯзгорон корҳои эҷодӣ ба зудӣ ба сомон мерасад.

Нишондиҳандаҳои асосии қобилиятҳо - фаҳмиши тез, равшании зеҳн, нотакрорӣ, кунҷковӣ, ҷасорат дар рохи расидан ба мақсад мебошад.

**Хушзеҳниву тезфаҳмӣ**- миқдори ақидаҳои нав, ки дар як сония ба вуҷуд омада метавонанд;

**Чандирии ақл**- қобилияти бо тезӣ аз як фикр ба фикри дигар гузаштан, муайян сохтани он, ки як иттилоъро дар дигар масъалаҳо низ истифода бурдан мумкин аст;

**Фасоҳат**-ин ба таври хуб ташаккулёфтаи кӯчонидани малака. Он барои ба осонӣ гузаштан аз як ақида ба ақидаи дигар мусоидат менамояд;

**Нотакрорӣ**- қобилияти тавлиди ғояҳои нав, ки аз мафкураҳои маъмул ва умумӣ ба куллӣ фарқ мекунанд;

**Кунҷковӣ**-қобилияти дар ҳайрат мондан, кушодагӣ барои падидаҳои нав;

**Амиқӣ**-қобилияти такмил додан ва ба анҷом расонидани маҳсули эҷодиёт;

**Ҷасурат**-қобилияти дар ҳолати номуайянӣ ба ақидаи қатъӣ омадан, аз хулосаҳои худ натарсидан ва корро то охир расонидан;

Муаммои эҷодиёт ва эҷодкорӣ дар замони мо ба андозае маъмул гаштааст, ки бисёрии олимон онро «муаммои аср» меноманд ва ҳалли он дар соҳаи маориф ба зиммаи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ гузошта мешавад.

Муҳити ҷамъиятиву фарҳангӣ, ки танҳо одамонро дар бар мегирад, бо воситаи омӯзонидани дониш, дуруст истифода бурда тавонистани ашёҳои табиат, дар инсон қобилияти эҷодиро инкишоф медиҳад.

Ба ақидаи Теплов Б.М. қобилиятҳо танҳо дар мавриди истифода бурдан ва ё инкишоф додан ташаккул меёбанд.

Ба хусусиятҳои фарқкунандаи шахсони эҷодкор ба ин ё он соҳа навгониеро дохил кардан, мустақилона натиҷаи назаррасро соҳиб гардидан, тафаккури амиқ доштан ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Шахси эҷодкор олами атрофро чун ҳамаи одамон дарк месозад, вале фикрронии вай беҳтар ва фарқкунанда аст.

Ин гуна ашхос доимо дар ҷустуҷӯи наврғонӣ ҳастанд, ба ҳвр гуна рӯйдодҳои атроф кордор нестанд, онҳо ҳамеша эҷод мекунанд.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки машғулиятҳо барои бедор сохтани эҷодиёт дар хонандагон аз рӯйи 2 самт ба роҳ монда мешавад:

1. Ташкили фаъолияти эҷодӣ ва фикрии дастаҷамъӣ дар машғулиятҳои амалӣ.

2. Иҷрои мустақилонаи оғози эҷодкорӣ.

Усули фаъолияти эҷодии дастаҷамъӣ, пеш аз ҳама, мусобиқа дар эҷодиёт аст. Ин имкон медиҳад, ки дар хонанда малака ва маҳорати гӯш кардан, якдигарро фаҳмидан, ҳаммуаллифи якдигар будан тарбия карда шавад, ки дар натиҷа бепарвотарин хонандагон низ фикри худро иброз мекардагӣ мешаванд. Хонандагон на танҳо бояд фанни таълимиро

омӯзанд, балки дар зимни корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ сари мавзӯъ андеша кунад, ҷустуҷӯ намояд, таҳлилу хулосабарориро ёд гирад.

Вақте ки хонандагон ба синфи 1-ум қабул карда мешаванд, онҳо бо мақсади чизеро омӯхтан ба таҳсил оғоз менамоянд, аммо онҳо ҳанӯз ба эҷодиёт омода нестанд. Вазифаи муаллим дар он аст, ки дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар хонандагон оғози эҷодиётро бедор сохта тавонад.

Тадқиқот нишон додаанд, ки ҳамаи намудҳои қобилият-донишҳои ҳаётӣ маҳсуб ёфта, инкишофи онҳо дар раванди ҳаёт ба вуқӯъ мепайвандад ва муҳит, ҷомеа, тарбия онҳоро ташаккул медиҳанд. Қобилиятҳо бо фаъолияти фикрии инсон зич алоқаманд буда, дараҷаҳои зерини фаъолияти фикрӣ вуҷуд дорад:

1. Фаъолияти фикрии фазоӣ. Ин қобилият ба ташаккули мафҳумҳои фазоӣ ва мутобиқшавии фазоӣ дар олами атроф иртибот дорад. Масалан, шиноварони баҳри Каспий ҷойи худро аз рӯйи ситораҳо муайян карда метавонанд.

2. Фаъолияти фикрии мусиқавӣ. Қобилият ба дарки мусиқӣ ва офаридани он. Масалан, баъзе ашхос гарчанде дар мактаби миёна ба қатори хонандагони ақибмонда дохил мешуданд, бо як бор шунидан мусиқии навро навохта метавонанд, ё ин ки пионинонавози машҳур, аққалан 1 саҳифаи рӯзномаро хонда наметавонад.

3. Фаъолияти фикрии ҳаракатӣ. Қобилият ба ҳаракатҳои чобукона ва латиф. Масалан, духтури ҷарроҳ ё раққоса.

4. Фаъолияти фикрии байнишахсӣ. Қобилияти фаҳмидани атрофиён ва ба роҳ мондани муносибатҳои байнишахсӣ. Шахсоне ҳастанд, ки бо атрофиён тез унс мегиранд.

5. Фаъолияти фикрии дохилишахсӣ. Қобилияти шинохта тавонистани худ, ҳисси мутобиқати комил бо муҳит.

Хулоса, омӯзиш, эҷодкорӣ ва инкишофи маҳорати муаллим ҳеҷ гоҳ бозистода, канда шуда, ба охир расида наметавонад. Эҷодкорӣ - яке аз унсурҳои муҳимтарини фарҳанги инсон аст. Ҳар як муаллим ва ҳар як хонанда бавуҷудоранда ва давомдиҳандаи он фарҳанг ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Ашевская Л.А. Развитие творческих способностей и личности учащихся. Русский язык в школе. - 2001. - № 6. - С. 21-25.

2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар дар санаи 20.03.2013. Шабакаҳои интернетӣ

3. Венгер Л.А. Педагогика способностей. - М.: Знание, 1973.

4. Винокурова Н.К. Управление процессом развития творческих способностей школьников. Завуч. - 1998. - № 4. - С. 18-37.

5. Дружинин В.Н. Психология творчества. Психологический журнал. - 2005.- Том № 26.- № 5. - С.101-109.

6. Жукова Т.М. Развитие человека есть развитие его способностей. Одаренный ребенок.- 2006.- № 1.- С. 46-51.

7. Кан - Калик В., Никандров Н.Д. Педагогическое творчество. - М.: Педагогика, 1990.

8. Левин В.А. Воспитание творчества. - Томск: Пеленг, 1992
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 20.04.2012. Шабакаҳои интерентӣ.

**САЙДАХМАДЗОДА ДИЛОРОМ,**

заведующая кафедрой философии и гуманитарных наук
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
к.п.н., доцент,
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33,
Тел : (+992) 987-82-29-11, e-mail: sdl6868@mail.ru

## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ЭТИКА И ВОСПИТАНИЕ В ИСЛАМЕ

В этой статье представлена аналитическая информация об экологическом образовании, которое рассматривается как актуальная ветвь теории образования наряду с этическими, экологическими и другими областями образования.

Ислам совершенен и способен удовлетворить потребности всего человечества, религии, окружающей среды и экологического образования.

Ислам с его божественной идеологией и просвещением очень близок к этой важной проблеме. Кроме того, в Исламе существуют вполне определённые религиозные предписания, посвящённые этому вопросу.

***Ключевые слова:*** *природа, законы природы, экологическое воспитание, экологическая этика, ислам, здоровая экология, Коран, загрязнение окружающей среды , религия, Земля.*

**САЙДАҲМАДЗОДА ДИЛОРОМ,**

Мудири кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон,
н.и.п., дотсент,
734003, ш. Душанбе, кўчаи. Саид Носир 33,
Тел : (+992) 987-82-29-11, e-mail: sdl6868@mail.ru

## Одоби экологӣ ва тарбия дар ислом

Дар мақолаи мазкур оид ба маърифати экологӣ, ки ҳамчун як бахши муҳими назарияи таълим дар баробари соҳаҳои ахлоқ, экология ва дигар соҳаҳои таълим баррасӣ карда мешавад маълумот оварда шудааст. Дини ислом комил ва қодир аст, ки ниёзҳои тамоми башарият, дин, ҳифзи муҳити зист ва маърифати экологиро бароварда созад. Ислом бо идеология ва маърифати илоҳии худ ба ин мавзӯи муҳим хеле наздик аст. Илова бар ин, дар ислом фармонҳои дақиқи динӣ ҳастанд, ки ба ин масъала бахшида шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *табиат, қонунҳои табиат, тарбияи экологӣ,этикаи экологӣ, ислом, экологияи солим, Қуръон, ифлосшавии муҳит, дин, Замин.*

**SAIDAHMADZODA DILOROM,**

Head of Department of Philosophy and Humanities of Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Phylosophy, Associate Professor, 734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 987-82-29-11, E-mail: sdl6868@mail.ru

## Environmental ethics and education in Islam

**Annotation**

The article presents analytical information on environmental education which is considered as appropriate part of the theory of education on the same level as moral, environmental and other areas of education. Islam is perfect and capable to meet the needs of all humanity, religion, environment and environmental education. Islam with its divine ideology and education is very close to this important theme. Besides, here are definite religious precepts dedicated to this issue in Islam.

***Key words:*** *Nature, the law of nature, ecological education, ecological ethics, Islam, a healthy ecology, Quran, Environmental pollution, Religion, Earth*

Человек и природа это – уравнение с одним правильным и вечным для всех времен ответом. Доказать же истинность решения помогает экологическое воспитание. Выясним, что это такое, почему загадочная дисциплина столь необходима миру.

«Экологическое воспитание – формирование у человека сознательного восприятия окружающей природной среды, убежденности в необходимости бережного отношения к природе», толкует экологический словарь. Иными, не отягченными научной терминологией словами: экологически образованный человек понимает, что природа – такое же живое существо, как и он сам. Силы ее велики, но не безграничны. [1]

Экологическое воспитание в качестве педагогического процесса нацелен не только на экологические познания, но и на его ощущения, другими словами, психологическую сферу, его искреннюю подготовку к прививанию людям экологических ценностей. Экологическое воспитание – это неотъемлемая часть единой системы воспитания, и по этой причине к обсуждению сути могут быть применены единые подходы теории воспитания.

Важнейшие направления экологического воспитания существуют только на базе учета современности как единого целого, определении главных целей, сути и противоречий в нем, а также выводов педагогической науки насчет современного состояния, подходов и направлений к воспитанию в наши дни. В настоящее время суть экологической воспитанности не может быть рассмотрена в качестве только одной из частей природоохранной системы. Такое воспитание является необходимым компонентом становления и развития личности, который может способствовать решению задач следующих этапов развития цивилизации. Именно по этой причине экологическому воспитанию придают настолько важное общественное значение.

Сегодня экологическое воспитание рассматривается как соответствующий раздел теории воспитания наравне с нравственным, экологическим и другими направлениями воспитания.

Как известно окружающая среда влияет на настроение и психологию человека. Здоровая экология радует и красит человеческую жизнь. Каждый человек, любуясь красивыми пейзажами природы, чувствует успокоение и радость. Загрязнение экологии и уничтожение природы вредит человечеству. Ученые связывают депрессии и распространение психических заболеваний с загрязнением окружающей среды и нарушением экологического равновесия.

За последние годы в погоне за прибылью некоторые силы создали серьезную угрозу для мировой экологии. Нерациональное использование промышленных, военных технологий, химических и ядовитых веществ ведет к уничтожению природы. Неоспоримо, что загрязнение окружающей среды оказывает отрицательное влияние на действия, поведение и общественную жизнь человека. В современном мире, особенно начиная с 1970 года, одним из самых актуальных вопросов является защита окружающей среды. Так, в различных странах мира созданы организации и министерства по проблемам экологии и окружающей среды.

Вопросы экологии и охраны окружающей среды по своей значимости стали одной из главных проблем XXI в. Вступление человечества в эпоху научно-технической революции с ее бурным развитием различных отраслей знания, невиданным прогрессом в области технологии, открытием новых видов энергии, новых материалов и химических веществ, активным вмешательством в природу, при всей непредсказуемости и не исследованности вероятных последствий такого вмешательства в его современных глобальных масштабах – все это и привело к нынешнему крайне тревожному положению в области охраны окружающей среды. [2]

На данный момент угроза, с которой столкнулась планета, вынудила ученых забить тревогу. Потому что если портится окружающая среда, в которой мы с вами живём, вместе с ней портится и наше здоровье. Если же окружающая нас среда становится здоровой и благоприятной для жизни, поправляется наше здоровье и укрепляются наши тела. Человек, пользуясь природой, должен учитывать количество и объем, и, что-то меняя, должен поступать так, чтобы не портить окружающую среду.

Ислам совершенен и способен удовлетворить потребности всего человечества, религии, окружающей среды и экологического образования.

Ислам со своей божественной идеологией и воспитание очень близок к этой весьма важной теме. Кроме того, в исламе существуют вполне определённые религиозные предписания, посвящённые этому вопросу. Например, в аяте 164 суры «Бакара» (Корова) Всевышний говорит: «Воистину, в сотворении небес и земли, в смене ночи и дня, в кораблях, которые плывут по морю с тем, что приносит пользу людям, в воде, которую Аллах ниспослал с неба и посредством которой Он оживил мертвую землю и расселил на ней всевозможных животных, в смене ветров, в облаке, подчиненном между небом и землей, заключены знамения для людей разумеющих. [3]

Ислам настолько уделяет внимание птицам, четвероногим и пресмыкающимся, что в своих книгах создал особые законы и положения о них. Таким образом, мы видим, что ислам придает огромное значение защите живых существ и окружающей среды.

В исламе запрещено убивать животных без причины и особой нужды. Пророк завещал своим сахабам не убивать животных, у которых дозволенное к еде мясо, без нужды, люди ответственны перед животными и всеми живыми существами. В одной из проповедей имам Али говорит: «Люди и жители городов, бойтесь Аллаха (не причиняйте никому мучения, не разрушайте города и селения), все вы в ответе за них и с вас будет спрошено за это. Вы будете отвечать за четвероногих и за земли (зачем вы поджигаете посевные земли и леса, разрушаете города и дома, мучаете животных - вас спросят об этом)».

Природа во вселенной создана в разнообразной и уравновешенной форме и человек не должен нарушать этот баланс. «Воистину, Мы сотворили каждую вещь согласно предопределению» («Камар» (Луна), аят 49). [4]

В Коране приводится, что все сотворенное Аллахом, является необходимостью, и они созданы не просто так. В аятах Корана говорится, что природа и чистый воздух оказывают благотворное влияние на развитие растений и людей. Какие растения произрастают на солончаковых территориях, такое же отрицательное влияние оказывает на воспитание человека загрязненная окружающая среда.

Вникнув в аяты, приведенные выше, мы увидим, что природа создана для людей и отдана в распоряжение человека. Человек, пользуясь своей силой и творческими способностями, которыми наделил его Аллах, может разумно и рационально использовать природу и превратить ее в цветник.

В преданиях пророков звучат призывы заботиться о деревьях, и указано, что сохранение деревьев удлиняет человеческую жизнь. В некоторых преданиях даже указано, что те, кто рубит фруктовые и другие полезные деревья, будут наказаны Аллахом.

Несомненно, запрет на вырубку деревьев и поощрение посадки новых деревьев значительно помогают с точки зрения защиты окружающей среды. Ислам – религия, которая учит защищать окружающую среду. Один из важных факторов защиты окружающей среды – это призыв ислама к чистоте. Пророк всегда призывал свою умму к чистоте.

Заботливое отношение к природной среде является частью человеческой культуры. Человек должен учиться любить и беречь природу, нужно бережливо относиться к воде и нельзя осквернять источники и водоёмы. Необходимость бережливого отношения к водным ресурсам в исламе объясняется тем, что существование всех живых существ на земле связано с водой. Наличие источников пресной воды в аятах Корана описывается как Божья милость: «Мы ниспосылаем с неба чистую и очищающую воду, чтобы оживить ею мертвую землю и напоить ею многочисленный скот и многих людей». [5]

Шариат призывает заботливо относиться к почве, запрещает засорять и осквернять землю. Любые усилия по очищению земли и предотвращению её загрязнения рассматриваются как богоугодный поступок. В одном из хадисов удаление с дороги того, что доставляет неприятность, помещено в один ряд с признанием единобожия и названо «ответвлением веры».

Во многих аятах Корана мы находим указания на одно из основных условий существования жизни на Земле – биологическое разнообразие: «Неужели они не видят, сколько Мы взрастили на земле благородных видов растений?». [6]

Все животные, растения и микроорганизмы, населяющие нашу планету, имеют право на существование – не потому что они могут быть использованы для блага человека, а потому что в совокупности они обеспечивают гармонию Божьего творения: «Мы простёрли землю, поместили на ней незыблемые горы и взрастили на ней в меру всякие вещи». [7]

Поэтому человеку, проживая на Земле, следует учитывать интересы всех остальных, ведь они равны в правах. Также будет неверным заботиться лишь о своем поколении, забывая о потомках. Извлекать пользу не означает истреблять или использовать блага природы как вздумается, не думая, что и в каком виде достанется будущим поколениям. Божественная забота, наполняющая Вселенную и гармоничность каждого творения указывают на Мудрого Творца. Из Священного Корана нам известно, что каждая вещь, существо, известное или неизвестное человеку, выполняют две основные функции: религиозную – по отношению к Всемогущему, Великому Создателю, и социальную – на пользу человека и других созданий. Знающий и Мудрый Господь создал всех для взаимопомощи друг другу. Божественное распределение всех элементов и творений (когда каждый имеет значение и неуклонно исполняет свою роль) способствует равновесию. Жестокое обращение, загрязнение, истребление, уничтожение природных ресурсов – все это идет вразрез с божественной схемой бытия. Часто близорукий эгоизм искушает человека нарушить динамическое равновесие, установленное Богом. Поэтому так важно оберегать все природные ресурсы.

Согласно исламу, этические принципы защиты природы можно сформулировать следующим образом:

«– окружающая среда – это Божье творение и защищать ее – значит сохранять ее ценности как проявление Божьего духа;

– все части природы существуют для восхваления своего Создателя;

– все законы природы сотворены Богом и основываются на концепции абсолютной продолжительности жизни. Попытки нарушить закон Бога должны пресекаться;

– человечество – это не единственное сообщество живых существ в мире. И, как считал пророк Мухаммед, все живые создания достойны защиты и доброго обращения;

– необходимо также сохранять баланс Вселенной, созданной Богом, так как «все им вымерено»;

– природа создана не только для нынешнего поколения;

– исламская экологическая этика отталкивается от той концепции, что все человеческие взаимоотношения основываются на справедливости и равенстве.» [2]

Золотое правило и основной принцип отношения к окружающей нас среде для всего человечества звучит так: «Не вреди, и вреда не будет». Этот девиз есть основа и фундамент взаимоотношений с окружающей средой. Таким образом, ислам предлагает уникальный набор моральных ценностей и эколого-этических правил для управления отношений между людьми и природой. Ислам также санкционирует и предлагает суровые наказания тем, кто не

обращается с Божьими созданиями должным образом. На наш взгляд, современный технократический мир нуждается в такой суровой, но справедливой этике и воспитании.

**Список литературы:**

1. Анна Белокопытова
2. Дидоренко В. С., Могдалева И. В. Экологическая этика ислама.
3. Коран, аят164 сура «Бакара»
4. Коран, аят 49 сура «Камар»
5. Сура 25 «Различение», аяты 48-49).
6. Сура 26 «Поэты», аят 7
7. Сура 15 «Хиджр», аят 19.

**СИРОҶИДДИНИ ЭМОМАЛӢ,**

декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ,
Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
тел.:907-65-38-38, E-mail: sirojiddin1975@ mail.ru

**ИБРОҲИМОВА САОДАТ ЗУЛФОВНА,**

декани факултети таҳсилоти хизматчиёни давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи С.Носир,33
тел.: 918-77-37-07, E-mail: ibraqimovasaodatmo @ mail.ru

# ТАСВИРИ КАСБУ ҲУНАР ДАР «МАЪВОИ ДИЛ»-И РАҲИМ ҶАЛИЛ

**Аннотатсия**

Дар адабиёти классикии тоҷику форс дар як давраи тӯлонии таърихӣ дар ёддоштнависӣ ва истифодаи маводи тарҷумаиҳолӣ анъанаҳои муайяне муқаррар гардида буд. Бисёре аз шоирон ва насрнависони тоҷику форс бештар ба маводи тарҷумаи ҳоли худ мурочиат мекарданд. Вақте ки муҳимтарин асарҳои назми классисикиро аз назар мегузаронем, дидан мумкин аст, ки унсури биографӣ ба ин ё он андоза қариб дар ҳамаи онҳо вомехӯрад.

***Калидвожаҳо:*** *таназзули сохти феодалӣ, муносибатҳои саодатбахшу фирӯзи сотсиалистӣ, ширкат, одамони соҳибистеъдод, давраи пурҳаводиси тараққиёти таърихии халқ, дасти пурҳунари писари ӯ, рӯзгори озоду осоишта, тӯппидӯзи ҳунарманд, ҳунару истеъдоди занони гулдасти тоҷик,*

**СИРОДЖИДДИНИ ЭМОМАЛИ,**

декан факультета таджикской филологии Национального университета Таджикистана,
доктор филологических наук,
г. Душанбе, проспект Рудаки 17
тел.: 907-65-38-38, E-mail: sirojiddin1975@ mail.ru

**ИБРОХИМОВА САОДАТ ЗУЛФОВНА,**

декан факультета обучения государственных служащих
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул.С.Носир 33

Тел.: 918-77-37-07, E-mail: ibraqimovasaodatmo@mail.ru

**Описание умения и мастерства в «Пристанище сердца» Рахима Джалила**

**Аннотация**

В таджикско-персидской классической литературе за длительный исторический период были установлены определенные традиции в области написания мемуаров и использования биографических материалов. Многие таджикско-персидские поэты и писатели прибегали к своим автобиографическим материалам. Когда просматриваешь произведения классической прозы, можно заметить, что в какой - то мере биографический элемент присутствует во всех этих произведениях.

***Ключевые слова:*** *раскол феодального строя, благополучные социалистические отношения, компания, талантливые люди, период развития исторических явлений народа, умелые руки сына, мирная и спокойная жизнь, умелая швея, искусство умелых рук таджикских женщин,*

**SIROJIDDINI EMOMALI,**

Dean of the Tajik Philology Faculty of Tajik National University,
Doctor of Philology
Dushanbe, 17, Rudaki Avenue
Phone: 907-65-38-38, E-mail: sirojiddin1975@mail.ru

**IBROHIMOVA SAODAT ZULFOVNA,**

Dean of Faculty of State Officers Education
of the Academy of Public Administration under the President of Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: 918-77-37-07, E-mail: ibraqimovasaodatmo@mail.ru

**Description of occupation in «Heart shelter» - of Rahim Jalil**

**Annotation**

There was determined certain traditions in the field of writing memoirs and using biographic materials for a long historical period in Tajik-Persian classic literature. Many Tajik-Persian poets and writers had been used their own biographic materials. When we look through classical prose works, one may see that in some way there are biographical elements in all works.

***Key words:*** *split of feudal system, prosperous socialistic relations, pre-revolutionary, partnership, talented people, a time of formation of nation historical phenomena, skilled hands of his son, peaceful, quiet life, skilled seamstress, art of skilled hands of Tajik women.*

Миллати тоҷик аз давраҳои дури таърих бо эҳёи ҳунарҳои писандидаи хеш мавҷудияташро дарак дода, дар олами фарҳангу адаб мақому манзалати чашмрас ба даст овардааст. Вобаста ба он, ки Сарвари давлат солҳои 2019-2021-ро Солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намудаанд, Тоҷикистон бо таърихи ҳунарҳои мардумии пурғановат ва ёдгориҳои таърихии худ шуҳрати хосса пайдо намуд.

Аз рӯйи асарҳои таърихӣ оид ба касбу ҳунар ва ҳунарҳои пешрафтаи замона ва инкишофи онҳо маълумотҳои саҳеҳ пайдо карда мешавад. Яке аз чунин асарҳои таърихӣ ин асари тарҷумаиҳолии нависандаи шӯравӣ Раҳим Ҷалил «Маъвои дил» мебошад. Ин асар натанҳо доир ба тарҷумаи ҳоли Раҳим Ҷалил, махсусан дар ибтидои роҳи эҷодии ӯ маълумоти пурқиматеро фарогир аст, инчунин дар он касбу ҳунарҳои пешрафтаи замони ҳаёти нависанда низ тасвири худро ёфтаанд. Ин аст, ки ин асарро ҳамчун манбаи муҳими таърихӣ оид ба маданияту фарҳанг ва адабиёти тоҷик номидан мумкин аст. Дар асар манзараҳои ҳаёти халқ, урфу одат, меҳнату маишат ва сатҳи инкишофи касбу ҳунарҳои замона тасвир гардидааст.

Раҳим Ҷалил низ дар ин пеша С.Айниро пайравӣ карда, фақат баъди он, ки асарҳои бадеию таърихии «Одамони ҷовид» ва романи сегонаи «Шӯроб» - ро эҷод намуда, дастраси хонандагон гардонд, ба таълифи «Маъвои дил» камар баст.

«Маъвои дил» дар бораи Хуҷанд- шаҳрест, ки дар пеши назари нависанда бо иштироки фаъолонаи ӯ, бо дастони одамони шӯравӣ нашъунамо кард ва ба яке аз калонтарин шаҳрҳои саноатии ҷумҳурӣ табдил ёфт.

«Маъвои дил» низ ба монанди романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб» анвои иттилооти фаровони таърихӣ, ҷамъиятӣ ва ҳаётиро дар бар гирифтааст. «Маъвои дил» сар то по хотироти нависандаро аз нахустин қадамҳои ҳаёти нав дар Хуҷанди бостонӣ то барқароршавии ҳаёти осоишта дар бар кардааст.

Раҳим Ҷалил дар пайравӣ ба Садриддин Айнӣ кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва иҷтимоии мардумро дар як давраи пурҳаводиси тараққиёти таърихии халқ, давраи аз байн рафтани зиндагии кӯҳна, низоми пӯсидаи феодалӣ ва пойдору устувор гардидани муносибатҳои саодатбахшу фирӯзи сотсиалистӣ ҳарчӣ васеътар ва дилчасптар намудор созад.[ 1,59]

Раҳим Ҷалил аз тасвири маҳаллаи худ сар карда, баъд хонандаро ба дигар гузарҳо, кӯчаҳои шаҳр мебарад, бо одамони касбу корашон гуногун шинос менамояд, гузаштаи онҳоро бо имрӯз муқоиса мекунад. Нависанда нишон медиҳад, ки аз байни мардуми меҳнатӣ чӣ қадар одамони соҳибистеъдод ба воя расидаанд. Устоҳайдари «кафшҳояш аз даҳони мор кашидагӣ барин силиқ», Яъқубҷони фаранги «даҳ панҷааш ҳунар», Содирхони хушовоз, «олими уламо» - Ҳоҷӣ Юсуф, «Қутби замони шаҳр Муҳиддинхон» аз ҳамин қабиланд.[ 1,65]

Замони феодалӣ барои инкишофи қобилияти онҳо имкон намедод. Онҳо барои соҳибҳунарии худ азоб мекашиданд, зулм медиданд, лекин ба ин нигоҳ накарда, онҳо дилбастаи касбу ҳунари худ буданд, барои инкишофи ҳунарҳои худ талош менамуданд. Агар

Яъқубҷони фаранг дар гузашта хонаҳои шахсиро кандакорӣ карда, дар ивазаш музди ночиз мегирифта бошад, дасти пурҳунари писари ӯ Устоохундҷон бинои театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Пушкинро (ҳоло ба номи Камоли Хуҷандӣ) оро додааст, ки аз кандакорию нақшу нигорҳои он ҳазорҳо одамон лаззат мебаранд ва онҳо «ҳамчун ёдгории қадимии Хоразм, одамонро шод мегардонад».[ 1,67]

Нависанда дар баробари нишон додани вазнинию мураккабии ҳаёти халқ, такопӯи мардум барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ, аз тасвири образҳои гуногун бо маҳорат ва бамаврид истифода кардааст. Тасвири нақши Бобоамаки кафшдӯзе, ки дар синни калонсолиаш хонадор шуда, соҳиби фарзандони сершумор шудааст, бисёр диққатҷалбкунанда баромадааст. Аз тангии рӯзгор, гаронии парастории оилаи калони худ бечора Бобоамак чанд фарзанд доштану чӣ ном доштани онҳоро дар хотир надорад. Суҳбати Бобоамак бо шахсе, ки ӯлпонпулӣ меғундошт ниҳоят табиӣ буда, тасвири ҳақиқӣ дорад: «Ба шумо дурӯғу ба худо рост, мулло. Ман ба ҷои курта чанд сол боз ана ин хел гиребонҳоро ба гарданам овехта  мегардам, - ӯ пешгирро аз сандуқи дил гирифт ва як гиребони аз курта боқимондаро, ки ба гарданаш овехта буд, нишон дод».[ 1,50]

Бачагони Бобоамак на хурдании серӣ доштанду на пӯшидании дуруст. Зимистон, ки расид, аз хона берун омада наметавонистанд. Бачагони кафшдӯз мисли бофандаи кафангадо ҳеҷ ақаллан, кафши кӯҳнае надоштанд. «Сарлучу танлуч ба зери курпаи лахлахаи рӯи сандалӣ медаромаданд. Махсусан дар зимистон нолаи модар аз бачагонаш зиёдтар мешуд».[ 1,49]

Раҳим Ҷалил бо тасвир намудани  рӯзгори вазнини Бобоамаки кафшдӯз хонандаро бо зиндагии вазнини  тоҷикони пешазинқилоб ошно намуда, хотиррасон менамояд, ки гузаштаи халқи мо то кадом андоза риққатовар ва зиндагӣ дилгиркунанда буд.

Дар Хуҷанди тоинқилобӣ касбу ҳунарҳои зиёде рӯ ба инкишоф оварда буданд.  Дар қатори нонвойҳо, кафшдӯзон ва ошпазҳои нодир барои дарёфти ҳаққи ночизе  аз сари субҳ то шом меҳнат мекарданд, вале музди меҳнаташон барои пешбурди рӯзгор кифоят намекард.

Нависанда дар баробари муаррифии шахсони ҳунарманду бофарҳанги замонаш, ки ба ҳунармандияшон нигоҳ накарда, зиндагии душвору вазнин доштанд, аз тасвири тимсолҳои манфӣ низ худдорӣ накардааст. Баққол Зоҳидзиқна дар тасвири нависанда симои манфӣ буда, ҳамчун шахси баддаҳон, фиребгар ва баднамуду бадқавора муаррифӣ шудааст: «Баққол Зоҳидзиқна ном марди каҷовашиками каҷпо, кӯтоҳгардану каллакалон ва хирриовозе буд, ки дар бадмуомилагӣ монанд  надошт.  Ӯ ҳамаро то метавонист фиреб медод. Вале ҳадди касе набуд, ки лому мим гӯяд...» [ 1,67]

Тасвири зиндагии пурмашаққати занону духтарони давраи тоинқилобӣ ва тасвири ҷонбозиҳои онҳо дар роҳи расидан ба мақсад, рӯзгори озоду осоиша, дар асар ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Маҳз ба воситаи тасвири ҳунари тоқидӯзии Хайрӣ ном духтари чаққону ҳунарманд нависанда тавонистааст, ки ҳаёти душвори зани тоҷикро тасвир созад, ки ба мушкилоти зиёди замон ва рӯзгор нигоҳ накарда, барои зиндагӣ талошу мубориза дорад. Хайрӣ ҳамчун зани ҳунарманд ва қавиирода бо беадолатию беҳуқуқии худ фаъолона мубориза бурда, то охири ҳаёт ба муваффақияту хушбахтиҳо ноил мегардад. Дар анҷом хонанда шоҳиди хушбахтию хушрӯзии Хайрӣ мегардад.

«... зеро вай акнун тӯппидӯзи хеле ҳунарманд шуда буд ва нақши тӯппиҳояшро ман кашида медодам. Он вақт аксари хуҷандиҳо тӯппии тагдӯзӣ ва чамандагул, фақат олуфтаҳо тӯппии аждаҳорӣ мепӯшиданд. Тӯппии гули шафтолуи мақбули хосу ом аз зери сӯзан ва бахяҳои ӯ баромада шӯҳрат ёфт....»[ 1,59]

Ҳарчанд Хайрӣ дӯстдоштаи худро дошт, вале мувофиқи фармудаи шариат, ки аз тоифаи саидзодаҳо буд, падар розӣ набуд, ки ӯ ба Нурмуҳаммади ҳунарманд издивоҷ кунад. Роҳи халосиро аз ин мушкилот Хайрӣ ва Нурмуҳаммад дар гурехтан дида, якҷоя аз ҳавлии падар мегурезанд. Дар охир Хайрии чевар, шукуфону хандон ва боомубат, дар зиндагӣ зани хушбахт, соҳиби фарзандони доною соҳибмаълумот мегардад, ки аз ин ӯ ифтихор дорад. Ба воситаи тасвири нақши Хайрӣ, Раҳим Ҷалил тавонистааст, ки симои зани беҳуқуқи даврони феодалии тоҷикро бо тамоми ҷузъиёташ тасвир намояд ва тарғиб ба он намояд, ки одам аз ноомадиҳо ҳаргиз бояд ранҷидаҳол нагардад, балки барои хушбахтӣ ва расидан ба мақсад ҳамеша мубориза барад. Шахси ҳунарманд ҳаргиз шикаст намебинад, зеро, ҳунар воситаест, ки инсонро аз мушкилот мераҳонад, чуноне мегӯянд:

«Ҳунар омӯз к-аз ҳунармандӣ,

Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ».

«__ Духтарам Озода ҳам, худо умрашро диҳад, ба ман рафта, чевар шуд».[ 1,55]мегӯяд, Хайрӣ.

Бале, Хайрии ҳунарманд завқи баланди чевариашро ба фарзандаш омӯзондааст. Ҳунари Хайрӣ ва духтараш Озода дар намоишгоҳҳои дохилию хориҷӣ ба маърази тамошо гузошта шуда, бо ин васила ҳунару истеъдоди занони гулдасти тоҷик муаррифӣ карда шудаанд.

Нависанда хонандаро ба сайри маҳалу кӯчаҳои шаҳри Хуҷанд бурда, аз гузаштаву ҳозираи шаҳр, аз ҳунару ҳунармандии мардуми шарифи ин сарзамин бо ҳисси ифтихор нақлҳои ҷолиб менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳар як маҳалла, ҳар як кӯчаи шаҳри Хуҷанд таърихи ба худ хос дорад, ки ба таърихи куҳани мардуми тоҷик сахт алоқаманд аст. Мисол, Чорраҳа, ки маркази бозори Панҷшанбе мебошад ва Панҷшанбе маркази калони асосии савдо ва ҳунармандӣ буда, дар он панҷсаду даҳ дӯконҳои гуногуни мардумӣ ҷой кунонида шудаанд. Раҳим Ҷалил қайд менамояд, ки қисми шимолии бозорро растаи дӯконҳои қассобӣ, нонфурӯшӣ, қанду қандалот ва ҳафтмевафурӯшӣ, бозори биринҷ, чарм, шинӣ ишғол менамуд. Растаҳои заргарону мисгарон, оҳангару чӯянрезон, собунпазиву собунфурӯшӣ ва дӯкони нишоллосозиву ҳалвогарӣ,дӯконҳои баззозону шоҳифурӯшон, кулолӣ, кордсозу кордфурӯшон ва атторону вофурӯшон, кудунгарон ва ғайра, ҳар кадоми онҳо тим доштанд, ки аз сармо ва гармо одамонро эмин ингоҳ медоштанд. Бо тасвир намудани манзараи дохили бозор нависанада ба хонанда на танҳо дар бораи як худи бозори овозадор маълумот медиҳад, балки аз он ёд меоварад, ки маҳз соҳиби ҳамаи он ҳунарҳо худи сокинони шаҳр буданд, ки дар дӯконҳо маҳсули меҳнати худро ба харидорон пешкаш мекарданд ва ҳар яке дӯкони алоҳидаи худро доштанд. Қайд бояд кард, ки қисми зиёди ин хунарҳои мардумӣ то имрӯз идома ёфта, бо тарзу усулҳои нави замонавӣ рушду инкишоф ёфта, дар шаклҳои наву замонавӣ ривоҷ ёфтаанд.

Раънобегим ном дарздӯзи номӣ аз маҳаллаи Шайхислом дар дӯхтани дарзи мардум он чунон усто будааст, ки ҳамеша аз серкорӣ менолидааст. Бахусус, дар рӯзҳои пеш аз ид ин

зани боҳунар сарашро аз кор бароварда наметавонистааст. Бо пайдо шудани техникаи нав, яъне мошинаи дарздӯзӣ аз рӯйи нақли зани ҳамсоя, мушкилот дар зиндагии ин зани боҳунар боз ҳам бештар гардидааст.

«- Наход гӯед Раънобегимро шавҳараш се талоқ кунад! Гӯр ҳамун мошинаи чокдӯзӣ шавад. Касофат будааст. Чӣ кардаанду чӣ мондаанд, ҳоло намедонам. Аммо инаш аниқ, ки такасалтанги худо ноумед кардагӣ гул барин зани даҳ дасташ ҳунарро мошина мехарӣ гуфта, се талоқ кардааст».[1,55]

Бо пайдо шудани муъҷизаи аҷоиби техника, ки кори мушкили одамонро осон ва дар соли аввали пайдоиш гаронбаҳо, чокдӯзони камҳунар вале соҳиби ин мошина овозадор шуда, чокдӯзони чевар, ки мошина надоштанд, аз луқмаи даҳон мемонданд. Барои ҳамин чеварон кӯшиш мекарданд, ки аз ҳисоби пасандозашон як илоҷ карда, мошина харанд, ки маҳз хамин чиз сабаби талоқ гирифтани Раънобегими чевар шудааст.

Бо шарофати Инқилоби Октябр ҳаёту зиндагии мардум ранги дигар гирифт. Замона тағйир ёфт, илм тараққӣ карда, техникаҳои наву замонавӣ пайдо шудан гирифтанд. Дар баробари пайдоиши аввалин технология фаҳмиши мардум, низ нав гардид, мардум аз пайи омӯзиши илмҳои замона гардида, мушкилоти худро осон мекардагӣ шуданд.

Устои дуредгар, кандакор ва гаҷкори номӣ Яъқубҷон, ки пештар иморатҳои мардумро устоӣ мекард, бо шарофати намояндаи ширкати олмонии «Зингер» устои мошинаи навбаромад шуда, мушкилоти мардумро осон менамуд.

Дар баробари маълумот дар бораи косибону ҳунармандони шаҳри Хуҷанд, муаллиф хонандаро бо фаъолияти фабрика, комбинати абрешими шаҳри Хуҷанд, ки бо истеҳсоли шоҳию атлас, алочаю беқасаб дар ҷаҳон машҳур гардидааст, ошно намуда, маълумот медиҳад: «...ки ҳанӯз соли ҳазору нуҳсаду шашум дар Хуҷанд дусаду сӣ дукони шоҳибофӣ будааст, ки соле саду бист ҳазор сумина шоҳӣ мебофтаанд. Аз дусаду чил маҳаллоти шаҳр дар аввали асри мо дар саду бисту шаш маҳалла пиллакашон ва саду даҳ маҳалла бофандагон будаанд, ки шоҳиди авҷи ин касбу кор аст. Шоҳию атлас, карбосу алоча, қаламию хосса, фӯтаю саллаҳое, ки дар шаҳри мо бофта мешуданд, ин тараф то Қашқару он тараф то Афғонистону Ҳиндӯстон бурда мешуданд.» [1,184]

Бо ташкил шудани аввалин фабрикаи абрешим ҳамаи пиллакашон, бофандагон, абрбандҳо дар як ҷо, дар комбинат ҷамъ оварда шуда, ба воситаи технологияҳои замонавӣ истеҳсоли шоҳию атлас аз саду бист ҳазор сумина ба сию ҳашт миллион метр дар як сол расонида шуд. Ёдовар мешавад, ки комбинат зиёда аз шаст навъ матоъ мебарорад, ки қариб ду ҳазор намуд дорад.

Нависанда аз нақлу ривоятҳо истифода намуда, дарвоқеъ, шӯҳрати ҷаҳонӣ касб намудани атласҳои хушбофти аз абрешими соф омодашудаи Хуҷандро воқебинона тасвир менамояд;

«...бино ба қавли ровиёну воқеанависони Юнону араб, сарбозону сипаҳдорони Искандари македонӣ ва сонӣ Қутайба аз Хуҷанд ба Юнону Арабистон ба занону маъшуқаҳои мубталои дарди ҳиҷрон чун як навъ тасаллию таскин матоъҳои маҳину хушобуранги абрешимии Хуҷандро мефиристонидаанд. Аз рӯйи он ривоят ва нақлҳо пиллакашон ва бофандагони ин сарзамин ҳанӯз дар он замон дар ҳунар аз чиниён мондаӣ надоштанд. » [1,183]

Вобаста ба фоъолияти фабрика бо Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ҳамроҳ Тоҳирова - зани меҳнатию мушкилнописанд, фурӯтану ҳалим шоҳибофи номӣ маълумот пайдо намудан аз асар басо гуворою фаромӯшношуданист. Зиндагию рӯзгори чунин ашхос боиси омӯзиш ва пайравӣ мебошад, чунки маҳз бо шарофати меҳнати ҳалолу кӯшишу ғайрати беандозаи ин гуна занону духтарони кордону қобил комбинат нақшаҳои панҷсоларо дар се сол иҷро намуда, обрӯю эътибори корхонаи худро дар арсаи меҳнат басо баланд бардошта, маҳсулоти беҳтаринро истеҳсол менамуданд, ки ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар нуфузу эътибори хосса доштанд.

Хулоса, «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил асарест, ки сар то по аз таъриху фарҳанги қисмати шимоли ҷумҳурии азизамон нақлу ҳикояҳо менамояд, ки шиносоӣ бо ин аср маълумоти аниқу дақиқро вобаста ба ҳунару ҳунармандони ин минтақа пешкаш менамояд.

Имрӯз ҳар як фарди калонсол вазифа ва қарзи инсонии худро дар он мебинад, ки ба ҷавонон ва наврасон саҳифаҳои дурахшону ибратомӯзи таърих, қаҳрамонию диловарии гузаштавгони худро омӯзонида, онҳоро дар руҳияи ватандориву ватандӯстӣ тарбия намоянд, зеро таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад.

Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огаҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. А.Дониш. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ». Душанбе:1957
2. М.Шукуров. Анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик. Душанбе: Ирфон,1968
3. М.Шукуров. Хусусиятҳои ѓоявӣ ва услубии «Ёддоштҳо» - и С.Айнӣ. Душанбе: 1966
4. Р.Ҷалил. «Маъвои дил» ҷ.1-2.Душанбе : Ирфон, 1973.
5. С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. Москва, 1926
6. М.Шукуров. Анъана, халқият ва маҳорат. Душанбе: 1957.
7. Отахонова Х. Аз рӯи меҳр, меҳр. Душанбе : Ирфон, 1957.



**ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДДИНОВИЧ,**

дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
н.и.т,
тел: 988-50-10-11, email-amrsharif@mail.ru

**ФАЙЗОВ НЕКРӮЗ НАВРӮЗОВИЧ,**

ҷонишини декани факултети муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.т.,
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
тел.: (+992) 918-15-76-67

## АФЗАЛИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия**

Дар мақола зарурати дуруст муайян кардани сиёсати хориҷӣ, бахусус самти минтақавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Қайд мегардад, ки афзалияти минтақавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати рушди муваффақонаи ҳамкории байналхалқӣ ба шумор рафта, бо таърихи ташаккули давлатдории тоҷикон дар замони Шӯравӣ, вижагии ҷуғрофии минтақа, гузаштаи умумии таърихии халқҳои маскуни Осиёи Марказӣ ва фарҳанги хоссаи мардумони он вобастагӣ дорад.

Муаллифон ба аҳамияти стратегии минтақа ишора намуда, моҳият ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварро муайян кардаанд, ки инъикоси худро дар санадҳои оинномавии муайянкунандаи сиёсати хориҷӣ, ташаббусҳои минтақавии Тоҷикистон ва муроҷиатҳои Сарвари давлат ёфтааст.

***Калидвожаҳо:*** *афзалият, минтақа, сиёсати хориҷӣ, ҳамкорӣ, ташаббус, пешниҳод, мавқеъ, муносибат, муқовимат, таҷриба, иқтисод, манфиат, амният.*

**ШАРИПОВ АМРИДДИН НУРИДДИНОВИЧ,**

доцент кафедры дипломатии и внешней политики
Таджикского национального университета,
к.и.н,
тел: 988-50-10-11, email-amrsharif@mail.ru

**ФАЙЗОВ НЕКРУЗ НАВРУЗОВИЧ,**

заместитель декана факультета международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
к.и.н.,
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 918-15-76-67

## Региональный приоритет внешней политики Республики Таджикистан

**Аннотация**

В статье проанализирована необходимость правильного определения регионального вектора внешней политики Республики Таджикистан.

В статье подчеркивается, что региональный приоритет внешней политики Республики Таджикистан, являясь необходимостью успешного развития международного сотрудничества, исходит из исторического формирования таджикской государственности в Советский период, особенностей географического расположения региона, общего исторического прошлого и особом культурном наследии народов заселяющих Центральную Азию.

Авторы, указав на стратегическую важность региона, определили суть и основные направления внешней политики страны, которые нашли своё отражение в уставных документах, определяющих внешнюю политику, региональных инициатив Таджикистана и обращениях главы государства.

***Ключевые слова:*** *приоритет, регион, внешняя политика, сотрудничество, инициатива, предложение, позиция, отношение, сопротивление, опыт, экономика, интерес, безопасность.*

**SHARIPOV AMRIDDIN NURIDDINOVICH,**

Associate professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy
of Tajik National University, Candidate of History,
Phone: 988-50-10-11, E-mail: amrsharif@mail.ru

**FAIZOV NEKRUZ NAVRUZOVICH,**

Deputy Dean of the Faculty of International Relations
of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
Candidate of History,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-15-76-67

## Regional priority of the foreign policy of the Republic of Tajikistan

### Annotation

The article analyzes the need to correctly determine the regional vector of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. The article emphasizes that the regional priority of the foreign policy of the Republic of Tajikistan is a necessity for the successful development of international cooperation proceeds from the historical formation of Tajik statehood in the Soviet period, the particular geographic location of the region, the general historical past and the special cultural heritage of the peoples inhabiting Central Asia.

The authors, pointing out the strategic importance of the region, determined the essence and main directions of the country's foreign policy, which were reflected in the charter documents defining foreign policy, regional initiatives of Tajikistan and the speeches of head of state.

***Keywords:*** *priority, region, foreign politics, cooperation, initiative, proposal, position, relation, resistance, experience, economy, interest, safety.*

Бо дарёфти истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи байналмиллалӣ қадам ниҳод. Ба давлати ҷавон зарур буд, ки барои касби мақоми шоиста дар як даврони мураккаби таърихи башар ва таҳаввулоти бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ талош намояд. Яке аз заруратҳои таъхирнопазири даврони истиқлолият ин ташаккул ва инкишофи муносибатҳо бо кишварҳои дигар, қабл аз ҳама, бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Зеро чун Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбасти комуникатсионӣ қарор дошт, ин омил тақозо мекард, то ҳамкорӣ ва муносибатҳо бо кишварҳои хориҷи дуру наздик, алалхусус, бо давлатҳои ҳамҷавор барқарор ва густариш ёбанд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо сабаби омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, қавмӣ – этникӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии худ соҳиби хусусиятҳои хоси геополитикӣ мебошанд:

1) Осиёи Марказӣ аз назари ҷуғрофӣ дар маҳалли гузаргоҳи Аврупо дар Ѓарб ва Осиё дар Шарқ воқеъ буда, дар шимол бо Россия ва дар ҷануб бо ҷаҳони ислом ҳаммарз аст, ки дар маҷмуъ аз мавқеи муносиби стратегӣ бархӯрдор аст.

2) Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар хушкӣ ҷойгир буда, ба баҳрҳо роҳи баромади бевосита надорад ва барои баромадан ба баҳр маҷбур аст, ки аз хоки ҳамсоягонаш убур намояд.

3) Дар Осиёи Марказӣ манобеи табиӣ, хусусан газ, нефт ва филизоти нодир фаровон буда, барилова минтақа дорои шароити муносиби парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аст. [13,43].

4) Осиёи Марказӣ бо фарҳангҳои эронӣ, туркӣ ва исломӣ пайвандҳои дерина дорад ва таъсири фарҳангии Шарқу Ѓарб ба он асар намудааст.

5) Осиёи Марказӣ бо хусусиятҳои ҷуғрофии худ қисмати муҳимми Роҳи абрешимро фаро гирифта, дар мубодилаи фарҳангӣ ва иқтисодии Шарқу Ѓарб саҳми бузург дорад. Тавассути минтақа комёбиҳои илмӣ-фарҳангии Шарқ ба Аврупо роҳ ёфта, дастовардҳои тамаддуни аврупоӣ дар Машриқзамин ривоҷ пайдо намуд.

Осиёи Марказиро ҳанӯз соли 1904 ҷуғрофиёшинос ва сиёсатмадори англис Х. Маккиндер яке аз асосгузорони илми геополитика "Меҳвари ҷуғрофии таърих" номида буд. Ӯ чунин меҳисобид, ки ин минтақа ҳамеша дар сайёра муҳимтарин боқӣ монда, ҳар касе онро идора намояд, тамои фазои авруосиёиро соҳиб аст, ва ҳар ки Авруосиёро соҳиб аст, ҷаҳонро идора мекунад[2].

Осиёи Марказӣ – ин воҳиди хоси геополитикиест, ки ҳудуди он аз даштҳои ҷануби Сибир то водиҳои "Трансоксиана" – заминҳои шимоли Оксус (Ому), дарёи бузургтарини Осиёи Марказӣ тӯл кашидааст. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои пайдарҳами форсҳо, юнониён, чиниҳо, арабҳо, муғулҳо ва русҳо халқҳои Осиёи Марказӣ маҷбур шуданд, ки аз ихтилофҳои дохилӣ даст кашида, аз маҳдудаи мафкураи танги қабилавӣ берун шаванд. Аз ин рӯ, онҳо соҳиби руҳияе гаштанд, ки ба рӯйи «инсонҳои маккор ва пинҳонкор бо симои далерона менигаранд»[15, . 21].

Дар шароити муосири байналхалқӣ – афзоиши нуфузи омили иқтисодӣ, болоравии нақши геополитикии минтақа ва масоили таъминот бо энергия, Осиёи Марказӣ бо 4 млн. км$^2$ ҳудуд ва 65 млн. нафар аҳолӣ иқтидори бузургеро соҳиб аст. Ҳамзамон ҳаёти 70 сола дар ҳайати давлати шӯравӣ равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриҳои иттифоқиро мустаҳкам намуд. Зиёда аз он, вобаста ба низоми хоҷагидории ягонаи шӯравӣ вобастагии мутақобилаи соҳаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, саноат ва кишоварзӣ зарурати истиқрори равобити мутақобиларо бо кишварҳои ин минтақа пеш овард.

Додани авлавияти минтақавӣ дар сиёсати хориҷӣ яке аз заруратҳое буд, ки бо таърихи ташаккули давлатдории тоҷикон дар замони шӯравӣ, махсусияти ҷуғрофии минтақа, гузаштаи умумии таърихии халқҳои маскуни Осиёи Марказӣ ва фарҳанги вижаи мардумони он вобастагӣ дошт.

Барои инъикоси ҷанба дар низоми меъёрии ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ қабули аснод ва изҳороти расмие зарур буд, ки афзалияти минтақавии онро таъкид намоянд. 4 – январи соли 1992 дар иҷлосияи XI даъвати 12 – уми Шӯрои Олии ҶТ «Муроҷиатнома ба кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ» қабул гардид, ки дар он аз ҷумла омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши қатъии таъмини фазои демократии

кишвар, истифодаи фаъолонаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, таъсиси иқтисоди бозаргонӣ, таъмини реҷаи мусоиди ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон ва соҳиб гаштани узвияти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳониро дорад. Аз ин рӯ, ба кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мурочиат намуда, хоҳиш менамоем, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф карда, бо кишвари мо равобити дипломатиро барқарор намоед»[7, 504].

Санади мазкур инъикоси ҳадафҳои сиёсати хориҷии кишвар ва омода будан ба истиқрори равобит бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳониро нишон медод. Аҳаммияти қабули Муроҷиатнома дар он зоҳир мегардид, ки он дар марҳилаи бухрони иқтисодӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ қабул гардид.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои 1991-1992 Тоҷикистон ба таҳкими сохтори давлатӣ ва дарёфти мавқеи хеш дар арсаи байналмилалӣ машғул буд, вале ҷанги шаҳрвандӣ ин равандро амалан қатъ намуд. Танҳо Эмомалӣ Раҳмон дар низоми давлатдории тоҷикон давраи нави сифатӣ ба вуҷуд оварда, раванди мазкурро аз нав оғоз бахшид ва тавсеа дод. Ӯ дар муроҷиатномаи аввалини хеш ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1992 принсипҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷиро изҳор намуд, ки дар он принсипи «мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама, бо Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон» нақши муҳим дошт[8,6]. Яъне зарурати ба роҳ мондани равобити ҳусни ҳамҷаворӣ бо кишварҳои минтақа ва авлавияти минтақавии сиёсати хориҷиро Сардори давлат аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани худ таъкид намуда буд.

Ҳамзамон Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар суханронии хеш дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 28 декабри соли 1993 зимни зарурати танзими консепсияи сиёсати хориҷии кишвар таъкид намуда буд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба 5 ҳавзаи сиёсӣ дохил шуда, Осиёи Марказӣ ҳавзаи дуюми сиёсӣ мебошад[8,79].

Аз ҷониби дигар, дар раванди баргузории музокироти тоҷикон мақоми хосса ба кишварҳои минтақа дода шуд. Ҳамзамон кишварҳои Осиёи Марказӣ аъзои Гурӯҳи робита ва кафилони сулҳи тоҷикон буданд[12,137], ки аз ҳамбастагии минтақавӣ, таърихӣ ва манфиатҳои мутақобилаи онҳо бо Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Баъди воқаҳои маълуми 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вазъи сиёсӣ ва геополитикии ҷаҳон дигаргун гардид. Дар Осиёи Марказӣ низ вазъият тағйир ёфта, таҳаввули навъҳои нави равобити мутақобилаи байни кишварҳо мазмуни нав ва мураккабтар касб менамояд. Ҳамзамон нақши минтақа бо дарназардошти омилҳои фавқуззикр боло рафта, дастёбӣ ба манобеи табиии он рақобати нави геополитикиро дар Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Бозии нави бузург» [4,4] ба бор овард. Бо дарназардошти ҳолати баамаломада ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятҳои сиёсати минтақавии худро муайян намуд, ки инъикоси он дар паёмҳои солонаи Президенти кишвар ба Маҷлисӣ Олӣ таҷассум мегардад. Ба қавли Сарвари давлати тоҷикон – «имрӯз андешаву дидгоҳи мо оид ба вазъи ҷаҳону минтақа ва авлавиятҳои сиёсати хориҷиамон васеътару воқеитар ва дақиқтар гардидаанд» [10].

Аз ҷониби дигар, паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ яке аз асноди инъикоскунандаи самти минтақавии сиёсати хориҷӣ ва ташаббусу пешниҳодҳо вобаста ба Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар марҳилаи кунунӣ мақсад аз таҷаммуи манфиати давлатҳои бузург дар атрофи Осиёи Марказӣ, аз лиҳози геополитикӣ ва геостратегӣ таҳти назорат қарор додани фазои марказии Авруосиё ва захираҳои табииву шабакаҳои коммуникатсионии минтақа мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд таъсири сиёсати давлатҳои пешрафтаро ба раванди амалӣ гардонидани сиёсати кишварҳои минтақа ҳамеша дар назар дошта бошем» [9].

Авлавияти минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои Савари давлат ҳамчун муайянкунандаи самти сиёсати хориҷии кишвар ва асноди марбут ба он инъикос гаштааст.

Маҳз бо дарназардошти боло рафтани мақоми минтақа ва таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба он Э.Раҳмон зимни ироаи паём ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2000-ум вазифаи танзими консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузошт. Бо қарори ҳайати мушовираи Вазорати корҳои хориҷӣ аз 18 июни соли 2001 гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, лоиҳаи санади мазкурро омода намуд, ки 24 сентябри соли 2002 аз ҷониби Президенти кишвар тасдиқ гардид. Дар ин санад оид ба бартарияти минтақавӣ дар бахши «Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид гардид. [6, 68].

Мавқеи муҳимми кишвар ва душвориҳои ташаккули давлатдорӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва пайомадҳои он вобаста ба вазъи ҳассоси байналхалқӣ ҳамчун дастурамали фаъолияти сиёсатмадорон ва масъулони бахши сиёсати хориҷӣ таъкид мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи муҳими Авруосиё, ки Осиёи Марказиро бо нимҷазираи Ҳинду Чин мепайвандад, воқеъ аст ва дар равандҳои ҷаҳонии сатҳҳои минтақавию байналмилалӣ, алалхусус дар ду даҳаи охир, иштироки фаъол дорад.

Вале ин ширкати фаъолонаи мо ва ба арсаи ҷаҳонӣ баромадани Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст. [9].

Тоҷикистон кишвари соҳиби мавқеи муҳимми стратегӣ ва геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад ва чигунагии чунин мақомро дар минтақа ва ҷаҳон касб намудани кишвар, пеш аз ҳама, ба он вобастааст, ки то кадом дараҷа сиёсати дурусти хориҷӣ пеш бурда мешавад. Баҳри татбиқи сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама, муайян намудани самтҳои асосии он зарур мебошад.

Ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвари мо маҳсуб мегардад[14, 93].

Сарвари давлати тоҷикон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ дар самти муносибат бо кишварҳои минтақа чунин таъкид намуданд: «Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятро ишғол менамоянд. Мо ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошем» [9].

Ҷолишҳои минтақавӣ дар солҳои 2013-14 ва зуҳури хатарҳои навини ғоявӣ-ифротӣ, миллатгароии иртиҷоӣ (неофашизм) ва таҳдиди бавосита ба кишварҳои миллӣ зарурати ба тасвиб расонидани консепсияи нави сиёсати хориҷиро возеҳ намуд, ки вокуниши кишварро ба ин зуҳуроти номатлуб нишон медод. Маҳз ин омилҳо ба таҳияи консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷиистон мусоидат намуданд, ки дар он самти минтақавии сиёсати хориҷӣ чунин инъикос гаштааст: Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дӯстӣ, некӯҳамсоягӣ ва мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар буда, ҳадафи эҷоди навори эътимоду амниятро дар тӯли марзи кишвар пайгирӣ мекунад. Ин сиёсат дар ҳалли масъалаҳои баҳснок, аз ҷумла масоили сарҳадӣ ва обу энергетика ба ҳалли осоиштаи онҳо ба воситаи музокироту гуфтушунидҳо, ҳусни тафоҳуми ҷонибҳои дахлдор ва эътирофи усули баробарӣ ва тақсимнопазирии амният дар минтақа такя мекунад. Дар низоми равобити байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамҷавор мақоми авло доранд. Тоҷикистон ҷонибдори густариши минбаъдаи таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи халқҳои Осиёи Марказӣ мебошад[5].

Дар марҳилаи кунунӣ дар сиёсати хориҷии ҶТ доштани равобити ҳасанаи наздик ва собит бо кишварҳои ҳамсоя ба хотири эҷоди камарбанди боварӣ ва амниятӣ дар тӯли марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи авлавиятҳо ба шумор меравад.

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳусни ҳамсоягӣ, ҳамзистии осоишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии

якдигарро пеша намуда, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб, ба шумули масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҳама гуна фишор худдорӣ намуда, бо роҳи ҳалҳои мусолиматомези сиёсӣ ва гуфтушунидҳо афзалият диҳад. Гузашта аз ин, вай бо истифода аз таҷрибаи нодире, ки дар сулҳофаринӣ ва ҳалли низоъҳо дорад, дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли ҳолатҳои низоӣ иқдом мекунад ва саҳм мегирад [6, 110].

Албатта, дар тамоми минтақаҳои олам масъалаҳои муайяне мавҷуданд, ки метавонанд монеи густариши ҳамкориҳои минтақавӣ гарданд. Дар Осиёи Марказӣ масъалаи тақсимоти марзӣ ва дарёҳои фаромарзӣ, аз як ҷониб, эҳтимоли омили хушунат ва низоъ гардида, аз ҷониби дигар, дар сурати муносибати оқилона ба он боиси таҳкими ҳамкориҳо шуда метавонад. Дар робита ба масоили ҳалталаби обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: “Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамкории мутақобилан судманд ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Мо хуб мефаҳмем, ки танҳо ҳамкории мутамаддин ва иродаи сиёсӣ метавонад ба ҳамаи мо пешрафту инкишофро дар ин ҷода таъмин намоянд. Тоҷикистон ба чунин ҳамкорӣ комилан омода аст”[1, 12].

Маҳз ин нуктаҳо дар сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат Э. Раҳмон инъикос мегардад, ки ба таҳкими равобити минтақавӣ, дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва таъмини амният дар он даъват менамояд. «Тоҷикистон чунин мешуморад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ барои ҳалли ҳамаи мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ, муқовимати муассир бо таҳдиду хатарҳои муосир ва таъмин кардани сатҳи рушди сифатан нав ҳамаи захираву имкониятҳоро дорад. Далели возеҳи афзалияти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин сатҳи стратегии муносибати кишвар бо се ҷамоҳири Осиёи Марказӣ (ба ѓайр аз Қирѓизистон) мебошад.

Амалӣ намудани барномаҳои хислати минтақавидошта дар бахшҳои энергетикаву алоқа, нақлиёту коммуникатсия ва эҷоди технологияҳои нав барои афзоиши имкониятҳои мо, ба минтақаи амну субот ва рушд, майдони ҳамкориҳои созандаву мутақобилан судманд, мубаддал гаштани Осиёи Марказӣ, ки ба боло бурдани некӯаҳволии мардумони мо ва пешрафти минтақа нигаронида шудаанд, шароит фароҳам хоҳанд овард» [10].

Дар ин самт пешниҳоди ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳалли масъалаи оқилонаи об ва ҳамгироии минтақавӣ, аз қабили Лоиҳаи энергетикии минтақавии “CASA-1000” (CASAREM) байни 4 давлати Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ - Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон қобили зикр мебошад. Бояд гуфт, ташаббусҳо дар соҳаи об, пеш аз ҳама, ба таҳкими ҳамкориҳо ва танзими муносибатҳо дар ин соҳаи ҳаётан муҳим нигаронида шуда, мавзӯи обро аз чаҳорчӯбаи фаҳмиши классикӣ ва куҳнашудаи он раҳо мекунанд ва назари навро дар истифодаи захираҳои обии минтақа талқин менамоянд, ҳадафи истифодаи таҷрибаи пешрафтаи якдигар ва ҷаҳонро дар ҳалли масъалаҳои баҳсноку низоъангез, аз ҷумла, идоракунии захираҳои оби дарёҳои сарҳадгузар пайгирӣ мекунанд[3].

Дар маҷмуъ, сиёсати минтақавии Ҷумуҳурии Тоҷикистон раванди пайгиронаи тавсеаи ҳамкориҳоро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таҷассум намуда, баҳри дар амал татбиқ гаштани он кушишу талош менамояд.

**Адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда**

1. 25 қадам дар паҳнои олам. Душанбе: Ирфон, 2016, - 220 с.

2. «Географическая ось истории» Хэлфорда Макиндера. https://textbooks.studio/uchebnik-geopolitika/geograficheskaya-istorii-helforda18016.html

3. Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон. https://mfa.tj/tg/main/sijosati-khoriji/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston

4. Казанцев А.А. «Большая игра» с неизвестными правилами: Мировая политика и Центральная Азия. / Казанцев А.А. М., 2008

5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст

6. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Душанбе: «Ирфон», 2006, 224 с.

7. Назриев Д., Сатаров И. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й. Душанбе, 2005, - С.

8. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. - Душанбе: «Ирфон» 1995,

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2004 http://www.president.tj/

10. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15.03.2013 http://www.president.tj/node/4113

11. Суханронӣ дар Конфронси байналмилалӣ вобаста ба 20-солагии бетарафии Туркманистон. 12.12.2015 http://www.president.tj/node/10464

12. Усмонов И. Сулҳнома. Душанбе, 2002.

13. Центральная Азия: геополитика, геоэкономика, безопасность. / Редколл.: Р. М. Алимов, Ш. Р. Арифханов и др. — Ташкент: «Шарк», 2002.

14. Шарипов А., Мирзоев Н. Асосҳои дипломатия. Душанбе, 2015, -С. 93.

15. Critchlow James,"Caravans And Conquests//Wilson Quarterly, Summer 1992, P. 21

**ҚУРБОНОВ МАҲМАРАСУЛ АБДУҚОДИРОВИЧ,**

мудири кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2,
тел: (+992) 93-600-01-86, E - mail: kmahmarasul@gmail.ru

**ИСМАТУЛЛОИ ШЕРХОН,**

унвонҷӯ, сармутахассиси шуъбаи магистратураи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33,
тел: (+992) 900-85-85-13, E - mail: ismatullo_0492@mail.ru

# ТАЪСИРБАХШИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ (ДАР МИСОЛИ МАВЗЕЪҲОИ ТАЪРИХӢ ВА САЙЁҲИИ МИНТАҚАИ СУҒД)

**Аннотатсия**

Дар мақолаи мазкур роҳҳои ҳалли мушкилоти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар асоси пешниҳодҳо ва тавсияҳо муаллифон дар ин боваранд, ки рушди сайёҳӣ барои буҷети кишвар манфиатовар мебошад. Илова бар ин, ҳамзамон бо рушди сайёҳӣ ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд, ки боиси коҳишёбии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ даркишварҳои хориҷӣ мегарданд. Инчунин таъсири технологияҳои иттилооти компютерӣ дар соҳаи рушди туризм мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ, сайёҳи дохилӣ ва хориҷӣ, ширкати сайёҳӣ, технологияи иттилоотӣ, сомона, Интернет, мавзеъҳои таърихию сайёҳӣ, раводиди электронӣ.*

**КУРБОНОВ МАХМАРАСУЛ АБДУКОДИРОВИЧ,**

заведующий кафедрой информационных систем в экономике
Таджикского государственного университета коммерции,
к.э.н., доцент,
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2,
тел: (+992) 93- 600-01-86, E - mail: kmahmarasul@gmail.ru

**ИСМАТУЛЛОИ ШЕРХОН,**

соискатель, главный специалист отдела магистратуры
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир 33,
тел: (+992) 900-85-85-13, E - mail: ismatullo_0492@mail.ru

## Эффективность использования информационных технологий в туристических компаниях (на примере исторических и туристических объектов Согдийского региона)

**Аннотация**

В данной статье исследуются пути решения проблем туризма в Республике Таджикистан. Авторы, на основании предложений и рекомендаций уверены, что развитие туризма приносит прибыль бюджету страны. Кроме того, с развитием туризма появляются новые рабочие места, что намного сокращает выезд трудовых мигрантов из страны для

работы в других странах. Так же исследована эффективность информационных компьютерных технологий в развитии туризма.

***Ключевые слова:*** *турист, местный и зарубежный турист, туристическая компания, информационные технологии, сайт, Интернет, исторические и туристические места, электронная виза.*

**QURBONOV MAKHMARASUL ABDUQODIROVICH**,

Head of Department of Information Systems in Economy of
Tajik State University of Commerce,
Candidate in Economics, Associate Professor
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2, Dehoti str.,
Phone: (+992) 93-600-01-86, E-mail kmahmarasul@gmail.ru

**ISMATULLOI SHERKHON,**

Aspirant, Chief Expert of Magisterial Division of the Academy of Public Administration under the President of **the Republic** of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 900-85-85-13, E-mail: ismatullo_0492@mail.ru

## Efficiency of information technologies usage in travel agencies (on the example of historical and tourist objects of Sughd region)

### Annotation

The article discusses the ways of solving tourism problems in the Republic of Tajikistan. Based on proposals and recommendations the authors assured that tourism development is profitable for country's budget. Besides, tourism development reveals new workplace, which reduces work migration of citizens of the country abroad. In addition, there has been examined the efficiency of ICT in development of tourism.

***Keywords:*** *tourists, local and foreign tourists, travel agencies, information technology, site, Internet, historical and tourist places, electronic visa.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои рушди минбаъдаи он заминаҳои заруриро фароҳам меоварад. Барои рушди соҳаи мазкур ҷорӣ намудани низоми раводиди электронӣ ва истифодабарии технологияи иттилоотию иртиботӣ барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ, таъсис додани минтақаҳои сайёҳӣ ва муҳайё намудани инфрасохтори зарурӣ бояд таъмин ва густариш дода шаванд.

Дар ин маврид раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нӯъмон Абдуғаффорзода дар вохӯрии худ бо хабарнигорон иттилоъ дод, ки дар соли 2018 ба Тоҷикистон 1 миллиону 155 ҳазор сайёҳони хориҷӣ омадаанд ва ӯ қайд намуд, ки рақами мазкур 2,6 маротиба нисбат ба нишондоди соли 2017 зиёд мебошад. Аз соҳаи сайёҳӣ ба кишвар 214 миллион сомонӣ фоида расидааст, ки ин 65,2 миллион сомонӣ нисбат ба соли 2017 бештар аст. Тавре роҳбари Кумита қайд намуд, сайёҳони хориҷӣ, асосан ба минтақаҳои дорои осори фарҳангию таърихӣ, истироҳатӣ ва сайёҳӣ сафар мекунанд, аз ин лиҳоз сайёҳии кӯҳистон низ дар ҳоли рушд мебошад. "Шумораи сайёҳони дохилӣ дар давраи ҳисоботӣ 751 ҳазор нафарро ташкил дод", - гуфт Нӯъмон Абдуғаффорзода [3].

«Сарзамини мо аз нигоҳи иқлим, обу ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад» [1].

Баъд аз омӯзиши паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2018 ба хулоса омадан муикин аст, ки босуръат тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ дар кишвар зарур мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст, ки барои пешрафти иқтисодиёти кишвари азизамон дар ин самт саҳмгузор бошад.

Имрӯз дар ҷомеаи мо дар самти технологияҳои иттилоотию иртибототии худкоршуда пешравиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Аз ҷумла, пардохти маблағҳои хизматрасониҳои коммуналӣ (барқ, об ва ғайра), телефонҳои мобилӣ, гирифтани маош ва нафақа аз тариқи технологияҳои иттилоотии худкор ба роҳ монда шудаанд.

Технологияи иттилоотӣ маҷмӯи мушаххаси воситаҳои техникӣ ва таъминоти барномавӣ буда, барои гузаронидани амалиёти гуногуни коркарди иттилоот дар самтҳои мухталифи фаъолияти инсон пешбинӣ шудааст.

Технологияи иттилоотӣ яке аз соҳаҳои тафаккури илмӣ буда, ба воситаи системаи таҳлилии ҳодисаҳои муҳити атроф равандҳои иттилоотии бо суръати баланд вусъатёбандаро меомӯзад ва методу воситаҳои худкори ҷамъоварӣ, қабул, нигаҳдорӣ, табдилдиҳӣ, фиристодан, сабткунӣ ва истифодаи иттилоотро тавассути техникаи компютерӣ мавриди омӯзиш ва коркард қарор медиҳад. Технология аз калимаи юнонӣ гирифта шуда маънои санъат, маҳорат ва тавоноиро дорад [2, 35-38].

*Ҳадафҳои худкорсозии ширкатҳои сайёҳӣ:* бо талаботи замон, қабул ва коркарди иттилооти ширкатҳо ва операторҳои гуногуни сайёҳӣ, худкорсозии ҳуҷҷатгузориҳо ва муҳосиботи дохилии ширкатҳои сайёҳӣ, барқарорсозии муносибатҳои корӣ бо операторҳои сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ, таҳлил ва коркарди иттилоот дар таҳияи ҳисоботи омориро дар бар мегирад.

*Равандҳои худкорсозии иттилоотии ширкатҳои сайёҳӣ:* мавҷудияти техникаи муосири компютерӣ, таъмини компютерҳо бо барномаҳо, таъминоти барномавие, ки иртиботро бо системаҳои саросарии иттилоотрасониро ташкил карда метавонанд, сохтан ва истифода намудани Интернет-мағозаҳои хусусӣ барои маҳсулоти сайёҳӣ.

*Рушди технологияи худкорсозӣ дар шабакаи интернети муосир дар соҳаи сайёҳӣ:* сохтани сомонаҳои махсус ва шабакаҳои мустақили ширкатҳои сайёҳӣ, пешниҳодкунии

хизматрасониҳои технологии муосир ба ширкатҳои сайёҳӣ, васеъшавии ҳаҷми хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва худкорсозии онҳо, коркарди системаи ягонаи табодули иттилоот дар байни иштирокчиёни бозори сайёҳӣ.

*Роҳҳои худкорсозии фаъолияти идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ:* санҷиш ва муайянкунии вазъи бозор, худкорсозии ҳуҷҷатгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, худкорсозии муҳосибот, таҳлили додаҳо ва омори расмӣ.

*Марҳилаҳои асосии истифодабарии шабакаи Интернет дар тиҷорати сайёҳӣ:* сохтани сомонаи ширкати сайёҳӣ, ба сомонаи ширкати сайёҳӣ илова намудани имкониятҳои интерактивӣ, дар сомонаи ширкат ҷой додани мағозаи электронӣ, пайвастшавии ширкати сайёҳӣ ба системаҳои тиҷоратӣ.

Дар минтақаи Суғд як қатор ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва бостоншиносие вуҷуд доранд, ки ташвиқу тарғиби онҳо ба ғанӣ гардонидани иқтисодиёти минтақа мусоидат хоҳад кард. Вилояти Суғд, ки таърихи қадима дошта, дар байни минтақаҳо мақоми фарҳангиро соҳиб гардидааст ва садҳо донишмандҳои забардаст, шахсиятҳои муътабару соҳибмаърифат дар ин сарзамин ба камол расидаанд.

Татбиқи технологияи иттилоотӣ дар рушди сайёҳии кишвар ва коркарди сомонаҳо дар мавзӯи сайёҳӣ бо истифода аз афзорҳои муосир вобаста ба имкониятҳои мавҷуда, тақозои замон мебошад. Рушди саноати сайёҳӣ ба тиҷорати электронӣ зич алоқаманд буда, масъалаҳои калидии ин соҳаро технологияи иттилоотии шабакавӣ, механизми ташкилии иртиботи иттилоот, шаклҳои мухталифи пардохтҳои электронӣ ташкил медиҳад.

**Мавзеъҳои диданӣ ва сайёҳии вилояти Суғд** [4]

- ✓ Қалъаи Хуҷанд (шаҳри Хуҷанд);
- ✓ Оромгоҳи Шайх Муслиҳиддин (шаҳри Хуҷанд);
- ✓ Саразм (шаҳри Панҷакент);
- ✓ Ҳафткӯл (шаҳри Панҷакент);
- ✓ Искандаркӯл (ноҳияи Айнӣ);
- ✓ Хоҷа Дарвешмуҳаммад (ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ);
- ✓ Ҳазрати Шоҳ (шаҳри Исфара);
- ✓ Зумрад (шаҳри Исфара);
- ✓ Лангари Моҳиён (шаҳри Исфара);
- ✓ Қуммазор (шаҳри Исфара);
- ✓ Ҳоҷа Абдуллоҳи Сурхӣ (шаҳри Исфара);
- ✓ Қалъачаи Мазор (шаҳри Исфара);
- ✓ Чимурғонбобо (шаҳри Исфара);
- ✓ Ҳавотоғ (шаҳри Истаравшан);
- ✓ Панҷсенат (шаҳри Истаравшан);
- ✓ Авис сити (шаҳри Истаравшан);
- ✓ Ҳазрати Шоҳ (шаҳри Истаравшан);
- ✓ Муғ теппа (шаҳри Истаравшан);
- ✓ Лангар Ато (ноҳияи Спитамен);
- ✓ Мазору масчиди Ҳаштсаҳоба (ноҳияи Ашт);

- ✓ Чинорбобо (ноҳияи Ашт);
- ✓ Бобои Об (Абдураҳмони Авф) (ноҳияи Ашт);
- ✓ Қалъаи Афросиёб (ноҳияи Ашт);
- ✓ Ёдгориҳои бостоншиносии Тӯдаи хурд ва калон (ноҳияи Ашт);
- ✓ Мазор ва Масҷиди Шаҳидон (нохияи Ашт);
- ✓ Истироҳатгоҳи Баҳористон (шаҳри Гулистон);
- ✓ Шифо (шаҳри Гулистон);
- ✓ Охунбобо (ноҳияи Деваштич);
- ✓ Хуҷамрӯшноӣ (ноҳияи Деваштич);
- ✓ Тошмазорбобо (ноҳияи Деваштич);
- ✓ Санги Бобур (ноҳияи Деваштич);
- ✓ Кӯчкакмазор (ноҳияи Конибодом);
- ✓ Чилдухтарон (ноҳияи Шахристон);
- ✓ Ойдинкӯл (ноҳияи Шаҳристон);
- ✓ Қалъаи Қаҳ-қаҳа (ноҳияи Шаҳристон);
- ✓ Қалъаи Чилдухтарон (ноҳияи Шаҳристон);
- ✓ Дараи Охтангӣ (ноҳияи Шаҳристон);
- ✓ Мавзеи Ойкӯл (ноҳияи Шаҳристон);
- ✓ Осоишгоҳи Одил (ноҳияи Шаҳристон);

ва ғайра.

Бо итминин метавон гуфт, ки ин мавзеҳои диданӣ ва сайёҳӣ барои тарбияи ҷавонон, сиҳатмандии ҷомеа, эътиқод ба гузаштагон ва ҷалби сайёҳони дохил ва хориҷи кишвар хизмат хоҳад кард.

Метавон гуфт, ки имрӯз дар вилояти Суғд, алалхусус, шаҳру навоҳии гуногун тамоми имконот барои рушди соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз ҳолати хуб қарор доштани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ муҳайё гашта, мунтазири меҳмонон ва сайёҳон мебошанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ ва муҳайё сохтани маводи иттилоотӣ оид ба ин самт мушкилоти зеринро ҳал менамояд

Ҳар як ширкат барои амалӣ намудани паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди сайёҳӣ бояд корҳои зеринро ба анҷом расонад:

1.Рушди сомонасозӣ бо домени тоҷикӣ (tj);

2.Ҷалби ҷавонон ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва сайёҳӣ (шинохти асолати гузаштагони худ, таъриху фарҳанг ва урфу одатҳои мардумӣ);

3.Ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ (ғанӣ гардонидани иқтисодиёти минтақа);

4.Сохтани марказҳои хизматрасонӣ дар назди мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ;

5.Аз байн бурдани одати бегонапарастӣ ва парастиши урфу одатҳои мардумони дигар.

Барои ҳарчи зудтар ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дар боло зикрёфта вазифаҳои зеринро бояд ба иҷро расонид:

1.Ҷамоварии маълумоти мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва сайёҳии минтақаи Суғд;

2.Сохтани сомона дар яке аз забонҳои муосири сомонасозӣ;
3.Иҷозат гирифтани домени тоҷикӣ (tj);
4.Ҷой кардани сомона дар шабакаи Интернет;
5.Мунтазам таҷдид намудани иттилооти сомонаи сайёҳӣ.

Имкониятҳои замони муосир дар шабакаи Интернет мусоидат менамоянд, ки табъу завқи муштариён омӯхта шуда, сомонаҳои мавриди алоқа ва вақтҳои фароҳамшавии онҳо муайян карда шаванд. Дар ин маврид хизматрасониҳои электронӣ, мағозаҳои электронии сайёҳӣ аз ҷумлаи намудҳои сомонаҳои ширкатҳои сайёҳӣ буда, дар асоси технологияи худкорсозии иттилоотӣ истифодабарии онҳо айни муддао мебошад. Вижагии асосии чунин сомонаҳо ин равшан ва аниқ кардани ҷузъиёти сайру сайёҳат барои сайёҳон буда, дар бобати муҳайё сохтани меҳмонхона, маҳсулоти сайёҳӣ, фармоишҳои сайёҳон тавассути системаи иттилоърасонии худкорсозӣ ба нақша гирифта мешавад.

Масъалаи асосии татбиқи технологияи иттилоотӣ худкорсозӣ дар тиҷорати сайёҳии кишвар ин зиёд намудани миқдори ширкатҳои сайёҳӣ бо сатҳи гуногуни худкории онҳо ба шумор меравад. Мавҷуд набудани низоми муайяни ҳисоббаробаркуниҳои фаврии муштариёни ширкатҳои сайёҳӣ тариқи шабакаи Интернет аз нокифоя будани низоми ягонаи пардохтҳои электронӣ шаҳодат медиҳад.

Рушди технологияи иттилоотӣ дар худкорсозии саноати сайёҳии кишвар пеш аз ҳама аз омилҳои зерин вобаста аст:

✓ таҳияи нармафзорҳои касбии идоравии ширкатҳо ва дастрасии онҳо ба шабакаи Интернет;

✓ дастрасӣ ба пойгоҳи додаҳои тарафи қабулкунанда барои тасдиқи хизматрасонӣ дар реҷаи вақти муайян;

✓ дастрасии муштариён ба пойгоҳи додаҳои идоравии ширкатҳои сайёҳӣ тавассути шабакаи Интернет;

✓ сохтани сомонаҳои сайёҳӣ ва пахши онҳо дар шабакаи Интернет;

✓ ҷойгир намудани мағозаҳои электронӣ ва пардохтҳои электронӣ дар сомонаҳои сайёҳӣ.

**Адабиёт**


1. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 [Захираи электронӣ]. Реҷаи вуруд: http://president.tj/ (Санаи муроҷиат: 26.04.2019).
2. Қурбонов М.А., Буриев Б.М., Раджабов А.А., Тулиев М.С. Информатикаи иқтисодӣ/ Комплекси таълимӣ – методӣ. -Душанбе: Эрграф, 2017. -120саҳ.
3. Таджикистан в 2018 году посетили свыше 1,1 млн. иностранных туристов [Захираҳои электронӣ]. Реҷаи вуруд: http://avesta.tj/2019/02/08/tadzhikistan-v-2018-godu-posetili-svyshe-1-1-mln-inostrannyh-turistov/ (Санаи муроҷиат: 01.04.2019)
4. Ш. Қурбон. Сайёҳӣ. Рушди ин соҳаи муҳим дар минтақаҳо беҳбудиро тақозо менамояд/ Рӯзномаи «Ҷумҳурият» - Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи

электронӣ]. Реҷаи вуруд: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=37751 (Санаи муроҷиат: 26.05.2019)

**САРАБЕКОВА ИЗОЛАТ ЗАКРАТОВНА,**

доцент кафедры менеджмента и маркетинга
Таджикского национального университета,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел. 2232303, 91111589, E-mail: Sarabekova56@mail.ru

**МАХКАМОВ ФУРКАТ ФОЗИЛОВИЧ,**

ассистент кафедры менеджмента и маркетинга
Таджикского национального университета,
734025, Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки 17.
Тел. 2232303. E-mail: max.furkar@mail.ru,

## МОДЕЛИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ БАЛАНСОВОЙ МОДЕЛИ

**Аннотация**

В данной статье рассматриваются проблемы моделирования развития туристической отрасли Республики Таджикистан на основе применения балансовой модели. Макроэкономические основы туристической отрасли, как многоотраслевое хозяйство требует оптимального баланса между отдельными его секторами. Каждая отрасль, являясь производителем, также является потребителем продукции других отраслей экономики. Поэтому, следует решить задачу расчета связи между отраслями через выпуск и потребление различной продукции и услуг туристической отрасли.

Балансовая модель позволяет уточнить соотношение между заданными проблемами отрасли туризма, такими как: поток туристов, гостиницы и транспорт, а также балансовая модель позволяет сравнить параметры туристических отраслей разных городов и стран и обозначить целевые показатели развития для туристической отрасли Республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *балансовая модель, моделирование, туризм, туристическая отрасль, макроэкономические основы, поток туристов, показатели развития туризма, инфраструктура туристической отрасли.*

**САРАБЕКОВА ИЗОЛАТ ЗАКРАТОВНА,**

дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон 2232303, 91111589, E-mail: Sarabekova56@mail.ru

**МАҲКАМОВ ФУРҚАТ ФОЗИЛОВИЧ,**

ассистенти кафедраи менеджмент ва маркетинги
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон 2232303, E-mail: max.furkar@mail.ru

## Амсиласозии рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси амсилаи тавозунӣ

**Аннотатсия**

Дар мақолаи мазкур проблемаҳои амсиласозии рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси мураттабсозии амсилаи тавозунӣ баррасӣ мегардад. Асосҳои макроиқтисодии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун хоҷагии бисёрсоҳа тавозуни беҳтарини байни шуъбаҳои алоҳидаи онро талаб менамояд. Ҳар як соҳа дар баробари истеҳсолкунанда

буданаш, инчунин истеъмолкунандаи соҳаҳои дигари иқтисодиёт мебошад. Аз ин рӯ, бояд баҳисобгирии робитаи байни соҳаҳоро ба воситаи истеҳсол ва истеъмоли молу хадамоти гуногуни соҳаи сайёҳӣ ҳаллу фасл намоем.

Методи тавозунӣ таносуби проблемаҳои соҳаи сайёҳиро ба монанди гурӯҳи сайёҳон, меҳмонхонаҳо ва нақлиёт, ки амсилаи тавозунӣ метавонад андозаҳои соҳаи сайёҳии шаҳру мамлакатҳои гуногунро мавриди муқоиса қарор дода, нишондиҳандаи рушди мақсадноки соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намояд.

***Калидвожаҳо:*** *амсилаи тавозунӣ, амсиласозӣ, сайёҳӣ, соҳаи сайёҳӣ, асосҳои макроиқтисодӣ, дастаи сайёҳон, нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ, зерсохтори соҳаи сайёҳӣ.*

**SARABEKOVA IZOLAT ZAKRATOVNA,**

Associate Professor of Management and Marketing Department
of the Tajik National University,
734025, Dushanbe, 17, Rudaki Avenue
Phone: 2232303, 91111589, E-mail: Sarabekova56@mail.ru

**MAKHKAMOV FURKAT FOZILOVICH,**

Assistant of Management and Marketing Department
of the Tajik National University,
734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
Phone: 2232303, E-mail: max.furkar@mail.ru

## Modeling of the tourism industry development in the Republic of Tajikistan on the basis of balance model

**Annotation**

The article discusses the problems of modeling the tourism industry development in the Republic of Tajikistan based on the use of the balance model. The macroeconomic fundamentals of the tourism industry as a diversified economy require an optimal balance between its individual sectors. Each sector, being a producer, is also a consumer of products from other sectors of the economy. Therefore, it is necessary to solve the problem of calculating the relationship between sectors through the production and consumption of various products and services of the tourism industry.

The balance model allows you to clarify the relationship between the given problems of the tourism industry, such as: the flow of tourists, hotels and transport, as well as allows you to compare the parameters of the tourism industries of different cities and countries and identify development targets for the tourism industry of the Republic of Tajikistan.

***Key words:*** *balance model, modeling, tourism, tourism industry, macroeconomic fundamentals, tourist flow, tourism development indicators, tourism industry infrastructure*

Макроэкономические основы функционирования многоотраслевого хозяйства требует оптимального баланса между отдельными отраслями. Каждая отрасль, с одной стороны, является производителем, а с другой - потребителем продукции, выпускаемой другими отраслями. Возникает довольно непростая задача расчета связи между отраслями через выпуск и потребление продукции разного рода. Впервые эта проблема была сформулирована в 1936 г. в высшематематической модели в трудах известного экономиста В. Леонтьева, который попытался проанализировать причины экономической депрессии в США в 1929 - 1932 гг. Эта модель основана на использовании аппарата матричного анализа.

Балансовые соотношения. Для простоты будем полагать, что производственная сфера хозяйства представляет собой n отраслей, каждая из которых производит свои однородные продукты. Для обеспечения производства каждая отрасль нуждается в продукции других отраслей (производственное потребление). Обычно процесс производства рассматривается за некоторый определенный период времени; в ряде случаев такой единицей служит год.

Введем следующие обозначения:

$X_i$- общий объем продукции $i$ -и отрасли (ее валовый выпуск);

$X_{ij}$ - объем продукции -й отрасли, потребляемый $j$ -й отраслью при производстве продукции $Xj$;

$Y_i$ - объем продукции -й отрасли, предназначенный для реализации (потребления) в непроизводственной сфере, или так называемый продукт конечного потребления. К нему относятся личное потребление граждан, удовлетворение общественных потребностей, содержание государственных институтов и т.д. Балансовый принцип связи различных отраслей промышленности состоит в том, что валовой выпуск отрасли $i$ должен быть равен сумме объемов потребления в производственной и непроизводственной сферах. В самой простой форме (гипотеза линейности или простого сложения) балансовые соотношения имеют вид

$$x_i = x_{i1} + x_{i2} + x_{i3} + \cdots + x_{in} + y_i, \qquad i = 1,2,3 \ldots n; (1)$$

Уравнение (1) называют соотношениями баланса.

Поскольку продукция разных отраслей имеет разные измерения, будем в дальнейшем иметь в виду стоимостной баланс.

Линейная модель многоотраслевой экономики В. Леонтьевым на основании анализа экономики США в период перед второй мировой войной был установлен важный факт: в течение длительного времени величины $a_{ij} = \frac{x_{ij}}{x_j}$ меняются очень слабо и могут рассматриваться как постоянные числа. Это явление становится понятным в свете того, что технология производства остается на одном и том же уровне довольно длительное время и следовательно объем потребления $j - й$ отраслью продукции $i - й$ отрасли при производстве своей продукции объемом $xj$ есть технологическая константа[5, 96].

В силу указанного факта можно сделать следующее допущение: для производства продукции $y' - й$ отрасли объемом $x_j$ нужно использовать продукцию i -й отрасли объемом $a_{ij}$ , $x_j$ где $a_{ij}$ - постоянное число. При таком допущении технология производства

принимается линейной, а само это допущение называется гипотезой линейности. При этом числа $a_{ij}$ называются коэффициентами прямых затрат[4, 100].

Согласно гипотезе линейности, имеем

$$a_{ij} = \frac{X_{ij}}{X_j};\ X_j a_{ij} = X_{ij}\ i,j = 1,2,3,\dots n. (2)$$

Тогда уравнения (2) можно переписать в виде системы уравнений

$$\begin{cases} x_1 = a_{11}x_1 + a_{12}x_2 + \cdots + a_{1n}x_n + y_{1,} \\ x_2 = a_{21}x_1 + a_{22}x_2 + \cdots + a_{2n}x_n + y_{2,} \\ \dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots.. \\ x_n = a_{n1}x_1 + a_{n2}x_2 + \cdots + a_{nn}x_n + y_{n.} \end{cases} \quad (3)$$

Введем в рассмотрение векторы-столбцы объемов производственной продукции (вектор валового выпуска), объемов продукции конечного потребления (вектор конечного потребления) и матрицу коэффициентов прямых затрат:

$$X = \begin{pmatrix} x_1 \\ x_2 \\ \dots \\ x_n \end{pmatrix}, y = \begin{pmatrix} y_1 \\ y_2 \\ \dots \\ y_n \end{pmatrix}, A = \begin{pmatrix} a_{11} & a_{12} & \dots & a_{1n} \\ a_{21} & a_{22} & \dots & a_{2n} \\ \dots & \dots & \dots & \\ a_{n1} & a_{n2} & \dots & a_{nn} \end{pmatrix}. \quad (4)$$

Тогда система уравнений (4) в матричной форме имеет вид

$$X = Ax + y. \quad (5)$$

Обычно это соотношение называют уравнением линейного межотраслевого баланса.

Балансовые модели предназначены для анализа и планирования производства и распределения продукции на различных уровнях – от отдельного предприятия до народного хозяйства в целом.

Рассмотрим применение модели Леонтьева на примерах туристической отрасли Республики Таджикистан. Чтобы создать балансовую модель туризма Республики Таджикистан на 2018г. нужно задать следующие параметры:

1. Посещение туристов –1155000; [1, 2]
2. Гостиницы – 4 230 число номеров;
3. Перевозка – 609,7 млн. пасс.; [2, 328]

Таблица 1 - Количество туристов, число номеров и перевозка пассажиров на кварталах (в нашем случае один квартал равен на 4 месяца)

| Отрасль | Количество туристов, число номеров и перевозка пассажиров | | |
|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 |
| Туристы | 136 805 | 159 373 | 167 534 |
| Гостиницы (чсл. номеров) | 3 722 | 3 807 | 4018 |
| Транспорт (перевозка пасс.) | 154333699 | 157536802 | 158029499 |

Можно легко посчитать, из таблицы 1 следующие значения (в отличие от 1 квартала):
Таблица 2 - Количество туристов, число номеров и перевозка пассажиров (120*=1 квартал)

| Отрасль | 1 -1 (201 5г) | 2-1 | 3-1 |
|---|---|---|---|

| | | | |
|---|---|---|---|
| Туристы/90 | 204,1 | 250,7 | 341,4 |
| Гостиницы | 189 | 85 | 296 |
| Транспорт/90 | 30396 | 35590 | 41064 |

Нам не обходимо найти следующее:

1) Убедиться, что модель продуктивна, т.е. найти матрицу коэффициентов прямых затрат;

